ШАРИФ РАҲИМЗОДА:
Зидди таҳсилоти кредитӣ ҳастам!
с.5,7





ТОҚАЕВ Ё НАЗАРБОЕВА
9 июн интихоботи Қазоқистон баргузор мешавад
с.4

КОМРОНШОҲИ УСТОПИРИЁН
аз Анталия медали биринҷӣ оварда
с.17



ТОҶИКИСТОН

№15 (1318) 10.04.19
Оғози нашр: марти 1992

Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост!

www.tajikistantimes.com

Адаш Истад:

Тоҷикистон МОРО ФАРОМӮШ кард!



Дар ин шумора:

РОҒУН:
барои идомаи кор пул лозим — с. 2


МАРЗИ ҚИРҒИЗУ ТОҶИК
музокирот дар паси дарҳои баста — с. 3

ШИНЕД, ХЕЗЕД!
таҳаввулоти нақлиёти Душанбе — с. 3

НАТО 70-СОЛА ШУД
Аз ҷанги сард то ҷанги гарм — с. 4

НАФАСГИРАМ
ҷоғар ҳастам ё диққи нафас? — с. 14

ФУТБОЛ
чемпионати Душанбе шурӯъ шуд — с. 17



ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА
муҳаррир

Талбак НАЗАРОВ,
раиси «Сандуқи хайрияи Тоҷикистон», академик

Ашӯрбой СОЛЕҲЗОДА,
Ёрдамчии Президенти ҶТ оид ба масъалаҳои иқтисодӣ

Фарҳод РАҲИМӢ,
президенти АИ Тоҷикистон, академик

Маҳмадсаид ШОҲИЁН,
раиси Кумитаи давлатии телевизион ва радиои назди Ҳукумати ҶТ

Шариф РАҲИМЗОДА,
раиси Кумита оид ба иқтисод ва молияи МНМО ҶТ

Муҳаммадюсуф ИМОМЗОДА,
ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, академик

Шералӣ КАБИРОВ,
доктори илмҳои иқтисод

Масъуд МИРШОҲӢ,
раиси Анҷумани «Рӯдакӣ», Фаронса

Ғаффорӣ Назира АБДУЛЛОЗОДА,
муовини раиси вилояти Суғд

Ҳақназар ҒОИБ,
Шоири халқии Тоҷикистон

Абдумудассир АҲМАДЗОДА,
сармуҳаррири сомонаи «Tajikistantimes»

Далер ҶУМЪАЕВ,
директори генералии ширкати «Помир Энержӣ»

Масъуди СИПАНД,
узви Анҷумани «Пайванд», ИМА

Одили НОЗИР,
мудири шуъбаи фарҳанг

Шаҳло НИЁЗОВА,
хабарнигор

Саодат РОЗИҚЗОДА,
хабарнигор

Фарзона МУРОДӢ,
хабарнигор дар вилояти Суғд

Шӯҳрат ДАВЛАТШОЕВ,
шореҳи варзиш

Маҳинаи ДАВЛАТ,
хабарнигор

Ҷомӣ ХАЛИФАЕВ,
хабарнигор дар вилояти Хатлон

Умед СУЛТОНОВ,
саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/Р3 сабти ном шудааст.

Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНҲОИ ИДОРА:
238-54-51,
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ РЕКЛАМА:
Ш. Душанбе, хиёбони И. Сомонӣ 3
44 601-35-95
director@tayron.tj

ШУЪБАИ ЭЪЛОН:
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88
ads@rg.tj

ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО ВА ОБУНА
918-63-31-63, 221-41-11
furush@rg.tj

АДАДИ НАШР:
14 300

ЗОҲИДӢ ба ЭРОН рафту НОЗИРӢ ба ТОҶИКИСТОН омад

Ҳадамоти матбуоти Президенти Тоҷикистон хабар дод, ки Эмомалӣ Раҳмон рӯзи 10 апрел кадрҳоеро, ки дар ҳайати роҳбарикунанда таъин гардиданд, барои сӯҳбат ба ҳузур пазируфт.

Бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қарорҳои Ҳукумати мамлакат Зоҳидӣ Низомиддин аз вазифаи муовини якуми вазири корҳои хориҷӣ озод ва ба вазифаи Сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Исломии Эрон таъин гардид. Нозирӣ Хусрав аз вазифаи Сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Мисри Араб озод гардида, ба вазифаи муовини якуми вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин гардид. Қодирӣ Ардашер ба вазифаи Сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Малайзия таъин шудааст. Бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Сайфзода Шаҳло ва Ризвонзода Фирдавс муовинони раиси Раёсати Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк», Бақозода Сайрам – муовини раиси Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мирзозода Ардашер – муовини сардори Хадамоти назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин гардиданд.Ҳамчунин бо қарорҳои ҳукумат, Бобозода Ҳокимшоҳ – директори Муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Назирмадзода Бахтиёр – муовини якуми директори Агентии содироти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин гардиданд. Мутобиқи моддаи 20-уми Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» барои аз вазифаи муовини якуми раиси шаҳри Бохтари вилояти Хатлон озод ва ба вазифаи муовини раиси шаҳри Душанбе таъин гардидани Гуреззода Умед розигӣ дода шуд.



Низомиддин Зоҳидӣ, сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Исломии Эрон

ҚОИМДОДОВ раис шуд

Қозидавлат Қоимдодов раиси нави Шабакаи Оғохон оид ба рушд (АКДН) дар Тоҷикистон таъин шуд. Ӯ дар ин вазифа Акбар Алии Песнаниро иваз кард.

Фаъолияти ходими давлатӣ ва дипломати собиқи тоҷик дар вазифаи нав расман баъд аз як ҳафтаи дигар оғоз хоҳад шуд. Қоимдодов нахустин шахрвандии Тоҷикистон хоҳад буд, ки роҳбарии намояндагии ин созмонро дар кишвар ба уҳда мегирад. Дар 27 соли гузашта АКДН-ро дар Тоҷикистон хориҷиҳо, асосан мутахассисони покистонӣ, роҳбарӣ мекарданд. Қозидавлат Қоимдодов, ки то 10 сол пеш дар мақоми сафири Тоҷикистон дар Беларус ва чумҳуриҳои назди Балтик кор кардааст. Ӯ гуфт, кор дар шабакаҳои бунёди Оғохон барояш чизи нав нест, чун дар гузашта дар давоми 13 сол Ҳамоҳангсози тарҳҳои он аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон будааст. Қозидавлат Қоимдодов афзуд, ки дар пояи созишномае, ки миёни Тоҷикистон ва АКДН вуҷуд дорад, номзадии ӯ ба ҳайси роҳбари нави созмон тасдиқ шуда, Президенти Тоҷикистон ба ин тасмим ризоият додааст.

ТАВАҶҶУҲ!
Сомонаи ҳафтанома.
Набзи Ватан дар дасти туст.
www.tajikistantimes.com

РОҒУН: Барои идомаи сохтмон ПУЛ лозим

Тоҷикистон аз Бонки ҷаҳонӣ хост, ки барои ҷалби сармоя ба идомаи сохтмони Неругоҳи барқи обии "Роғун" кумак кунад. Бонки ҷаҳонӣ ба ин дархости Тоҷикистон посухи равшан намедиҳад.

Дархости Тоҷикистонро Ҷамолиддин Нуралиев, муовини аввали раиси Бонки миллӣ, дар дидор бо Гоар Гюлуман, иқтисоддони аршади Бонки ҷаҳонӣ ва Ян Питер Олтерс - роҳбари дафтари ин бонк дар Тоҷикистон матраҳ кард. Ба иттилои хадамоти матбуоти Бонки миллӣ – Гоар Гюлуман, аз якум то дахуми апрел бо сафари корӣ дар Тоҷикистон буд. Ян Питер Олтерс, роҳбари дафтари Бонки ҷаҳонӣ дар Тоҷикистон рӯзи 9-уми апрел гуфтааст: "Бонки ҷаҳонӣ дар иҷрои тарҳи Неругоҳи барқи обии "Роғун" ҷонибдори кумак ба Тоҷикистон аст, то ки ин неругоҳ барои ба вуҷуд овардани фоидаи устувори иқтисодиву иҷтимоӣ мусоидат кунад. Барои аз байн бурдани рискҳои фискалие, ки ин лоиҳа ба ҳамроҳ дорад, муҳокимаи стратегие ҷиҳати дарёфти роҳҳои такмили модели иқтисоди кишвар, ҳавасмандгардонии фаъолияти бахши хусусӣ ва истифодаи ҳамаҷонибаи имкониятҳои нави содирот дар арсаи энергетика ва соҳаҳои дигар зарур аст. Ба ин мақсад Тоҷикистонро зарур аст, ин тарҳро (Неругоҳи барқи обии "Роғун") ба барномаҳои куллии ислоҳоти иқтисодӣ шомил намуда, барномаи коромади макро-фискалиро ҳамоҳанг созад".

САРИ САБЗ



Исфандиёри МИЗРОБ, нӯшобафурӯши Боғи Рӯдакӣ:

-Хоричиҳо ҳам мепурсанд, ки ҳочатхона дар кучост? Дар наздикии мо ягон ҳочатхона нест. Онҳоро ба китобхона мефиристам. Дар ошхонаи китобхона ҳочатхона ҳаст.

-Раҳмат ба шумо, беҳтарин роҳи китобхон кардани шаҳрвандонро ёфтед!



Игор Лякин-Фролов, сафири Русия дар Душанбе:

-Вақте онҳо (сармоягузорони рус) аз сармоягузории худ фоида намегиранд, чӣ гуна сармоягузорӣ мекунанд? Бо чунин фазое, ки шумо доред, набояд афзоиши сармоягузории хориҷиро интизор шуд.

-Ҷаноби сафир, фазои мо ба шумо маъқул набошад ҳам, ба чиниҳо хеле маъқул омад...



Ғ. ГАДОЕВ, сардори Раёсати кишоварзии Панҷакент:

- Баъзе аз корхонаву ташкилотҳо на ба таври маҷбурӣ, балки бо хоҳиши худашон, ки талаб доранд барои гузаронидани кишт замин ҷудо карда шуда, айни замон ба картошкапарварӣ машғуланд .

-Дуруст, пас чаро баъзе носипосон ин ташаббуси ихтиёриро "картошкаобла-ва" ном кардаанд...?

• **Маҳмадсаид Убайдуллоев, Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мегӯяд, ки фасодкорӣ дар кишвар майли афзоиш дорад.**
Раиси Маҷлиси миллӣ ҳафтаи гузашта дар ҷаласаи палатаи болоии парлумон бо такя ба омори Агентии зидди фасод гуфт, ҳуқуқвайронкуниҳое, ки ба амалҳои коррупсионӣ вобастагӣ доранд, назар ба як соли пеш 12 фоиз зиёд шудааст. Маҳмадсаид Убайдуллоев ботаассуф изҳор дошт, ки фасодкории мақомдорони давлатӣ рӯй ба афзоиш аст. “Мутаассифона, амалҳои коррупсионӣ дар мақомоти давлатӣ кам нашуда, рӯ ба афзоиш доранд ва ягон минтақаи ҷумҳурӣ аз он истисно нест”, - изҳор дошт М.Убайдуллоев.



• **Собиқ муовини вазири молияи Амрико ва мушовири Доналд Трамп раиси Бонки ҷаҳонӣ интихоб гардид.**
Ӯ дар ин вазифа муддати панҷ сол интихоб шудааст. Раиси нави Бонки ҷаҳонӣ дар суҳбат гуфтааст, ки мубориза бо камбизоатӣ дар кишварҳои фақири дунёро идома хоҳад дод. Бонки ҷаҳонӣ бо Тоҷикистон ва кишварҳои дигари пасошӯравӣ низ ҳамкорӣ дорад. Ин бонк ба Тоҷикистон миллионҳо доллар қарз дода ва кумак кардааст.

• **Наимҷон Самиев, узви собиқи ҳизби ҳоло дар кишвар мамнӯи наҳзати исломӣ, ба 15 соли зиндон маҳкум шуд.**
Мақомот ӯро дар асоси се моддаи Кодекси ҷиноӣ – "ғайриқонунӣ расондан, ҷойгир кардан ва ба кор андохтани маводи тарканда", "таълими ифротгароӣ" ва "иштирок дар иттиҳоди ҷиноӣ" айбдор карданд. Ҳукми ӯ 9-уми апрел паси дарҳои баста дар СИЗО (боздоштгоҳи рақами 2-и Хуҷанд) эълон гардид.

Дар паси ДАРҲОИ БАСТА

ба хотири роҳҳои кушода



Дар пасманзари ҳодисаҳои рӯз як воқеаҳои муҳим, вохӯрии ҳайатҳои Тоҷикистону Қирғизистон вобаста ба ҷустуҷӯи роҳи ҳалли мушкилоти марзӣ байни ду кишвар аз назари хабарнигорон то андозае дур монд.

Ҳарчанд ин вохӯрӣ пас аз ҳодисаҳое, ки дар оғози моҳи март дар марзи байни ду кишвар,ки аз сабаби моҷарои марзӣ, сабаби марги ду шаҳрванди Тоҷикистон гардида буд, баргузор гардид. Моҷарои охирин баъди он сар зад, ки сокинони Ворухи Тоҷикистон бо корҳои сохтмонии роҳи Бодканд-Оқсой-Тамдиқ мухолифат карданд. Дар пайи ин моҷаро таҳти роҳбарии муовинони сарвазирони ҳар ду кишвар музокирот оғоз шуд, ки рӯзи 18-уми март ба поён расид. Ҳафтаномаи “Тоҷикистон” борҳо дар мавриди таърихи таниши байни тоҷикону қирғизҳо дар минтақаи марзӣ навишта буд ва ҳоҷат ба такрори он нест. Минтақаи Ворух ва Чоркӯҳи Исфара пас аз истиқлолияти ду кишвар борҳо аз сабаби чунин моҷароҳо дар сархати хабарҳо қарор доштанд ва то замоне,ки масъалаҳои баҳсӣ сари марзи ду ҳамсоякишвар ба таври доимӣ ҳал нагарданд, эҳтимоли сар задани чунин ҳодисаҳоро интизор шудан лозим аст. Инак, тақрибан пас аз як моҳи ҳодисаҳои нохуши сарҳадӣ рӯзи шанбеи ҳафтаи сипаришуда, 6 апрел дар бинои Китобохонаи миллии пойтахти Тоҷикистон гуфтушунидаи байни намояндагони Қирғизистон ва Тоҷикистон таҳти роҳбарии муовиноини сарвазирони ду кишвар- Ҷениш Раззоқов ва Азим Иброҳим аз сар гирифта шуд. Ҳарчанд ин вохӯрӣ паси дарҳои баста сурат гирифт, аммо баъзе дарёфти маълумотҳо оид ба рафти вохӯрӣ имконпазир гардид. Аз ҳама маълумоти муҳим он аст, ки дар рафти ин вохӯрӣ имкони табодули заминҳо ба хотири аз анклав баровардани ҳудудҳои дар “муҳосиramонда” вуҷуд дорад. Дар як изҳороти Вазорати корҳои хориҷаи Тоҷикистон гуфта шуд,ки дар вохӯрӣ асосан чор масъала дида баромада шуд:

- *давом додани кашидани масири хатти сарҳади давлатӣ,*
- *ивази эҳтимолии қитъаҳои замин,*
- *таъмини амну субот дар сарҳад,*
- *поён додан ба таҳияи харитаҳои бузурги делимитатсионӣ.*

Агар чуқуртар дида бароем, се масъала, кашидани масири сарҳад, таъмини суботу амният, сохтани харитаи делимитатсионӣ ҳамагӣ вобастаанд аз ивази эҳтимолии қитъаҳои замин. Зеро ҳамаи он моҷароҳое,ки то ин дам рух доданд, вобаста ба ҳамин масъала буд. Яъне, агар хатти сарҳад ба маъное “рост карда шавад”, дигар ҳамаи мушкилот аз байн меравад. Вале барои шахси ноогоҳ ин ба назар осон менамояд, дар асл бошад, хеле кори мушкил аст. Чаро? Як ба харита нигариста, ба хатти сарҳади байни ин ду кишвар нигоҳ кунед, то андозае мушкилии онро мефаҳмед. Бубинед, яке аз бузургтарин деҳаҳои Тоҷикистон - Ворух дар анклав аст. Яъне, атрофи он ҳамагӣ ҳудуди Қирғизистон ба ҳисоб меравад. Баръакси ин, атрофи Оқсой ҳудуди Тоҷикистон аст. Аммо ҷониби Тоҷикистон даъвои онро дорад,ки Оқсой низ ҳудуди Тоҷикистон аст ва Ворух ҳаргиз анклав набуд. “Охири солҳои 80-уми қарни гузашта бо супориши роҳбари ҳамонвақтаи Тоҷикистон Қаҳҳор Маҳкамов ва бо имзои Раиси Совети Вазирони РСС Тоҷикистон Иззатулло Ҳаёев барои истифодаи муваққатӣ ба қирғизҳо 350 га замине,ки дар байни ҷамоати Хоҷа Аъло ва Ворух буд, дода шуд, ки то ҳол баргардонида нашудааст” («Садои мардум», 17 январи, соли 2014). Сари ин масъала, яъне муайян намудани он,ки кӣ ба кӣ чӣ қадар замин медиҳаду кӣ кучоро бояд диҳаду гирад, мушкилиҳои зиёде вуҷуд доранд,ки имкони овардани ҳамаи онҳо нест. Муҳимаш он аст,ки имрӯз ҳар ду ҷониб ҳам мехоҳанд,ки ба чунин моҷароҳои наздимарзии ду кишвари ҳамтақдир ва ҳамсояю дӯст поён ёбанд. Беҳуда нест,ки ин вохӯрӣ тӯли 13 соат идома доштааст. Аммо оё масъалае, ки ҳоло намояндагони ду ҷониб назди худ гузоштаанд, ҳалшаванда аст? Дар ин маврид андешаҳои коршиносон гуногун аст, аммо умедворкунанда маҳз ҳамин масъалаи табодули заминҳоро ба миён гузоштани ҷонибҳои гуфтугӯкунанда мебошад. Зеро ҳар фарди одӣ ҳам медонад,ки “то надиҳӣ, намегирӣ” ва бояд гузашти байниҳамдигарӣ бошад. Албатта, ин аз кори дипломатҳо ва сатҳи баланди донишу малакаи касбии онҳо вобаста аст, аммо боз ҳам манфиати ҳар кишвар барои сокинони он дар ҷои аввал меистад...

А.АҲМАДЗОДА,
“Тоҷикистон”

МАВҚЕЪ



Саодат РОЗИҚЗОДА,
рӯзноманигор

“Шинед, хезед...!” Ман итоат мекунам...

Хайрият, ҳамин дастқапакҳои дохили машруткаҳоро гирифтанд.

Акнун ҳар вақте ки нақлиёт меистад ва ё рафиқ ронанда аз нақша дер намонам гуфта газро зер мекунад, мо - ҳамсафарони дар барамон ростистодаро оғӯш мекунему меҳру муҳаббатамон боз ҳам бештар мегардад.

Баъд аз ин супориши қатъии «Автобазаҳо» мусофирони «чухтакӣ»-ро дигар савор намекунанд ва ронандагон бо даромади ночизи мусофирони “ шинанда” тоб наоварда, аз кор рафта истодаанд ва акнун роҳҳо низ тамба намешаванд. Хайр он чӣ, ки нақлиёт дар як соат як маротиба меояду аз кору аз дарс дер мемонем, проблемаи мост. Бояд соати 5 хезему сари роҳи маршруткаи “шинандаҳо”бароем, он гоҳ ҳама кор 5 мешавад. «Зато» шаҳрамон зебою ҳама “шиштагӣ”... Инак, чанд рӯз мешаввад, ки қисми зиёди ронандагон дастқапакҳои микроавтобусҳои мусофиркашиашонро кандаанд. Албатта, бо хоҳиши худ нею бо «тавсия»-и «боло». Кормандони БДА шабу рӯз интизоранд,ки ронандагони аз миқдор зиёд мусофир саворкардаро қапанду “иштароб” кунанд. АММО... Ин воқеан аммои калон аст, чунки бо ин тартиб мо аз борон гурехта зери новадон «руст» мондем. Ронандаҳо ҳамин, ки “калтакдорони калтаки сурхдорро” диданд, команда медиҳанд: “шинед!” ва ҳама итоаткорона сари дузону мешинанду «хатар», ки паси сар шуд боз “чухт” меистанд... Ин аст роҳи ҳалли проблема! Аммо рости гап, ба ҳамин ронандаҳо ҳам “жалка”...Бо яке аз онҳо ҳамсуҳбат шуда, баъди шунидани арзаш гарданашро гирифта, ҳамдардӣ баён намудам: «Мо 150-200 сомонӣ ҳар моҳ «аренда»-и мошинро медиҳем, ҳар омадурафти мо пулакӣ аст, ғайри ин худи ҳуҷҷатгзорӣ, аз 1000 сомонӣ боло мешавад. Фақат як балони мошин 800 сомонӣ нарх дорад. Таъмиру ташхиси микроавтобус ҳамааш аз кисаи худамон аст. Нархи солярка ба ҳама маълум. Агар мо одамонро рост нагирем, ба чойпулии худамон намерасад, чӣ монад бо ободии оилаамон...»Пас аз оби чашм кардан маслиҳат додам: “Ронандаи автобус шавед”. Ӯ, мисли он ки ба бемори сиҳатнашаванда менигариста бошад, баён кард: «Охир дар он автобус бояд ду нафар кор кунад. Аммо ба ин ду нафар ҳамагӣ 1600 сомонӣ маош медиҳанд. Бо 800 сомонӣ шиками кӣ сер мешавад?» Қарор додам, ки минбаъд низ бо командаи ронадаҳо “шинухез” карда гардам...

НАТО 70 - сола шуд!

Аз ҷанги сард то ҷанги гарм

Ҳафтод сол қабл, 4 апрели соли 1949, дар авҷи ҷанги сард, намояндагони 12 кишвари Аврупо ва Амрикои Шимолӣ барои имзои аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ дар Вашингтон ҷамъ омаданд ва имрӯз ин аҳднома, яъне НАТО бахши аъзами қудрати ҷаҳонро дар даст дорад.



Рӯзи ба имзо расидани аҳднома президенти вақти ИМА Гаррӣ Труман гуфт:

«Як чизи маълум, ки имрӯз ва оянда мардуми сайёра барои озодӣ ва сулҳ талош хоҳад кард. Маҳаки аҳднома банди 5-ум аст, ки бар асоси он ҳамла ба як кишвар, ҳамла ба аъзои созмон ба ҳисоб меравад».

Ман возеҳ гуфтаам, ки аъзои НАТО бояд ҳаққи худро супоранд ва аҳдҳои молиашонро ичро кунанд

Таҳдид ба аъзои паймон Иттиҳоди Шӯравӣ буд. Соли 1955, вақте Олмони ғарбӣ ба НАТО пайваст, дар посух шӯравӣ аз ҳисоби кишварҳои сотсиалистӣ аҳдномаи Варшаваро таъсис дод.

Соли 1960 чанд ҳодисаи муҳим рух дод, девори Берлинро сохтанд, дар баҳри Кариб буҳрон сар зад ва Ҷон Кеннедӣ дар Берлин суханронӣ кард. Президент Кеннедӣ дар суханронии худ дар Берлин 26 июни соли 1963 гуфт:

-Сукути девори Берлин дар соли 1989 оғози тағйироти муҳим барои НАТО шуд. Солҳои 1990-ум НАТО Балкани гирифтори ҷанги дохилиро муҳосира кард, то оташи он хомӯш шавад. Соли 1999 баъди нашри видеоҳои қатли албаниҳои Косово аз тарафи неруҳои Слободан Милошевич, ҳавопаймоҳои НАТО қаламрави Югославияро бомборон карданд. Садҳо ҳазор албаниҳоро аз хонаҳояшон ронданд.

Аммо банди 5-уми аҳдномаи НАТО фақат 11-уми сентябри соли 2001 баъди ҳамлаи «Ал-Қоида» ба Амрико амалӣ шуд. Неруҳои НАТО бо раҳбарии Амрико ба зидди «Толибон», «Ал-Қоида» ва дигар гуруҳҳои ифротӣ дар Афғонистон ҷанг эълон карданд. Дар дахсолаи охир паймон тавсеа ёфт. Қабули ҳар узви нав, ки паймонро қавитар мекард, дар муносибат бо Русия таниш бармеангехт.

Владимир Путин густариши НАТО-ро «хатари мустақим» номид. Ҳоло НАТО 29 узв дорад. Кишварҳои дигар ба мисли Босния ва Герсоговина ва Македония барои узвият омодагӣ мегиранд. Гурҷистон дар маъмуриятҳои НАТО кумак мекунад ва умедвор аст, ки онро ҳам ба НАТО қабул мекунанд.

Аммо дар дохили паймон ҳам ихтилофоти назар вуҷуд дорад. Раиси ҷумҳурии ИМА Доналд Трамп мегӯяд, НАТО аксаран ба пули Амрико такя мекунад. Моҳи майи соли 2017 дар Брюссел Трамп гуфт:

«Ман возеҳ гуфтаам, ки аъзои НАТО бояд ҳаққи худро супоранд ва аҳдҳои молиашонро ичро кунанд».

Баъди ишғоли нимҷазираи Қрим ва тасарруфи ду вилояташ аз тарафи ҷудоиталабони зери ҳимояти Русия, Украина талошҳо барои пайвастан ба НАТО-ро аз сар гирифт.

Дар 70 соли охир НАТО аз як паймони низомии замони ҷанги сард ба паймони байналмилалие табдил шуд, ки дар ҷабҳаҳои гуногун фаъолият мекунад.

ТОҚАЕВ ё НАЗАРБОЕВА

9 июн интихобти Қазоқистон баргузор мешавад

И.в. Президенти Қазоқистон Қосим -Жомарт Тоқаев дар Паёми телевизиониаш эълон кард, ки рӯзи 9 июн дар ин кишвар интихоботи ғайринавбатии президентӣ баргузор мегардад.



Тоқаев рӯзи 20 март дар мақоми роҳбари аввали Қазоқистон Нурсултон Назарбоевро баъди қариб 30 соли ҳукмрониаш иваз кард. Тоқаев хабар надод, ки оё азми гузоштани номзадии худаш дар интихоботи моҳи июнро дорад ё на?

Коршиносон дар мавриди интихоботи президентии Қазоқистон пешгӯӣ карда буданд, ки командаи Назарбоев зоҳиран духтари калонии ӯ Дариға Назарбоеваро ба мақоми аввал расондан мехоҳад.

Дариға Назарбоеваи 55-сола рӯзи 20 март, пас аз истеъфои падараш аз симмати президентӣ ва ба ин мақом таъин шудани Қосим Жормат Тоқаев раиси палатаи болоии парламони ин кишвар интихоб шуд.

Тоқаев дар паёмаш баргузории интихоботро "комилан зарур" номид ва гуфт, ин маъракa бояд пешбинишаванда будани сиёсати Қазоқистонро тасдиқ кунад.

Ӯ афзуд, ки мавзӯи даъвати интихоботи ғайринавбатиро бо мардум, роҳбарони аҳзоб ва ҳамчунин бо Елбаси (унвони расмии Президенти қаблӣ Нурсултон Назарбоев) маслиҳат кардааст.

Тоқаев баргузории интихоботи одилона, боз ва демократиро ваъда дода гуфт, ки Президент дар асоси иродаи мардум интихоб хоҳад шуд. Таъмини шароит барои баргузории чунин интихоботи демократиро, и.в. Президенти Қазоқистон вазифаи усулии худ номид.

Аммо худи Дариға Назарбоева гуфт, ки номзадҳо ба симмати президентиро ҳизбҳои сиёсӣ интихоб хоҳанд кард.

«Ҳар шахрванди кишвар мувофиқи Конститутсия метавонад ба симмати президентӣ номзадиашро пешбарӣ кунад. Қарори ниҳоиро дар бораи пешбарии номзадҳо ҳизбҳои сиёсӣ қабул хоҳанд кард» - менависад аз қавли Дариға Назарбоева «Zakon.kz».

Вале худи Назарбоева нагуфтааст, ки агар номзадии ӯро ҳизб пешбарӣ кунад, ширкат мекунад ё не.

Нурсултон Назарбоеви 79-сола аз соли 1989, қариб 30 сол бар Қазоқистон, ин кишвари аз лиҳози қаламрав бузургтарин ва дорои манобеи саршори нефту газ ва маъданҳои табиии Осиёи Марказӣ роҳбарӣ кард.

Назарбоев рӯзи 19 март дар ҷараёни як паёми телевизиониаш ба таври ногаҳонӣ эълон кард, ки аз мақоми президентӣ канор меравад ва тибқи Қонуни асосӣ, ӯро то баргузории интихобот раиси Сенат иваз хоҳад кард. Назарбоев вале гуфт, ки комилан арши сиёсии Қазоқистонро тарк намекунад, балки дар мақомҳои раиси Шӯрои амният ва роҳбари ҳизби ҳокими Нур-Отан хоҳад монд.

МАЪЛУМОТНОМА



Йенс Столтенберг

Йенс Столтенберг (норв. Jens Stoltenberg) – ходими давлатӣ, сиёсӣ ва ҳарбии Норвегия. Котиби генералии НАТО.

Столтенберг 16 марти соли 1959 дар Осло дар оилаи сиёсатмадори маъруфи норвег Торвальд Столтенберг таваллуд шудааст. Падари ӯ солҳои тӯлонӣ сафир, вазири корҳои хориҷӣ ва вазири мудофиаи Норвегия буд. Дар муддати сафирии падараш Йенс як муддат дар Югословия зиндагӣ кардааст.

Ӯ ҳанӯз аз наврасиву ҷавонӣ ба сиёсат таваҷҷуҳ зоҳир намуда, зери таъсири хоҳараш Камила, ки фаъоли ҳаракати «Ҷавонони сурх» буд, дар митингҳои зидди ҳамлаи ИМА ба Ветнам ширкат кардааст.

Ӯ таҳсилро дар Осло гирифта, фаъолияти коришро ҳамчун журналист дар рӯзномаи «Arbeiderbladet» оғоз кардааст.

Дар ҳамон давра (1985-1989) қаноти ҷавонони ҳизби коргари Норвегия буд. Дар охири солҳои 80 ва аввали солҳои 90 бо КГБ-и СССР бо лақаби «агент Стеклов» ҳамкорӣ карда, баъдан аз он даст кашид ва дар ин бора ба политсия хабар дод.

Дар оғози солҳои 90-ум ба сиёсат пайваста солҳои 93-96 вазири савдо ва энергетика, солҳои 96-97 вазири молияи Норвегия буд.


Дар оғози солҳои 2000-2001 ва 2005-2013 сарвазири Норвегия буд.

Шурӯъ аз 24 марти соли 2014 Котиби генералии НАТО аст.

Шариф Раҳимзода:

ЗИДДИ низоми ТАҲСИЛИ КРЕДИТӢ дар ТОҶИКИСТОН ҳастам!

(Аввалаш дар шумораи гузашта. Идомаи мусоҳиба бо Шариф Раҳимзода, раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия)



Суғду Данғара рушд доранд

- Ҳоло дар Тоҷикистон 4 минтақаи озоди иқтисодӣ расман фаъолият доранд. Аммо ду минтақа: Панҷ ва Ишкошим кори чашмрас надоранд ва соҳибкорон таваҷҷуҳ ҳам намекунанд. Чаро? Назари шумо ба фаъолияти минтақаҳои иқтисодии Тоҷикистон чӣ гуна аст?

- Асосан фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ на танҳо бо мақсади истеҳсол ва фурӯши маҳсулот дар дохили кишвар, балки бештар ба содирот нигаронида шудааст. Ду минтақаи озоди иқтисодии мо яке дар Панҷи поён ва дигаре дар Ишкошим дар сарҳади Афғонистон ҷой гирифтаанд. Чандин маротиба соҳибкорон хостанд, ки дар ин минтақаҳо фаъолиятро оғоз кунанд, вале бо бад шудани вазъи сиёсии кишвари ҳамсоя худро канор гирифтанд. Агар он ҷо маблағгузорӣ кунанд ҳам, маҳсулотро ба Афғонистону Покистон ва кишварҳои дигари Осиёи Ҷанубӣ содирот карда наметавонанд. Зеро вазъи сиёсии минтақа ба ин даст намедиҳад. Ҳар гуна хавфро дар ин ҷо эҳсос мекунанд. Бинобар ин, фаъолият дар ин минтақаҳо душвор аст. Ин минтақаҳо барои оянда лозиманд.

Минтақаҳои озоди иқтисодии Суғду Данғара хеле хуб рушд карда истодаанд. Дар ин минтақаҳо корхонаҳои калони саноатӣ таъсис ёфта, содироти маҳсулот ба хориҷи кишвар ба роҳ монда шудааст. Таҷрибаи муваффақи ин ду минтақа аст, ки Минтақаи озоди иқтисодии "Кӯлоб" таъсис ёфт. Минтақаҳои иқтисодӣ аз имтиёзҳои зиёд, аз ҷумла, андозбандӣ бархӯрдоранд.

- Солҳои 2019-2021 дар Тоҷикистон соли дасттирии соҳибкорӣ ва моратория эълон гардид. Қаблан низ дар Тоҷикистон моратория эълон шуда буд. Моҳияти он аз чӣ иборат аст ва дар муқоиса ба солҳои қаблӣ ин моратория бо чӣ фарқ мекунад?

- Таҷриба ва натиҷаҳо дар солҳои гузашта нишон доданд, ки дароз кардани муҳлати моратория ба манфиати соҳибкорону иқтисодиёт аст. Санҷишҳои нобаҳангому монеаэҷодкунанда ва таъсири манфии онҳо ба рушди соҳибкорӣ буд, ки Пешвои миллат бо мақсади пешгирии таъсири манфии санҷишҳои пайдарҳаму нобаҳангом супориш доданд, ки муҳлати моратория дароз карда шавад. Намудҳои санҷиш хеле зиёд буданд ва аз тарафи сохторҳои гуногун сурат мегирифтанд. Акнун миқдори онҳо кам карда шуд. Аз ин ба баъд соҳибкорон имкон доранд, вақти бештари худро ба таъмини рушди истеҳсолот, ташкили ҷойҳои нави корӣ, ҷалби сармоя, худомӯзӣ ва ҳалли мушкилиҳои дигар сарф кунанд.

Шарикӣ байни қарзгиру бонк аз байн рафт

- Солҳои зиёд муовини раис ва баъдан раиси Бонки миллӣ будед. Дар ин давра низоми бонкии кишвар ташаккул ёфт. Аммо чанд соли охир вазъи бонкҳои тиҷоратӣ вазнин аст. Чанде аз онҳо, "Фононбонк", "Тоҷпромбонк", муфлис шуданд, "Тоҷиксодиротбонк", "Агроинвестбонк" вазъи бади молиявӣ доранд. Бо ин амалашон муштариёнро сарсон карданд. Чаро ин бонкҳо ба чунин ҳол расиданд? Сабабро дар чӣ мебинед: дар мудирияти нодуруст ё омили дигар?

- Сабабҳо зиёданд. Сараввал, бадшавии вазъи иқтисодии кишварҳои шарики иқтисодии Тоҷикистон боиси қариб ду баробар кам шудани маблағи интиқолҳои пулӣ ва дар ин асос кам шудани даромадҳои пулию пардохпазириии аҳолӣ гардид. Ин ба суръати рушди иқтисодиёту талабот ба қарзҳои бонкӣ бетаъсир намонд. Дуюм, бонкҳои тиҷоратии мо асосан маблағҳои нисбатан арзонро аз бонкҳои Россияю Қазоқистон ҷалб мекарданд. Бад шудани вазъи иқтисодӣ ва мушкилиҳои бонкҳои онҳо боиси бенасиб мондани бонкҳои тоҷикистонӣ аз чунин маблағҳо шуд. Ин дар навбати худ ба самаранокии фаъолияти бонкӣ таъсири манфӣ расонид. Болои он дар ҳолати камшавии даромадҳои пулии аҳолӣ мардум барои қонеъ гардонидани талаботи худ пасандозҳои дар бонкҳо доштаашонро мегиранд, ки вазъи бадшудаистодаи бонкҳоро боз ҳам бадтар мекунад. Мудирияти нодурусти бонкҳо низ ба бонкдорӣ таъсири манфӣ расонд. Бонкдорӣ бисёр кори нозук аст. Агар роҳбари бонк мутахассиси соҳа набошад, метавонад бо пешбурди сиёсати номуносиби қарзӣ, қабули қарори нодуруст, сари вақт наандешидани чораҳои зарурӣ ё дер қабул кардани қарор ба соҳибону мизоҷони бонк миллиардҳо сомонӣ зарар расонад. Дар бонкҳо кормандон ба идораи пулҳои мардум машғуланд ва бояд ҳам масъулиятшинос ва ҳам мутахассиси сатҳи баланд бошанд. Барои бонкир шудан дониши дахлдор ва малакаи камаш 15 - солаи корӣ маҳз дар ин низом зарур аст. Дар раи шӯравӣ дар бонкҳо асосан мардуми русзабон кор мекарданд. Тоҷикону мардуми дигари маҳаллӣ қариб, ки дар ин соҳа набуданд. Баъди аз кишвар рафтани русзабонҳо ба ин низом мутахассисони соҳаҳои гуногун, ҳатто коркунони соҳаҳои аз он дур ворид шуданд. Болои он шумораи бонкҳо якбора зиёд шуд ва аниқ аст, ки шумораи зарурии кормандони соҳаи бонкӣ намерасид. Ин аст, ки мо аз низоми дурусти қарздиҳӣ ва хизматрасонии бонкӣ дур шудем. Бештар қарзҳое додем, ки ё таъминоти дуруст надоштанд ё имкониятҳои қарзгирандаро ба инобат намегирифтанд. Шарикӣ байни қарздиҳандаю қарздор аз байн рафт. Дигар бонк худро барои баргардонидани қарзи додааш ҷавобгар ҳис намекард. Қарздор нисбатан озод буд. Дар замони шӯравӣ агар бонк қарз медод, қарзгиранда доимо таҳти назорати он қарор мегирифт. Мутахассисони бонк хусусиятҳои фаъолияти қарздорро медонистанд. Мо дар донишгоҳ дар баробари фанҳои иқтисодӣ технология ва фанҳои соҳавиро мехондем, зеро донистани соҳаи фаъолияти мизоҷи бонк барои мо ҳатмӣ буд. Мутаассифона, ҳоло чунин нест. Агар барои харидани хона қарз диҳем, ин маблағ бояд барои пардохти нархи он сарф шавад. Қарз набояд пурра дар ихтиёри қарзгир гузошта шаваду он чӣ тавре ки мехоҳад, онро сарф кунад. Хонаи бо қарзи бонкӣ харидашуда таъмини қарз ва гарави бозгашти он аст. Пеш аз он ки касе аз бонк қарз мегирад, ӯ бояд қисме аз маблағи барои фаъолияташ ё хариди хона заруриро дошта бошад. Барои мисол, агар нархи хона 300 ҳазор сомонӣ бошад, харидор бояд тақрибан 90 ҳазорашро дошта бошад. Мутаассифона, чунин набуд ва қарзҳои зиёде дода шуданд, ки таъминоти дуруст надоштанд. Инчунин, нархи хона ва иншоотҳои ба гарави қарз қабулшуда бинобар таъсири бухрони молиявӣ поён рафт. Ҳатто, кормандони баъзе бонкҳо пешакӣ медонистанд, ки қарзҳои додашаванда барнамегарданд, вале ин омилро ба инобат намегирифтанд, зеро манфиатҳои шахсиашон болотар аз манфиати бонк буд. Дар бонкдорӣ хотирбинӣ, ба инобат гирифтани мавқеи роҳбари бонк ё соҳибони бонк раво нест. Зеро дар онҳо пули мардум ҳамчун амонат гузошта шудааст. Ба амонат хиёнат кардан гуноҳи нобахшиданист. Мо бояд муносибатамонро ба бонку бонкдорӣ комилан дигар кунем. Муносибати русҳою қазоқҳо ба бонкҳою бонкдорӣ намунаи хубест.

- Аз баланд будани фоизи қарз дар бонкҳои Тоҷикистон бисёр мегӯянд. Чаро фоизи қарз баланд аст ва магар ин ба шароити Тоҷикистон мутобиқ аст?

- Дар ҳақиқат фоизи қарзҳо нисбатан баланд аст. Дар чунин ҳолат қарз наметавонад ба рушди иқтисодиёти воқеӣ мусоидат намояд. Фоизи қарз ин нархи қарз аст, ки онро бозор дар асоси талаботу пешниҳод муайян мекунад. Агар бонкҳо захираҳои қарзии зиёдатӣ медоштанд, маҷбур мешуданд фоизи қарзро поён баранд, то тавонанд аз бақарздиҳии ин захираҳо фоида гиранд. Мутаассифона, захираҳои қарзии бонкҳо зиёд нест, аз ҷумла бо сабаби камшавии пасандозҳо. Солҳои 2008 то 2014 бонкҳои тоҷикистонӣ аз бонкҳои Россияю Қазоқистон бо фоизи паст қарзи зиёд мегирифтанд. Аз сарчашмаҳои дигар низ маблағҳои зиёд ворид мешуданд. Мутаассифона, ҳоло бонкҳо чунин имконият надоранд.

- Барои чӣ?

- Зеро Россия, Қазоқистон ва дигар кишварҳо худ мушкилӣ доранд ва маблағҳои доштаашонро барои рушди иқтисодиёти худ равона мекунанд. Кишварҳои аврупоӣ бошанд, ба мо қарз намедиҳанд, зеро бонкҳои мо рейтинги зарурро надоранд.

- Имрӯз бозори асъори Тоҷикистон калаванда аст. Қурби доллар майли болоравӣ дорад. Бозори сиёҳи асъор хеле ривоҷ ёфтааст. Бо нархи тасдиқнамудаи Бонки миллӣ асъори хориҷӣ харидорӣ намудан ниҳоят мушкил аст. Муштариён барои гирифтани ҳамагӣ то 500 доллар соатҳо дар нуқтаҳои мубодилаи асъор навбат меистанд, аммо бенатича. Чаро ба чунин вазъ гирифторем? Чӣ бояд кард, ки бозори асъор ба танзим дарояд ва омилҳои субъективӣ аз байн равад?

- Дар таърихи Тоҷикистон танҳо соли 2008 қурби доллар каме поён рафт. Дигар ҳама солҳо он боло рафтааст. Мутобиқ ба талаботи қонун воситаи ягонаи харидуфурӯш дар қаламрави Тоҷикистон пули миллӣ - сомонӣ мебошад.

(Давомаш дар саҳ.7)



«МАҲАЛЛИҲО» дар маҳалҳо «БАЧАИ ӮГАЯНД...»

Дар ҷумҳурӣ беш аз 80 номгӯй рӯзномаҳои шаҳрию ноҳиявӣ нашр мешаванд. Теъдоди нашри онҳо гуногун аз 600 то 3-4-ҳазор нусхаро ташкил мекунад. Нигоҳ аз ҷониби муассисон ба ин нашрияҳо низ гуногун аст.

Бояд иқрор шуд, ки вазъу ҳолат, обунашавӣ, диққату эътибор додан аз ҷониби муассисон ба рӯзномаҳояшон дар вилояти Суғд бехтар аст. Инро нисбати вилояти Хатлон гуфтан мумкин нест. Дар ин вилоят танҳо рӯзномаи «Гулистон» (Фархор) обунааш солҳои 2005-2014 ба 3, 5-4 ҳазор нусха мерасид. Дар боқимонда ноҳияҳо тиражи онҳо дар солҳои охир аз 1000-1500 нусха намегузарад. Чунончӣ дар ноҳияҳои Ҳамадонӣ барои соли ҷорӣ ба 1571 нусха, Ш. Шоҳин-1500, Восеъ, Ховалинг -1000-1100, Данғара-1100, Балҷувону Темурмалик, Муъминобод-750 нусхагӣ обуна шудааст. Акнун тасаввур кунед, ки нусхаҳои ночиз ба 90 то 170 ҳазор нафар аҳолии ин маҳалҳо чӣ гуна дастрас мегардад? Маблағҳои аз 40 то 55 ҳазор сомонии обунаи қабулкардаи рӯзномаҳо бояд ба матбааҳо, идораҳои алоқа, барқ, коммуналӣ, обрасонӣ, андоз пардохт намоянд. Инчунин маблағҳои сафарҳарҷиҳо, хариди маводҳои конселярӣ, таъмир, обунашавӣ ба нашрияҳои вилоятию ҷумҳуриявӣ низ аз ин ҳисоб бояд дода шаванд. Пас, бояд теъдоди обуна ба рӯзномаҳои маҳаллӣ камаш 2-3 ҳазор нусха бошад.

Мақомотҳои вилоятию ноҳиявӣ ба обунаи рӯзномҳои маҳаллӣ чун бачаи угай менигаранд. Онҳоро дар нақшаи обуна дохил намекунанд. То имрӯз боре надидаам, ки намояндагони рӯзномаю маҷаллаҳои “давлатӣ” аз идораи ҳукуматҳои шаҳру ноҳияҳо дуртар рафта бошанд, бо мардум барои тарғибу ташвиқи хеш вохӯрда бошанд. Ҳатто аксараш аз Душанбе аз утоқҳои гарму барҳаво ба маҳалҳо занг зада омирона, мегӯянд: «Нақшаро ним накардед. Медонед, муассиси мо кист?». Ҳангоме ки дар шаҳру ноҳияҳо ин маъракаи обунаро аз моҳи сентябр то декабр бо бизану бибур кашол додаю ба 95-у 100 фоиз мерасонанд, як оҳи сабук мекашанд. Дигар рӯзномаҳои маҳаллӣ медонанду Худояшон...

Аз 2019 нусхаи обунаи пешниҳодкардаи мо ин рақам имрӯз базӯр ба 750 нусха расидааст халос. Акнун тасаввур кунед, ки ин миқдор нусха ба 90 ҳазор нафар аҳолии ноҳия чӣ миқдор мерасаду кӣ онро мехонад? Аз рафти обуна барои худ як чизи дигарро кашф кардем. Масъулони ҷамоатҳо ва раисони кумитаҳои маҳаллаҳо аз мардум «30 сомонӣ барои обунаи рӯзномаи «Субҳи меҳнат» гуфта маблағро ғун мекунанду оварда ба бахши маънавиёти ҳокимияти ноҳия месупоранд. Ин ҷо дасту остин барзада, аз 10 нусха обунаи «Субҳи меҳнат» 2 нусхагӣ ба «Ҷумҳурият» ё «Садои мардум» ё 3 нусха «Хатлон обуна мекунонанду муштариён бошанд аз мо домангир мешаванд, ки чаро ба рӯзномаи ноҳиявӣ обуна мешаванду онро дастрас намекунанд.

Ба андешаи инҷониб, он проблемаю масъалаҳоеро, ки рӯзномаҳои маҳаллӣ инъикос мекунанд, рӯзномаҳои ҷумҳуриявию вилоятӣ аз уҳдааш намебароянд. Ба мушоҳида низ мерасад, ки дар раванди ҷанги иттилоотӣ низ рӯзномаҳои шаҳриву ноҳиявӣ пешгомтаранд. Нобахшиданист, ки барои онҳо семинару омӯзишҳо, вохӯриҳо, ҷамъомадҳо намегузаронанд. Онҳоро соле як бор танҳо вақти ҷашнгирии Рӯзи матбуоти тоҷик ёд мекунанду халос. Аксар редаксияҳо ҳоли табоҳе доранд. Онҳо дар биноҳои аз доуқёнус монда, бе чопхонаҳои замонавӣ, бе диктофону суратгирак, бе мошини хизматӣ кору фаъолият доранд. Ба болои ҳамаи ин боз равшанфикрони «боакле» ёфт мешаванд, ки пешниҳоди барҳамдиҳии рӯзномаҳои шаҳрию ноҳиявиро доранд. Шояд ин гуна ашхос дар умрашон умуман рӯзномае нахонда бошанд.

Ба андешаи мо, ба рӯзномаҳои шаҳриву ноҳиявӣ Ҳукумати ҷумҳурӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир намоянд, онҳоро аз ҷиҳати моддию маънавӣ ҳар чӣ бештар дастгирӣ кунанд, барои фаъолияти пурсамар, боэътимоди онҳо шароити мусоид фароҳам оваранд.

Нурулло ҲАСАНОВ,
рӯзноманигор

НАСИҲАТ хуб аст, аммо амал БЕҲТАР...

Солҳои охир тарбияи ҷавонон масъалаи аввалиндараҷа гардидааст. Шахсан ман фикр мекунам, ки пеш аз ҳама, мо ба баҳонаи он ки дар давлати демократии ҳуқуқбунёд зиндагӣ мекунем, аз идеологияи давлатдорӣ фарсахҳо дур мондем, махсусан дар тарбияи насли наврас.

Насли ҷавон асосан дар мактаб тарбия меёбад. Мо - насли калонсол нағз дар хотир дорем, ки дар мактаб линейкаҳои пагоҳирӯзӣ гузаронида мешуд. Дар ин ҷамъомад дружинаҳои пионерии ҳар синф бо навбат баромада, оиди рафтори хубу бади хонандаи синф, бадхоҳону аълохонҳо, прогулчию дарсгурезҳо, носкашу бучулбозҳо, хушахлоқу бадахлоқҳо кӯтоҳ-кӯтоҳ дар байни ҳамаи хонандагону муаллимони мактаб ахборот медоданд. Ба ғайр аз хондани дарс дар мактабҳо кружокҳои фаннӣ, шеърхонӣ, ҳаваскорони санъат, рассомӣ, суратгирӣ, шеърнависӣ, мақоланависӣ, истеъдодҳои ҷавон амал мекарданд, ки хонандагон дар ин ва ё он кружокҳо иштирок мекарданд. Аъзои ин кружокҳо касбҳои дӯстдоштаашонро омӯхта, ба ҳаёти оянда тайёр мешуданд. Беҳтарин рассомону санъаткорон, ровиёну шоирон, журналистон, суратгирону ҳаваскорони калонсоли мо касби ояндаашонро маҳз дар ҳамин кружокҳои мактабӣ интихоб мекарданд. Ман ҳамчун як шаҳрванд, нафақахӯр ба Ҳукумати ҷумҳурӣ пешниҳод мекунам, ки Кумитаи ҷавононро аз варзишу сайёҳӣ дар алоҳидагӣ ташкил кардан зарурат пеш омадааст. Вагарна дер хоҳад шуд, чунки шахсан баръало ҳис мекунам, ки аз рӯзҳои аввали Истиқлолияти давлатӣ масъулини кумитаи ҷавонон аз ҳолу аҳволи мактабҳо умуман хабардор нестанд. Ҳушу гӯши ҳамаи кормандони ин кумита фақат ба варзишу сайёҳӣ банд аст. Сохторҳои Кумитаи ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳо алоҳида шаванду шумораи кормандони он (штат) ақаллан 7 нафарро ташкил кунад, фикр мекунам, ки кори тарбияи насли наврас камаш 70- 80 фоиз ҳалли худро меёбад. Аз ҷумла, масъалаҳои даъват ба сафҳои артиш ва никоҳҳои хешутаборию танзим ҳалли худро меёбанд.

Хонандагонро ба донишомӯзию касбомӯзӣ, ватандӯстию меҳнатдӯстӣ ва аз қаҳрамониҳои мардуми Тоҷикистон сухан карда, онҳоро хеле дилгарм мекарданд. Ҳоло тақдири хонандаи мактаб фақат дар дасти директору муаллими мактаб мондааст халос.

Қурбоналӣ САФАРОВ,
раиси Шӯрои собиқадорони ҷангу меҳнати ноҳияи Восеъ

Ба БЕМОРОНИ ҚАНД кумак расонида мешавад

Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақолаеро таҳти унвони «Рекорди Хатлон: «гирифторон 10 000, фавтидагон 200 нафар», ки 18 марти соли 2019 дар ҳафтаномаи “Тоҷикистон” ба нашр расидааст, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дод.


10 ТОҶИКИСТОН КАНЗИ ШИФО www.tajikistantimes.com №12 (1315) 18 марти 2019

Рекорди ХАТЛОН
гирифторон 10 000, фавтидагон 200 нафар

Дар ҳудуди вилояти Хатлон аёни замон наздики 10 ҳазор нафар гирифторони бемории диабети қанд ба қайд гирифта шудаанд, ки даҳуми соли ҷорӣ зиёда аз 200 нафар гирифторони ин беморӣ фавтидаанд.

Исҳоқи ҲАМЛ
чӣ паймодҳо дорад?

Давраи такмили ихтисоси табибон дар Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва кафедраи эндокринологияи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино» тибқи нақша гузаронида мешавад.

М. КАМОЛЗОДА,
муовини вазир

ЗИДДИ низоми ТАҲСИЛИ КРЕДИТӢ дар ТОҶИКИСТОН ҳастам!

(Аввалаш дар саҳ.5)

Яъне, гардиши пулҳои кишварҳои дигар ва истифодаи онҳо ҳангоми харидуфурӯши молу хизматрасонӣ манъ аст. Мавҷудияти теъдоди зиёди нуқтаҳои мубодилаи асъор ва харидуфурӯши асъор вобаста ба шароити замон буд. Гарчанде ман ҳам зидди харидуфурӯши асъор дар нуқтаҳои мубодилаи асъор будам, вале онҳо кори муайянро ба анҷом мерасониданд ва таҳти назорати Бонки миллӣ буданд. Ҳар бор, вақте ки ба онҳо таъсир расонида мешуд, бозори сиёҳ боз рушд мекард ва ин ба қурби пули миллӣ бетаъсир набуд. Рушди низоми бонкӣ, аъзогии Тоҷикистон ба созмонҳои муқовиматкунанда ба қонунигардонии маблағҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм, пешгирии имкони фиристодани маблағҳо барои мақсадҳои зикршуда, аз ҷумла дастгирии террористони "Давлати исломӣ" ва ғайраҳо зарурати танзими ин низомро ба миён овард. Ин аст, ки Бонки миллӣ ва сохторҳои дахлдор ҳамчун пешбарандаи сиёсати асъор дар дохили кишвар ҳаракати асъорро назорат мекунанд. Ҳар касе, ки бо ширкатҳои хориҷӣ ҳамкорӣ дорад ё бо мақсадҳои гуногун ба хориҷи кишвар сафар мекунад, дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда метавонад асъори хориҷиро харидорӣ намояд. Албатта, ҳолатҳое мешаванд, ки бонкҳо наметавонанд талаботи мизоҷро қонеъ намоянд. Он гоҳ бонк бояд ҳаҷми зарурии асъорро аз бонкҳои дигар харидорӣ намояд. Мо ҳамчун шаҳрванд бояд ба истифодаи асъори хориҷӣ дар дохили кишвар роҳ надиҳем, зеро истифодаи асъори хориҷӣ дар дохили кишвар хизмат кардан ба кишвари хориҷӣ аст.

Фаъолияти шӯроҳои илмӣ суст аст

- Шумо профессор дар риштаи молияю бонкдорӣ ҳастед ва дар донишгоҳҳои олӣ ба донишҷӯён дарс мегӯед. Имрӯз сатҳи дониши иқтисодии донишҷӯён шуморо қаноатманд мегардонад?

- Не албатта. Сараввал, дар кишвари мо барои аз худ кардани дониш дар самтҳои ҷамъиятӣ, дақиқу техникӣ, ки таъминкунандаи рушди ҷомеаанд адабиёт хеле кам аст. Донишҷуён бошанд, аксар забонҳои англисию русиро намедонанд, то аз сарчашмаҳо бо забонҳои дигар истифода кунанд. Новобаста аз таъкиду сахтгириҳои Пешвои миллат, Президенти мухтарамамон дар самти омӯзиши ин забонҳо пешравӣ ба назар намерасад. Вале ҳавасмандии донишҷуён барои аз худ кардани фанҳо нисбати солҳои пешин бештар ба назар мерасад. Вақте ки ба аудитория ворид мешаведа, мебинед, ки 90 фоизи донишҷӯён дарсро бодиққат гӯш мекунанд. Баъзеи дигар ором нишастаанд, вале фикру хаёлашон дар дигар ҷост. Бархе бо телефон паёмакбозӣ мекунанд. Пеш аз он ки дарсро оғоз кунам, ба донишҷӯён зарурияти фанро мефаҳмонам. Дарси додаам оид ба пулу қарз буда, ба ҳама дахл дорад. Бо донишҷӯён бисёр наздикам, зеро имрӯз ба онҳо додани донишу таҷрибаеро, ки тӯли солҳои дароз гирифтаам, вазифа ва қарзи худ медонам. Ба хотири адои ҳамин қарз ба донишгоҳ меравам. Мебинам, ки шумораи онҳое, ки воқеан ташнаи донишанд, зиёд шуда истодаанд ва бояд зиёд шавад, зеро имрӯз иқтисодиёти кишвар ниёз ба мутахассисон дорад. Новобаста аз хешутаборӣ, бародарию хоҳарӣ, агар мехоҳем, ки фаъолияти соҳибкориамон босамар бошад, бояд мутахассисонро ба кор гирем. Ҳоло ҳамаи онҳое, ки фаъолияти ҳалол доранд, рӯ ба мутахассис меоранд, зеро рақобат дар тамоми соҳаҳо пуршиддат шуда истодааст. Бинобар ин, донишҷӯёни риштаи иқтисод дар рақобат қарор доранд ва танҳо бехтаринҳо ҷойи кори муносиб меёбанд.

-Имрӯз тамоми муассисаҳои олии кишвар ба низоми кредитии таҳсил гузаштаанд. Шумо ин низомро ҷонибдорӣ мекунед?

-Ман сад дар сад ҷонибдори низоми тестии қабули довталабон ба донишгоҳҳоям, зеро он 90 фоизи мушкилиҳоямонро аз байн бурд. Аммо низоми кредитии таълимро қабул надорам. Онро ба истилоҳ "тоҷикӣ" кардему ба талаботи имрӯзаи ҷомеаи мо ҷавобгӯй нест. Худ муаллимаму мебинам, ки донишҷуён чӣ гуна баҳо мегиранд. Донишҷӯ агар дар корҳои ҷамъиятӣ фаъол бошад, метавонад ба асоне соҳиби диплом шавад.

- Қаблан кадрҳои соҳаи иқтисод дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон омода карда мешуданд. Аммо имрӯз мисли замбурӯғҳои баъди борон дар бештари муассисаҳои олии кишвар дар риштаи иқтисод мутахассисон омода мешаванд, аммо аксарият бо ҷойи кор таъмин намешаванд. Чаро?

- Ин талаботи бозор аст. Мо бояд сифатро аз ҳисоби рақобати байни донишгоҳҳо таъмин намоем, на аз ҳисоби кам кардани донишҷӯён. Бозор озод аст. Ҳар касе дониши муайян дораду пули хонданро пардохт менамояд, ҳуқуқ дорад, ки дар донишгоҳ таҳсил кунаду соҳиби диплом шавад. Дар ин раванд зарур аст, ки баҳодиҳӣ ба донишгоҳҳо дуруст бошад. Донишгоҳе, ки мутахассиси хуб омода мекунад, бояд дастгирӣ ёбад. Донишгоҳҳое, ки ба талабот ҷавобгӯй нестанд, бояд баста шаванд. Бубинед, чанд сол пеш дар Россия 2068 донишгоҳ амал мекард. Ҳоло ин рақам то 1167 адад расидааст. Бештарашон ба рақобат тоб наоварда, баста шуданд. Вақте ки сифати таҳсил паст шуд, ниҳоди дахлдор иҷозатномаи онҳоро мегирад. Имрӯз қисме аз донишгоҳҳои мо аз ҳисоби буҷет маблағгузорӣ мешаванд, сохторҳои дахлдор бошанд, дар ин самт назоратро бояд пурзӯр кунанд. Зеро мутахассисони ин муассисаҳои олӣ боз дар сохторҳои давлатӣ фаъолияти худро идома медиҳанд.

- Ба ягон Шӯрои диссертатсионӣ аъзо ҳастед? Агар ҳа, ба сатҳи корҳои илмӣ чӣ гуна баҳо медиҳед?

> **Tajikistantimes.com**
>
> *Мо қариб то 30-35 - солагӣ бо оилаем, ба падару модар такя мекунем. Дар худамон қувваи мустақилиятро намебинем. Пойбандем, аз ҷудо шудан метарсем. Дар аврупоиҳо ин чиз нест. Пеш мераванд ба сӯйи оянда*

-Бале, ман ба се Шӯрои диссертатсионии тоҷикӣ ва як Шӯрои диссертатсионии русӣ аъзоям. Фаъолияти шӯроҳои илмӣ нисбат ба пеш каме сусттар аст. Шӯроҳои тоҷикӣ нав ба фаъолият оғоз кардаанд. Дар онҳо асосан корҳое дифоъ мешаванд, ки қаблан бо забони русӣ омода шуда буданд. Дар шӯроҳое, ки ман аъзо ҳастам, то ҳол надидаам, ки бо забони тоҷикӣ ҳимояи илмӣ сурат гирифта бошад, вале шунидам, ки чанд нафар аллакай бо забони тоҷикӣ рисолаи илмӣ ҳимоя карданд. Ҳоло ҳам низоми пешин амал мекунад. Онҳое, ки кори илмиро анҷом медиҳанд, асосан такя ба сарчашмаҳои илмӣ мекунанд. Мутаасссифона, дар илмҳои иқтисодӣ, дақиқу техникӣ ҳоло сарчашмаҳои илмӣ бо забони тоҷикӣ вуҷуд надоранд. Ташаккули сарчашмаҳои илмӣ вақти зиёд мехоҳад, бинобар ин, танҳо онҳое метавонанд бо забони тоҷикӣ дар ин соҳаҳо рисолаи илмӣ нависанд, ки забонҳои пешрафтаи хориҷиро медонанд ва аз сарчашмаҳои илмии хориҷӣ истифода кардаанд.

- Дар як нишасте пешниҳод кардед, ки мақомот ва мардуми кишвар бояд ба омӯзиши илмҳои дақиқ таваҷҷуҳи ҷиддӣ кунанд. Аммо мушоҳида мешавад, ки дар мо бештар майл ба илмҳои гуманитарӣ доранд. Чаро? Чӣ бояд кард, ки майл ба илмҳои дақиқ бештар шавад?

- Ҳамаи мо мактаби миёна хондаем. Хонандагоне, ки фанҳои дақиқ, ба монанди математика, физика, химия ва ғайраҳоро хуб медонистанд, ифтихори мактабу ноҳияю ватан буданд. Агар ба таҷрибаи кишварҳои дигар назар афканем, мебинем, ки ҳама ба ҳукумати электронӣ ва иқтисоди инноватсионию рақамӣ мегузаранд. Мо ҳам наметавонем ба қафомонӣ аз сатҳи рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ роҳ диҳем. Иҷрои ҳамаи стратегияю барномаҳо, вазифаҳои аз ҷониби Пешвои муаззамамон гузошташуда, хусусан гузариш аз модели аграрӣ-саноатӣ ба модели индустриалӣ-аграрии рушди иқтисодиёт бештар аз мутахассисони муҳандисию техникӣ вобаста аст. Онҳо қодиранд неругоҳу корхонаҳои азим бунёд кунанд, дигарон, аз ҷумла мо иқтисоддонҳо мусоидаткунандаи кори босамари онҳоем. Ҳадафи асосӣ қафо намондан аз рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ аст.

Ман зидди фарҳанг нестам, шояд нисбат ба баъзеҳо бештар шеър донам. Вале шеърдонӣ ҳунар нест, он воситаи татбиқи ҳунар аст. Вақте ман фикрамро пурра ба аудитория расониданӣ мешавам, мумкин аз шеър истифода мебарам. Донистани компютер низ ҳунар нест, воситаи татбиқи ҳунар аст. Масалан, банда мутахассиси соҳаи бонкдориам ва тавассути истифодаи компютер корамро ба анҷом мерасонам. Донистани забони хориҷӣ ҳам ба шахс имкон медиҳад, ки самаранокии корашро баланд бардорад.

- Дар бораи «технократ»-ҳои ҷавоне, ки гӯё метавонанд ҷумҳуриро аз буҳрони тӯлонӣ раҳонанд, чӣ андеша доред?

- Мувофиқи қонуни мавҷуда одамони то 30-сола ба гурӯҳи ҷавонон ворид мешаванд. Ҳоло мо ба ҷавонон ниёз дорем. Вале бояд донист, ки онҳое дар идоракунӣ мувaффақ шуда метавонанд, ки ҳам дониш ва ҳам таҷрибаи зарурӣ доранд. То 30-солагӣ муҳлати басанда аст, ки шахс ҳам соҳиби донишу ҳам малакаи зарурӣ гардад. Бо донишу бе таҷриба ба қуллаҳои баланд наметавон расид. Инро дар такя ба таҷрибаи худ мегӯям. Масалан, барои мутахассис дар соҳаи бонкдорӣ баъди хатми донишгоҳи соҳавӣ камаш 15 соли кор дар бонк лозим аст. Зеро тамоми донишҳое, ки мегирем, базавианд. Донишдоре нест, ки баъди донишгоҳ ба истеҳсолот рафта, дарҳол муваффақ шавад. Пешвои миллат ба мувваффақшавии ҷавонон дар самтҳои гуногун диққати хоса медиҳанд. Онҳо бояд аз шароити мавҷуда истифода кунанд, забонҳоро хуб донанд, компютеру барномаҳои компютериро аз худ кунанд, пешсафи ҷомеа ва сазовори боварии Ҷаноби олӣ бошанд.

Чаро Аврупо пешрав асту мо не?

-Муддате дар Аврупо кору зиндагӣ доштед. Сабаби муваффақияти онҳоро дар чӣ мебинед?

- Онҳо чанд чизе доранд, ки мо надорем. Якум, фарзандро барои он калон мекунанд, ки фарзандашро калон кунад. Фарзанд дар синни 18-20-солагӣ аз хона баромада меравад. Фикр мекунад, ки аз ҳисоби падару модараш зиндагӣ кардан хатост. Фарзанд ба худаш такя мекунад. Ҳатто онҳо ба худояшон такя намекунанд, чунки дар дини онҳо мустақилият ҳаст. Мо ин мустақилиятро надорем. Мо қариб то 30-35 - солагӣ бо оилаем, ба падару модар такя мекунем. Дар худамон қувваи мустақилиятро намебинем. Ҳатто агар 30- сола ҳам шавем, ҳаракат мекунем, ки аз имкониятҳои волидайн истифода кунем. Пойбандем, аз ҷудо шудан метарсем. Дар аврупоиҳо ин чиз нест. Пеш мераванд ба сӯйи оянда. Ба ғайр аз худ, ҳеҷ касро намебинанд. Онҳоро дар ақидаи боварӣ ба худ ва вобастагӣ аз худ тарбия кардаанд.

Мо кӯдакро аз хурдӣ такя ба итоат кардан меомӯзем: ҳар чӣ калон гӯяд дуруст аст, овозатро баланд накун, сари хамро шамшер намебурад ва монанди ин. Бо мулло вохӯрдем, ҳатман аз он воқиф мешавем, ки қисматамон дар пешониамон навишта шудааст, саги худоем, аз дасти мо ҳеҷ чиз намеояд. Яъне, аллакай қобилияту истеъдоди кӯдак бо чунин рафтор маҳдуд карда мешавад. Гарчанде Оллоҳи таъоло мо - бандагонашро бо қобилиятҳои зарурӣ меофарад ва бояд худ роҳи зиндагиамонро ёбем, дар асл чунин рафтор намекунем. Ин аст, ки агар дар роҳи татбиқи мақсадамон каме ба душворӣ дучор оем, аз роҳамон мегардем. Садҳо бор ба худ ваъда медиҳем, ки ҳунар, забон, компютер меомӯзем, вале аввал шурӯъ мекунему баъди чанде аз роҳамон мегардем. Ба худ бовар надорем. Ҳодисае, ки дар масҷиди Зеландияи нав рух дод, ба ёд оред. Вақте террорист вориди масҷид мешавад, ҳама сар хам мекунанд. Касе сар боло намекунад ва муқобилият нишон намедиҳад. Яъне, мо ҳамин гунаем... Банда тарафдори мусулмони сарбаландам. Оне, ки дигаронро на бо зурӣ, балки бо дониши баландаш идора мекунад. Агар мо аз дигарон дониши бештар дошта бошем, хоҳу нохоҳ моро эътироф мекунанд. Ин аст, ташвиқи аслии дини мубини ислом.

Мусоҳиб Усмон РАҲИМЗОДА,
"Тоҷикистон"



НОН ҲАМ НОНУ НОНРЕЗА ҲАМ НОН

озмун барои дарёфти Ҷоизаи махсуси ҳафтаномаи "Тоҷикистон" - Нишони сарисинагии ба номи Муродуллоҳ Шерализода

ҲИКМАТИ НОНИ ТОҶИКӢ

Соли 1978 дар яке аз шаҳрҳои Полша (Лаҳистон) Фестивали умумиҷаҳонии ансамблҳои халқӣ-этнографӣ шуда гузошт, ки дар он санъаткорони беш аз 50 давлат ширкат варзиданд. Дар он Тоҷикистонро ансамбли фолклории "Чашма"-и колхози овозадори ба номи Ленини ноҳияи Восеъ намояндагӣ мекард.



Ҳам расми кушодашавӣ ва ҳам ҳунарнамоии озмунӣ дар варзишгоҳи марказӣ сурат гирифт.Ҳунарпешагони восеъгӣ бо сарварии Зариф Наҷмиддинов тавонистанд бо намоиши рақсҳои чакану сурудҳои фалакиву ҳунарҳои намадрезону ҳинобандону арӯсбиёрон ҳамаро ба ҳайрат, меҳру муҳаббат, мухлисӣ, дилбастагию дӯстдорӣ биёранд. Ҷоизаи асосии фестивал "Табарчаи тилоӣ" чун ғолиб ба тоҷикистониҳо насиб гардид.Ҷои сониро туркҳо, ки довталаби асосӣ буданд, гирифтанд.

Як рӯз баъд санъаткорони тоҷик дар вестибюли (долони васеи) меҳмонхонаи шаҳр барои ҳайати ҳакамон,раиси шаҳр ва якчанд ҳунармандони номдори ҷаҳон, ки ба ҳайси тамошобин иштирок доштанд, дастурхони миллӣ оростанд. Намаду палос, кӯрпачаҳо, дастурхони пурнозу неъматро ороста дар он аз орзуқу ҳалво то кулчаю фатир, нонҳои ғафсаку чапотӣ, хонфатир, қаламаро муҳайё намуданд. Даъватшудагон вақти ваъдагӣ омадан гирифтанд.

Чун одати миллӣ онҳоро хушомад гуфта, бо офтобаю чилимчӣ ва сачоқ дастҳошояшонро об гирифта, болои кӯрпачаҳои шоҳию атлас, бахмал шинонданд. Дар чинию табақҳо шӯрбо, дар лаълиҳо ошро кашида оварданд. Дар фарҷоми ин зиёфати барои хориҷиён ҳайратангез инони суханро раиси ҳакамони озмун аз худи кишвари Полша ба даст гирифта гуфт.

- Мо дар пеши анъана, одоб, ҳунармандӣ ва меҳмоннавозии тоҷикон бори дигар сари таъзим фуруд меорем. Як маротиба онҳо бо санъати волояшон ҳамаи моро қоил карданд. Инак, бори дуюм бо анъана, меҳмондорӣ ва нону намак доданашон моро ба ҳайрат оварданд. Ин одат ва урфи миллии меҳмондории тоҷиконро бинед,ки мо - меҳмонон ҳама болои кӯрпачаҳо нишастему мизбонон болои сари мо рост истода, хизмат мекунанд. Аҳсан, ба ин одат, санъат ва меҳмонпазирию дастурхондорӣ! Бесабаб ҳам дар исми ин миллат калимаи тоҷ (яъне аз ҳама боло, баланд) мавҷуд нест. Бори дигар аҳсан ба шумо.

Ин лаҳзаҳо аз чашмони 30 нафар ҳайати ансамбли "Чашма" ва намояндагони Вазорати фарҳанги Тоҷикистон ашки шодӣ, нишот, ғолибият, сарбаландӣ, фарру шаҳомат мерехт.

Насиба ҲАСАНОВА,
рӯзноманигор,
н. Муъминобод

НОНИ ҚОҚ



Даҳсола будам, ки модарам ману додари хурдиямро дар назди бибиҳоям (Худо умри ҳардуяшонро дароз кунад) гузошта, худашон ба Русия, ба назди падарам рафтанд, то ки ҳамроҳ кор карда, хона бихаранд.

Ману додаракам гоҳ дар назди бибии падарӣ ва гоҳи дигар дар назди бибии модарӣ, дур аз меҳри падару модар, аммо серу пур калон шудем.

Мактаби миёнаро бо баҳои хубу аъло хатм намуда, ба факултаи рӯзноманигории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳуҷҷат супоридам. Хеле зиёд мехостам журналисти шинохта бошаму дар телевизион баромад кунам, аммо аҳли оила зидди интихоби ман баромаданд. Монеаҳоро тай намуда, донишҷӯи факултаи журналистика шудам. Замони донишҷӯ буданам аз сабаби дурии роҳ дар як сол ҳамагӣ 2-3 маротиба ба хабаргирии бибиҳоям мерафтам. Вақти бозгашт аз рӯи одат онҳо ба ман ҳатман нони хонагӣ ва боз қанду конфету дигар анвои хӯрданӣ медоданд. Ман бошам, ҳеҷ ҳавсалаи аз роҳи дур бардошта овардани нон ва кулчаву фатирро надоштам.

-Ба ҷои ҳамин нон пулашро диҳед, худам рафта аз шаҳр харида мехӯрам, - гуфтам боре ба бибиям.

-Одам аз нон рӯй намегардонад, бачем,-ба насиҳат даромаданд бибиям. –Пул ҳам медиҳам, лекин нонро гирифта бар. Худат нахӯрӣ ҳам, ба ягон каси дигар медиҳӣ!

-Ман тамоман иштиҳо надорам, он қадар нон намехӯрам. Беҳуда ба ман нон медиҳед, дар хонаи иҷора пӯсида меравад, - баҳона кардам ман.

Ба гапҳои ман гӯш наандохта, бибиям ба янгаам фармуд, ки нонҳоро дар халтаи ман ҷо кунад.

-Инҳо нони одӣ не, фатири равғанӣ ҳастанд, бачем. Дар дарунаш боз шир ҳам дорад. Як маротиба нигоҳ кун, чӣ қадар зебо пухтаанд. Агар хоҳӣ, ки пӯсида наравад, дар рӯи ягон дастархон тунук карда мон, қоқ шуда меистад. Ҳар гоҳ, ки гурусна мондӣ, ба об тар карда мехӯрӣ, -маслиҳат доданд бибиям ҳангоми аз хона баромаданам.

Ба Душанбе омадам. Дар ҳавои гарму тоқатфарсои шаҳр хӯрдани нон фикр мекунам, ки амри маҳол аст. Ғайр аз хунукӣ ба кас чизе намефорад. Аз рӯи гуфтаи бибиям амал карда, фатирҳоро дар рӯи дастархон тунук карда мондам. Бо гузашти рӯзҳо нонҳо ранг иваз кардаву қоқ шуда меистоданд. Баъди қоқ шуданашон нонҳоро дар як халтаи селофанӣ гирифта, дар баландие овезон кардам.

Рӯзе ба модарам занг зада гуфтам, ки пулам тамом шудааст ба ман пул равон кунанд.

-То гирифтани маош ҳамагӣ 2-3 рӯзи дигар мондааст, камтар сабр карда ист, ҳатман равон мекунам, - гуфтанд модарам дар ҷавоб.

Ман бошам ҳамроҳам умуман пул надорам. Аз қарз пурсидан шарм мекунам ва наметавонам ба касе мурочиат намоям. Ба бадии кор дар хонаи иҷора танҳоям. Нафаре нест, ки дар ин рӯз дар барам бошад. Медонед ку дар шаҳр бе пул гаштан имкон надорад. Аз хона, ки баромадӣ, сарф шудан мегирад.

Сахт гурусна мондам. Аз гуруснагии зиёд лабҳоям хушк шуда, рангурӯям зард шуданд. Бори аввал дар ҳаёт худро ин қадар бекасу бечора ҳис кардам. Нигоҳам ба ҳамон халтаи селофании нондор, ки дар мехи хона овезон меистод, афтид. Ба ҷисмам ҷони тоза даромадагӣ барин парида аз ҷоям хестаму халтаро аз мех гирифтам. Даҳонашро кушода бинам, нонҳои хушкшуда бетағйир истодаанд ва бӯи равғану шир ҳамоно ба димоғ мерасид. Дарҳол як чой мондам. Фатирро шикаста, ба чойи доғ тар кардам. Он дар як дам мулоимаку дилкаш шуд. Боиштиҳо хӯрдам ва баъди сер шудан фикр кардам, ки аз модар нав таваллуд шудаму ягон ғаму дард надорам. Дар ҳамин асно суханҳои бибиям ба хотирам омад. Ҳарчанд танҳо будам, вале аз худам шармам омад, ки чӣ тавр ман тавонистам аз нон рӯй бигардонам. То пул равон кардани модарам 2-3 рӯз ман фақат нони қоқ хӯрдам.

Баъди ин ҳодиса ҳар бори аз деҳа баргаштанам аз пештара зиёдтар нонро бо худ мегирам.

Сомони МУҲАММАД,
донишҷӯи ДМТ

БЕХАБАР НАМОНЕД!

Ҷоизаи ба номи Муродуллоҳ Шерализода дар соли 2019 шуморо интизор аст

Хонандагони азиз! Озмуни «Нон ҳам нону нонреза ҳам нон» барои дарёфти Ҷоизаи махсуси ҳафтаномаи «Тоҷикистон» - Нишони сарисинагии ба номи Муродуллоҳ Шерализода идома дорад. Шумо метавонед, матолиби худро то 20 апрели соли равон ба озмун пешниҳод намоед. Матлаби шумо бояд қадри нон ва ба ин васила сарфаву сариштакорӣ дар ҳаёти инсонро инъикос намояд. Б а насли нав бифаҳмонад, ки инсон дар мачрои зиндагӣ барои дарёфти қути лоямут чӣ қадар азият мекашад, ба чӣ душвориҳо рӯ ба рӯ мегардад. Бояд хонанда дарк кунад, ки бо сӯзан

чамъ кардану бо панҷшоха бод кардан гуноҳ аст...

Ғолиби озмун сазовори Ҷоизаи ба номи Муродуллоҳ Шерализода ва 2000 сомонӣ маблағ мешавад.

МАТОЛИБИ ХУДРО БА СУРОҒАИ ЗЕРИН ФИРИСТЕД:

ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, Маҷмааи табъу нашри «Шарқи озод», ошёнаи 11, идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон»

ё почтаи электронии **tojikiston@pressa.tj.**

ТЕЛЕФОНҲО БАРОИ МАЪЛУМОТИ БЕШТАР:
238-54-51, 93-350-70-20

Кумаки азизи ХУДО



Дар деҳа зиндагӣ мекардем ва рӯзгорамон хубу осуда мегузашту аз чизе танқисӣ намекашидем.

Падарам хислати аҷибе доштанд, ки ба хӯроквории хона дикқати чиддӣ медоданд, ҳама чизро барзиёд гирифта, захира мекарданд. Аммо бо вуҷуди чунин сериву пурӣ ҳамеша дар хонае, ки падар мезистанд карсону борхалтаҳои пур аз нони қоқ меистод. Нонҳо хеле хуб хушконида шуда буданду аз онҳо бӯи мағор намеомад.

Боре аз падарам сабаби нонхушккуниашро пурсон шудам. Падар табассуми маънидоре карда, посухи мушаххас надоданд. Бибии 90-солаам, ки шоҳиди сухбати мо буданд, ба гап ҳамроҳ шуданд:

-Солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ буд. Бобоятро ба ҷанги Гермон гирифта бурданду ба ҳамин нуҳ сол аз ӯ хату хабар наомад. Ман дар хона бо кӯдакони хурдсол мондам. Фарзанди калониам падари ба балоғатнарасида буд. Ҳамон солҳо чунон қаҳтиву гуруснагӣ шуд, ки ногуфтанӣ. Мани хонашин бо тифли хурдсол ҳеҷ кор карда наметавонистам. Ягона марди хонаамон падарат буд, ки бояд моро мехӯронд. Он солҳо танҳо зиндагии мо не, зиндагии ҳама ҳамин хел сахту душвор буд. Нон набуд. Мардум шабу рӯзи дароз ба саракчинӣ мерафтанд.

Решаҳои алафҳои хӯрданиро оварда, дар об мечӯшониданду гӯё аз он хӯрок мепухтанд. Ҷаву кунҷора ҳам хӯрдем. Он тамом шуд, мардум «қоқгили» деворҳоро канда-канда мехӯрдагӣ шуданд. Аз хӯрдани чунин хӯрокҳо ҳар рӯз даҳҳо одамони калону тифлакон варамида мемурданд. Ман ҳам се фарзанди азизам Баҳрому Файзаливу Азимро аз даст додам. Замин сахту осмон баланд. Аз дасти бандааш ҳеҷ кор намеояд. Шабу рӯз корам гиристан буд. Мавсими боғ боз мерасиду каме ҷонамон медаромад. Ангуру меваҳои шаҳдбор ба ҷони мардум дарди дармон мешуданд.

Падарат чени кувваташ ҳамроҳи пиронсолони деҳа меваро гирифта, ба воситаи «Тундара» ба бозори Янгибозори ҳамонвақта мерафтанд. Онро фурӯхта тунукча меоварданд, ки даҳтои онро агар як кӯдак хӯрад, сер намекард.

Як рӯз ҳангоми бозоррав дар наздикии «Тундара», ки ду ноҳияро ба ҳам мепайваст, падарат бо мӯйсафеди нуронии сафедпӯше вомехӯрад. Мӯйсафед ба дасти падарат як бандча пулҳои коғазӣ дода, хоҳиш мекунад, ки ба ӯ аз бозор хар харида орад. Падарат пулҳоро гирифта меравад. Ҳангоми харидории хар якбора ба дилаш шубҳа меафтад, ки яке хари харидаам ба мӯйсафед маъқул нашавад. Пас ман онро чӣ кор мекунам. Беҳтараш биё нахараму пули мӯйсафедро гардонда диҳам. Баъдан, ба фикр фурӯ меравад, ки мӯйсафед кӣ буд? Маро намешиносад, аммо ин қадар пулро бовар карда дод...

Ӯ пулҳоро гирифта, ба ҷои муайянкардаи мӯйсафед меояд. Вале аз мӯйсафеди нуронӣ дараке набуд. Ӯ соатҳо интизор мешавад, вале мӯйсафед намеояд. Аз ин кор ба модар ҳарфе назада, ҳар рӯз ба ҷои таъинкардаи мӯйсафед меравад. Соатҳоро дар интизори он мӯйсафед мегузаронад, вале аз ӯ дарак набуд. Падарат пулҳоро оварда, даруни қуттии гандум паноҳ мекунад.

Пас аз ин зиндагиамон мисле ки хуб шуд, гандум аз хонаамон канда набуд. Аз чунин ранг гирифтани зиндагӣ дар дили ман шубҳа пайдо шуд ва ман аз қафои падарат шудам. Як рӯз дар даруни халтаи гандум пулҳоро дида, ҳуш аз сарам парид. Падаратро дошта пурсидам:

-Росташро гӯй, ин пулҳо аз кучо гирифтӣ? Дузд шудӣ?

Падарат бошад, асли воқеаро ба ман нақл карда дод... Баъди ин ман калонсолони деҳаро ҷамъ оварда, ҳама қиссаро нақл кардам ва ҳама бо як овоз гуфтанд, ки он мӯйсафед танҳо ба азизони Худо рӯ ба рӯ мешавад ва шояд Хизр бошад...

Ҳамин тавр, падарам бо вуҷуди оне ки зиндагии мардум хуб шуд, рӯзҳои сахти аз сар гузаронида ва ёрии мӯйсафеди нуроириро аз ёд набароварда, ҳеҷ гоҳ бурдаи нонро намепартофтанд ва онро ҷамъ мекарданд, ки баъдан мехӯрдем.

Ин одати эшон ба мо - фарзандон ҳам мерос мондааст.

Тоҷинисои АЗИЗ,
журналист



Дар даврони бачагиямон амакам - Раҳматҷон ҳар гоҳ ба хона оянд, рафтори моро дар сари дастурхон дида насиҳат мекарданд:

-Нонро дудаста шиканед ва нонрезаҳоро ҳам хӯред, ҳоло шумо гуруснагиро аз сар нагузаронидед. Барои як луқма нон мо чӣ қадар ҷонбозиҳо мекардем.

Ба қадри гуфтаҳои амакам, ки солҳои душвори Ҷанги Бузурги Ватаниро дидаанд, баъдан, калон шуда расидем.

Дар оғози соҳибистиқлолии кишвар, ки ба ҷанги бародаркушӣ табдил ёфт, гуруснагӣ ва бенонӣ кишварро фаро гирифт. Барои таъмини мардум ба ҳар оила сарикасӣ нон медоданд. Ману шавҳарам бо се фарзанд дар чанд рӯз як маротиба нон мегирифтем ва онро ҳам серӣ намехӯрдем.

Дар ин шабу рӯз фарзандонам ба камол расида буданд ва бояд фарзанди нахустинамро оиладор мекардам ва халқро ошу нон медодам. Вале ёфтани нон ниҳоят душвор буд... Намедонам чӣ корам ба Худованд хуш омад, ки додарам аз кучое як халта орд ёфта овард, то ки тӯямонро барпо кунем.

Нисфи ордро ба нонвойхонаи маҳалла бурда, нон пазонидем. Маъракагузаронӣ дар Хуҷанд кори ниҳоят душвор буд ва хеле эҳтиётқориро тақозо мекард. Мабодо дар тӯю маърака ягон камбудӣ шавад, одам байни дӯсту душман хандахариш мешуд. Модарам Саодатхон (рӯҳаш шод бод) ба худ мепечиданд, ки оё нон мерасида бошад? Илова бар ин, баъди тӯй ҳам омадурафти меҳмонҳо канда намешавад, ба дастархони ҳама нон бастан лозим буд...

Шукри Худо тӯямон нағз гузашт ва чандин рӯзи баъди тӯй нонрезаҳои аз тӯймондаро ҳам хӯрдем. Баъди тамом шудани нонрезаҳо як рӯз модарам нон мепухтанд, ки дӯстонам Артисти халқии СССР Ҷӯрабек Муродов ва Мавҷудахон Сайфуллоева ба меҳмонӣ ва муборакбодӣ омаданд. Онҳо нони гарми нав аз танӯркандаро ба даст гирифта, ба дида молида, гуфтанд: “Ин рӯзҳои сахт мегузарад ва иншоаллоҳ ба сериву пурӣ мерасем”.

Дар ҳамон рӯзҳои душвор Светлана ном дугонаам 10 кг барин орди мазааш гузаштаву талхшударо бароварда партофтанӣ шуд, аммо ман гирифта, ба хона овардам ва бо шакар омехта карда, нон пухтам. Хоҳаршӯям-Раҳбарой ба хона омад ва нони гармро дида як бурида хӯрд. Чун мазаи талхии омехтаи шакарро ҳис кард, об аз чашмонаш ҷорӣ шуданд. Ман ӯро ба оғӯш гирифта, насиҳат кардам: “Зиқ нашав, ҳоло ба сериву пурӣ мерасем”...

Мана имрӯз шукр, ки ба сулҳу салоҳ ва сериву пурӣ расидем, аммо мисле ки он рӯзҳои вазнинро фаромӯш карда бошем, ба нон беэҳтиромӣ мекунем. Айни замон хонаи ман дар паҳлуи хобгоҳи яке аз муассисаҳои олии шаҳри Хуҷанд қарор дорад ва ҳамарӯза ҷавонону донишҷӯён ва ҳатто занонро мебинам, ки нонро бароварда, ба партов мепартоянд.

Онҳоро дошта, насиҳат мекунам, ки шуморо падару модаратон аз деҳот ва шаҳру ноҳияҳои дурдаст бо сад машаққат барои таҳсил фиристодаанд, шумо нисбати нон беэҳтиромӣ накунед, нонрезаҳоро ҳам хӯред ва нонҳои қоқшударо ба шӯрбову чой тар карда, истеъмол кунед, аммо онҳо боз ба кори зишти худ идома медиҳанд.

Мо насиҳатҳои калонсолонро шунида, нисбати нон бо эҳтиёт ва эҳтиром муносибат мекунем. Ман то имрӯз нони обаш рафтаро ношукрӣ накарда, ба пеши чорво набурдаам ё ба партов напартофтаам. Шояд ҳамин бошад, ки одамони синнусоли мо дар душвориҳои зиндагӣ тоб оварда, рӯзҳои вазнинро бо таҳаммул пушти сар карданд ва имрӯз мо ба сериву пурӣ расидем. Бинобар ин, ман ҳамеша ба ҷавонон насиҳат мекунам, ки мағзи нону гарди ордро дар вақти буданаш бояд азиз дошт ва эҳтирому эҳтиёт кард...

Сулҳия МӮЪМИНОВА,
нафақахӯр, гирандаи Ҷоизаи ба номи Карим Абдулов

ФАТИРИ ДЕГӢ

Марди ҳамсояи мо вафот карду чор кӯдакаш дар тарбияи модар монд. Ду нафари фарзандон аз зани аввал ва дутои баъдӣ аз зани кунуниаш буд.

Солҳои баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ буд. Мардҳо заминҳои ҳамворро бо ҷуфти гов шудгор карда, бонувон талу теппаҳоро бо каланд шудгор карда, ғалладона мепошиданд.

Аввалҳои моҳи апрел колхозчиён дар мавзеи Қалъачӯй кор мекарданд. Яке аз бачаҳои ҳамин ҳамсояамон омада ба ман гуфт, ки ҳамроҳ ба сари очааш равем.

Пурсидам:

-Чаро?

- Рафта ба очам хабар медиҳам, ки апам Хуснигул як санг орде, ки очаам бачо карда буд, дуздида фатир карда, дар дег пухта хӯрд.

Ҳамроҳ рафтем. Модар аз дур писарашро дид, ки ба назди вай меояд, хавотир шуда, каландро дар ҷояш гузошту саросемаву ҳавлҷон ба назди мо омад.

Бача ҳодисаи фатири дегиро ба модараш ҳикоя кард. Модар дар ғазаб сӯйи хона роҳсипор шуд. Ману писараш аз қафои модар ба хона омадем. Модар аввал ба аловхона даромада, дегро аз назар гузаронид, баъдан чагдони таги дегро кофт, ки алов ва гармӣ нест. Ба монанди мурғ бо панҷоҳояш хокистарҳои таги дегро титу пош дод. Ягон нишонаи пухтупаз наёфта, ба хона даромад.

Хуснигул дар кӯрпаи кӯҳнаи фарсуда печида хоб буд. Модарандар нисбати духтараки мариз золимона рафтор мекард. Бошаст кӯрпаро аз болои ӯ дур партофт.

Чеҳраи Хуснигул намоён шуд, аз тарси ҷазабаи моиндар бошад ё аз ҳарорати баланди маризӣ, ки ранги рӯяш канда ва бадани заифаш барги дарахт барин меларзид. Модар супориш дод, ки ба пушт хоб кун ва даҳонатро кушо!

Духтар даҳонашро кушод. Модар даҳонашро бӯй кашид. Баъд решаи дандонҳои ӯро як-як аз назар гузаронид. Дар решаи дандонҳояш шираи орд часпида монда будааст.



-Ту худро ба касалӣ зада, хонаро хилват ёфта, ордро дуздида хӯрдаву аз болояш об хӯрдӣ, мана нишонаро ёфтам... - гӯён, зан гапҳои қабеҳ мезад, - ман он орди дуздида хӯрдагиатро захри танат мекунаму зукуми ҷанат, - гуфта дасташро аз таги кӯрпаи Хуснигул ба рӯи шикамаш давонд. Хуснигул як оҳи ҷонкоҳ баланд карду хомӯш шуд.

Ман тарсида хонаамон рафтам. Рӯзи дигар хабари ҷанозаи Хуснигул омад. Моиндар гуфтааст, ки духтар аз гуруснагӣ фавтид...


Файзалӣ ШАРИФЗОДА,
ноҳияи Балҷувони вилояти Хатлон



10 апрел рӯзи аввалин пахши барномаҳои радиои Тоҷикистон аст. Тӯли 89 сол мешавад, ки радиоҳои кишвар мардумро аз рӯйдодҳои нав огоҳ мекунанд.

РАДИОИ ТОҶИК

аз мушкилоти кадрӣ то сатҳи барномаҳо



Имрӯз мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки чанд соли охир бо пеш рафтани Интернет ва дигар воситаҳои иттилоърасонӣ шунавандаи радио то ҷое коҳиш ёфтааст. Воқеият чист? Радиоҳои Тоҷикикистон дар баробари пешравӣ, чӣ мушкилот доранд? Хабарнигори "Тоҷикистон" дар арафаи Рӯзи радиои тоҷик чанд нафар рӯзноманигоронеро, ки дар радио фаъолият мекунанд, пурсон шуд.

ҶОНИБЕК АСРОРИЁН, САРМУҲАРРИРИ РАДИОИ "ФАРҲАНГ":



- Имрӯз шунавандаҳои радиои кишвар на танҳо мардуми деҳот, нафақахӯрону хонанишинҳо ҳастанд, балки шахсиятҳое низ ҳастанд, ки ба илму фарҳанг сарукор доранд ва онҳо шунавандаи радио ҳастанд. Умуман, доираи шунавандагони радио ҳеҷ гоҳ мавқеашро гум намекунад, то замоне ки аудиторияи худро доранд. Агар мушоҳида кунем, солҳои пеш танҳо дар хона ва ҷойҳои корӣ радио буд, вале дар шароити кунунӣ ҳама дар телефони мобилии худ радио дорад. Ин имконият медиҳад, ки мардум бо радио наздиктар шаванд, саволу дархост пешниҳод кунанд ва мушкилоти худро ҳал кунанд.

СУРАЙЁИ ШУҶОАТ, ЖУРНАЛИСТИ «САДОИ ДУШАНБЕ»:



- Радио, телевезион ва матбуот имрӯз ҳар кадоме доираи шунаванда, бинанда ва хонандаи худро доранд. Ҳоло ҳам мардум ба радио таваҷҷуҳи бештар мекунанд, зеро он воситаи аз ҳама арзон ва барои мардум дастрас аст. Вақти онҳоро дар ичрои кори хона ё саҳро намегирад. Имрӯз шунавандагони радио мардуми деҳот, бахусус занону духтарон ва маъюбон мебошанд. Аммо, мутаассифона, қисми зиёди мардуми мо нисбат ба барномаҳои радио камтаваҷҷуҳанд ва рӯ ба филмҳои туркӣ овардаанд. Ин ҳам сабаб дорад. Баъзе барномаҳое, ки 10 сол пеш дар радио пахш мешуданд, ҳоло ба он сатҳ нестанд. Шунаванда он чизе, ки мехоҳад, гӯш кунад, дар радио пайдо намекунад. Шахсоне, ки имрӯз роҳбарии радиоро ба уҳда мегиранд, бояд журналисти хуби соҳа бошанд, мавҷи радиоро ҳамеша назорат кунанд. Шароити кории хуб барои хабарнигорон муҳайё созанд. Агар аз ҷиҳати иқтисодӣ имкон надошта бошанд, ақаллан журналистҳои хубро халал нарасонад, онҳоро маҷбур накунанд, ки ҷойҳои кориашонро тарк кунанд. Имрӯз радиоҳои давлатӣ ва хусусӣ ниёз ба Субҳон, Саидэҳсон ва Орзу доранд.

СУБҲОН ҶАЛИЛОВ, ДИРЕКТОРИ РАДИОИ «ВАТАН»:



- Имрӯз нисбат ба дигар воситаҳои ахбори омма шунавандаи радио бештар аст. Бартарии радио дар он аст, ки барои шунидан қариб пул сарф намешавад, фаврият то андозае риоя гардида, доираи барномаҳо, фарогирӣ ва мавзӯъҳояш ҳам фарохтару шавқовартар аст. Шунавандаи радио ҳамоне аст, ки мехоҳад мавқеи ӯро ҳамин лаҳза ва дар ҳамин мавзӯъ, ки матраҳ аст, дигарон фаҳманд, дар миёни назарҳои мухталиф нигоҳу назари ӯ ҳам мустақиман ҷой ёбад.

Имрӯз шунавандаи радиоро метавон ба чанд гурӯҳ тақсим кард. Гурӯҳи аввал касоне ҳастанд, ки замони ягона будани радио барои ҳама, яъне, замони шӯравӣ ва вақте ки радиоҳои замони нав вучуд надоштанд, радиоро гӯш мекарданд. Онҳо табиист, ки аз шеваи таҳияи барномаҳои имрӯзи радиоҳои хусусӣ он қадар розӣ нестанд ва нигарониву эродашон то ҷое дуруст ҳам ҳаст. Радиое, ки онҳо мешинохтанду мешуниданд, ба сифати барномаҳо, саводу донишу ровӣ, муҳаррир ва гӯянда таваҷҷӯҳи бештар медод. Онҳо ба консертҳои зинда, садоҳои табиӣ ва воқеӣ, гуфторҳои хуби адабӣ, фарҳангӣ ва мусиқӣ одат карда буданд.

Гурӯҳи дуюм онҳое ҳастанд, ҳам шеваи куҳнаи таҳияи барномаҳои радиоӣ онҳоро қаноатманд намекунад, ва ҳам ба пайдоиш ва фаъолияти радиоҳои замони нав, ки дар мавҷи FM барнома таҳия мекунанд, ботаҳаммул назар мекунанд. Бартарии ин гурӯҳи шунавандаҳо он аст, ки онҳо қобилияти таҳлил, баррасии оқилона ва дуруст, истеъдоди муқоиса кардан ва беҳтаринро интихоб карданро доранд. Онҳо шабу рӯзи дароз дар назди радио намешинанд, вале дар бораи ҳар барномаи радиоӣ хулосаи санҷидашуда доранд.

Гурӯҳи сеюм насли наве аст, ки ба мазмун ва мундариҷаи саҳифа ва бахшҳои радиоӣ, ба мантиқи суҳбати гӯянда ва ва диджей комилан таваҷҷуҳ намекунанд. Агар зеҳн монанд ҳам, дурустӣ ва хатои суҳбати ӯро фаҳмида наметавонад. Барои онҳо муҳим суруд ва мусиқӣ аст. Ҳоло баъзе ровиёни ҷавону камтаҷриба ва ҳатто комилан бетаҷриба дар як муддати кӯтоҳ худро машҳур мепиндоранд. Набудани нигоҳи танқидӣ, набудани баҳогузории мушаххас ва дақиқу санҷидашуда аз ҷониби шунавандаҳо, мақомоти назораткунанда ва мунаққидон ба он мусоидат мекунад, ки хатоҳои дағал ҳар рӯз такрор шаванд ва қариб ки ба меъёри суҳбати ҷавонон табдил ёбанд.

Дар ҳамин миён гурӯҳи дигари ками шунавандаҳои радиоӣ ҳам ҳастанд, ки нигоҳи замонавӣ, дониши амиқ, дарки баланд, истеъдоди таҳлил ва барҳурди оқилона доранд.

БАРОҲАТ ШУКУРОВА, ЖУРНАЛИСТИ РАДИОИ "ИМРӮЗ":



- Радио воситаест, ки мардум дар тамоми ҷой метавонанд гӯш кунанд, аз навигариҳои рӯз огоҳӣ ёбанд. Имрӯз радио аудиторияи васеъ дорад. Шунавандагони он дар ҳамаи табақаҳо ҷомеа ҳастанд. Махсусан имрӯз дар дохили нақлиёт шунавандагони радио бештаранд. Радио дар ҳаёти мардум нақши калидиро мебозад, нисбати радио бе таваҷҷуҳ нестанд ва инро мо аз зангҳои телефонӣ мушоҳида мекунем.

САИДҶАЪФАР АШӮРОВ, ДИРЕКТОРИ РАДИОИ "ХОВАР":



- Аз он рӯзе, ки радио ҳамчунин воситаи алоқа ихтироъ шуд, ақидаҳои гуногун пайдо шуданд. Яке мегуфт бо омадани радио касе матбуот намехонад ё рӯйи кор омадани ТВ касе радио гӯш намекунад. Аммо гузашти вақт нишон дод, ки ин се шоха дар тамоми қишри ҷомеа мақоми худро аз даст нахоҳанд дод. Гарчанде асри XXI бо суръати баланди техника рӯ ба рӯ шуда бошад ҳам, пешрафти Интернет низ наметавонад ҷойи радиоро гирад. Имрӯз баръакс шунавандагони радио нисбат ба замони шӯравӣ дида бештар ба назар мерасанд. Радиоҳои мо дар сомонаҳои интернетӣ сомонаи худро доранд ва мардум метавонанд ҳамзамон дар баробари истифодаи он, инчунин, шунавад. Гарчанде дар Тоҷикистон нисбат ба шабакаҳои ТВ радиоҳо зиёд бошанд ҳам, вале ҳар кадоме аудиторияи худро доранд.

ОБИДҶОН САИДЗОДА, МУОВИНИ АВВАЛИ ДИРЕКТОРИ РАДИОИ "ТОҶИКИСТОН":



-Агар барномаҳои радиои имрӯз ҳадафрас, мақсаднок ва актуалӣ бошанд, он вақт аудиторияи худро ҳеҷ гоҳ аз даст нахоҳанд дод. Радио яке аз расонаҳое мебошад, ки дар шароити иқлими Тоҷикистон мавҷи он ба ҳама минтақа мерасад. Ҳатто ба ҷое, ки газета рафта намерасад инро мо метавонем аз мурочиат ба барномаҳои радиои муайян кунем. Барои ин бо аудиторияи васеи ҷомеа ҳамеша дар алоқа мебояд буд. Шунавандагони радио имрӯз тамоми синну сол: аз хурдсол то калонсол, аз мардуми одӣ то олиму мутаххасисон мебошанд.

Таҳияи Ширин ТОҲИРӢ

АЗ РӮЗГОРИ САРВАТМАНДОН

ШАЙХ ҲАМДАН

Ҳамдан ибн Муҳаммад ал Мактум 14 ноябри соли 1982 дар оилаи династияи ҳукмрони аморати муттаҳидаи Араб ба дунё омадааст.



Аз 1-уми феврали соли 2008 шаҳзодаи меросии Дубай ба ҳисоб меравад. Вай яке аз 23 писарони Муҳаммад Ал- Мактум – сарвазири Аморати Муттаҳидаи Араб буда, аз байни писарони ӯ маъруфтарин ба ҳисоб меравад. Зеро дар бораи зиндагии ашрофонаи ӯ зиёд менависанду ба ҳаёти рӯзмарааш таваҷҷуҳ медиҳанд. Боигарии ӯ 18 миллиард доллар ҳисобида мешавад. Ҳарчанд аз овоне, ки худро мешиносад, атрофашро пулу мол ва боигарии беҳудуд иҳота намудааст, шаҳзода дар рӯҳияи арзишҳои миллӣ тарбия ёфтааст. Доир ба падару модараш чунин мегӯяд: Падарам устоди асосӣ ва дӯсти ман барои тамоми умр мебошад. То ҳоло аз вай меомӯзам. Модарам рамзи муҳаббату ғамхорӣ ва зани орифае аст. Ӯ лоиқи эҳтироми бузург мебошад. Фикр мекунам, ки ҷомеае, ки модарро эҳтиром намекунанд, ба комёбие ноил намешавад.

Шайх Ҳамдан ба аспдавонӣ, моҳидорӣ ва шеърнависӣ майли зиёд дорад. Ӯ яке аз мардҳои мучарради сайёра мебошад, ки хонумони зиёде барои ба даст овардани дили ӯ тало шва орзу меварзанд. Овозае ҳаст, ки бо кадом як хешованди модариаш номзад шудааст. Вале дар яке аз чорабиниҳои хайриявӣ Калила Саид ном паноҳандаи фаластиниро дида, ошиқ мешавад. Ин духтарро шояд шаҳзодаи сарватманд будани ин ҷавон чандон ба вачд наовард, ки ҳатто барои ба даст овардани дили вай се моҳ аз пасаш давид. Дар аввал падараш ба муносибати онҳо зид буд. Ҳатто овозае пайдо гашт, ки дар сурати мухолифи раъи падар баромаданаш ӯро аз сарват маҳрум мекунанд. Вале барои шайҳо гирифтани якчанд зан кори мукаррарист ва ё шояд падар писари ошиқи худро бахшид. Яке аз додарони шайх ба Наталя Алиева ном духтари озарбайҷонӣ издивоҷ намудааст. Ин духтар дар яке аз қаҳвахонаҳои Белоруссия ба ҳайси пешхизмат кор мекард ва ба Аморат омада, малика Ойша-ал-Мактум шуд. Аммо шайх Ҳамдан доир ба зиндагии шахсии худ иттилоъ доданро дӯст намедорад.

Шайх Ҳамдан хатмкардаи Академияи ҳарбӣ ва мактаби иқтисодии Лондон мебошад. Аз хурдияш падараш ӯро барои иштироки фаъолона дар воқеаҳои сиёсии кишвар талқин намуда, барои оянда омода менамуд. Аз ин хотир шайхро дар чорабинӣ ва саммитҳои гуногун дучор омадан мумкин аст. Зимни машғул шудан ба корҳои хайриявӣ бештар ба одамони маъюб ва кӯдакони бемор кӯмак мерасонад. Аз ҷонварҳои хонагӣ шеру палангҳои сафед, уқоб ва якчанд шутур дорад. Яке аз шутурҳояшро ӯ ба ивази се миллион доллар, сабукравҳои гарон ва яхта харидорӣ намудааст

Таҳияи Насрулло ТӮЙЧИЗОДА



Иқдоми «ТАЙРОН»


300 соҳибкор усулҳои нави тиҷоратро омӯхтанд



5-уми апрели соли равон дар меҳмонхонаи "Ҳайат-Реҷенсӣ" бо ташаббуси Агентии рекламавии "Тайрон" ва Ширкати мобилии Tcell дар Тоҷикистон семинари омӯзишии якрӯза таҳти унвони "DEGITAL MARKETING DAY" баргузор гашт.

Дар ин семинар шарикон аз ширкатҳои CocaCola, Somon Air, Promotion, Ahmad tea, маркази савдои Пайкар саҳмгузор буданд. Дар ин ҷамъомад соҳибкорони ватанӣ аз тамоми гӯшаю канори Тоҷикистон, ки зиёда аз 300 нафарро ташкил мекарданд, даъват шуда буданд. Ҳамчунин, барои роҳнамоии тоҷирони кишвар аз таҷрибаи кории Роман Пивоваров ва Денис Баталин маркетологҳои шинохтаи Русия даъват шуданд.

ШАҲНОЗА ҲАМДАМОВА, ДИРЕКТОРИ АГЕНТИИ РЕКЛАМАВИИ "ТАЙРОН" МАҚСАД АЗ БАРГУЗОР НАМУДАНИ ИН ЧОРАБИНИРО ЧУНИН ШАРҲ ДОД:



-Бахшида ба 300 рӯзи ислоҳот ҷиҳати дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар Тоҷикистон тасмим гирифтем, ки чунин як семинарро барои соҳибкорон ташкил намоем. Ҳадаф пайдо кардани муштариён дар замони муосир, ҷалби онҳо ба хариди мол тариқи онлайн ва мушкилиҳои дигари ҷойдошта дар самти соҳибкориро баррасӣ намудан аст. Мо дар асри техникаву технология қарор дорем, бо тариқи онлайн зиёд намудани харидорони мол аз тарафи соҳибкорони ботаҷрибаро аз Русия даъват намудем, то ки роҳҳои ба даст овардани харидорон, бунёд намудани аудиторияи нав ба хариди молро як рӯз ҳам бошад, омӯзониданд.

Ҳамчунин, дар рафти чорабинӣ иштирокчиён назари худро доир ба аҳамияти семинар баён доштанд:

РАСУЛ ҲАКИМОВ, НАМОЯНДАИ ШИРКАТИ "ХИКВИЖН":



-Қаблан миннатдории худро ба ташкилкунандагони ин чорабинӣ, аз ҷумла Агентии рекламавии "Тайрон" мерасонам. Онҳо аз хориҷи кишвар мутахассисонро даъват намудаанд, ки барои баланд бардоштани савияи донишҳо ва малакаи тоҷирони ватанӣ саҳми арзанда мегузоранд. Ман имрӯз аз ин чорабинӣ бисёр маълумоти зарурӣ, истифодаи таҷрибаи соҳибкорони чаҳониро аз худ кардам ва дар фаъолияти минбаъдаи худ истифода хоҳам бурд.

ФАРИДУН ХАЙРУЛЛОЗОДА, ДИРЕКТОРИ РАДИОИ "ҲАМСАДО":



-Форуми имрӯза воқеан ҳам як чизи мубрам дар замони муосир маҳсуб меёбад. Чунки техникаву технологияи навтарин ворид мегардад, ки онро бояд самаранок истифода кард. Имрӯз ҷомеа пеш меравад ва рақобат миёни ширкатҳои ҳам дохилӣ ва ҳам хориҷӣ зиёд аст. Маҳз бо ҳамин роҳ, яъне дастгоҳҳои махсусе, ки имрӯз дорем ва аз ин форум бардошти гирифтаамонро истифода намоем. Бо боварии том гуфта метавонем, ки ширкатҳои ватанӣ ягон камбудӣ аз ширкатҳои хориҷӣ надоранд. Маркетинг, ки яке аз роҳҳои асосии даромад маҳсуб меёбад, маҳз ҳамин ҷамъомад барои доманадор кардани фаъолияти мо шароит фароҳам овард.

Чуноне шоҳид ҳастем, дар ин ҷо намояндагони ширкатҳои гуногун ҷамъ омадаанд. Ду сол қабл низ Агентии рекламавии "Тайрон" ин иқдомро роҳандозӣ намуд, ки маҳз Денис Боталин чӣ гуна роҳ ёфтан ба анкабуди ҷаҳониро омӯзонида буд. Имрӯз бошад, дар бораи чӣ гуна худро нигоҳ доштан дар ана ҳамон анкабут дар доираи тиҷоратро аз худ намудем.

АЛИЗОДА РУСТАМ ҚУРБОНАЛӢ, ДИРЕКТОРИ МАРКАЗИ САЛОМАТИИ №6-И ШАҲРИ ДУШАНБЕ:



-Тренинги имрӯза барои мо бисёр паҳлуҳоеро, ки бароямон норавшан буд, ифшо намуд. Асри XXI, ки рушди технология мебошад, вобастагии инсон ба дастгоҳҳои замонавӣ бештар аст ва истифодаи он саривақтӣ мебошад. Он чизеро, ки имрӯз бардоштам, барои хуб гаштани сифати кори худ дар фаъолияти минбаъда истифода менамоем. Умед дорем, ки баргузории чунин тренингҳо бештар гашта, соҳаи тиҷорат боз ҳам ривоҷу равнақ меёбад. Зеро ин соҳа яке аз соҳаҳои муҳими кишвар дар баланд бардоштани буҷаи давлат нақши муҳим дорад.

АБДУМАЛИК ҲАКИМОВ, МУДИРИ КАФЕДРАИ МАРКЕТИНГ ВА ТИҶОРАТИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН:



-Дар шароити муносибатҳои бозоргонӣ рушди маркетинг яке аз воситаи асосии ширкатҳо ба шумор меравад. Зеро тамоми ширкатҳои бонуфузи ҷаҳон бо истифода аз принсип ва усулҳои маркетингӣ рушд ёфтаанд. Тренинги имрӯза барои ширкатҳои ватанӣ имконият медиҳад, ки усулҳои муваффақи маркетингиро дар фаъолияти худ истифода баранд ва бо ширкатҳои бонуфузе, ки дар бозори ҷаҳонӣ фаъолият мекунанд, онҳо низ ба ин ноил гарданд. Тоҷикистон дар шароити имрӯза моҳияти маркетингро на он қадар хуб медоданд, рушди он бо гузаронидани чунин тренингҳо, семинарҳо имкон медиҳад, ки соҳибкорон дар иштирок бо чунин ҷамъомадҳо донишу малакаи худро сайқал диҳанд ва дар фаъолияти худ васеъ истифода баранд.



Дар охир андешаи Роман Пивоваров, яке аз тренерҳои имрӯзаро, ки то кадом андоза дар замони муосир маркетинг муҳим аст ва он барои роҳбарону соҳибкорон чӣ навгоние дода метавонад, меорем:

-Бовар дорам, ки тренинги имрӯза барои соҳибкорон, роҳбарони корхонаҳо, нафароне, ки нав ба тиҷорат машғуланд, писанд меояд, зеро онҳо инсонҳои пешқадам ҳастанд ва имконияти қабул кардану рушд додани тиҷорати худро доранд. Фикр намекунам, ки аз семинари имрӯза чизе бардошт накунанд. Саволу ҷавоби иштирокчиён аз он шаҳодат медиҳад, ки то андозае барои хеш манфиатҳои тиҷоратро бардошт карда истодаанд. Мо кӯшиш карда истодаем, ки дар ҷамъомади имрӯза ба онҳо истифодаи технологияҳо ва роҳҳои наве рушди тиҷоратро аз таҷрибаи худ омӯзонем.

Маҳинаи ДАВЛАТ

Тоҷикам

Фахр дорам, аз замин то осмонам тоҷикам,
Қисмати ман ин Ватан, бо ҷисму ҷонам тоҷикам.

Зиндагию ормонам қавлу аҳди тоҷикӣ,
Бас ҳаме бо тору пуду хону монам тоҷикам.

Орзуи неки ман аз баҳри ин кишвар бувад,
Бо фарози қуллаҳои ошёнам тоҷикам.

Озмуда хешро ман баҳри ҳифзи ин Ватан,
Сад қасам бо қалбу бо ҷони ҷавонам тоҷикам.

Чун бубинӣ қисмати садсолаи бигзаштаҳо,
Қисса кун таърихро ҳарфи забонам, тоҷикам.

Ин Ватан аз баҳри ман шаъну шараф бахшидааст,
Бо ҳама номусу нангу ормонам тоҷикам.

Лафзи ман ин лафзи аҷдодону лафзи мулки хеш,
Шукри марзу сарзамин, мулку маконам, тоҷикам.

Нақшҳои миллии мо оламе бигрифтааст,
Чун нишони халқи бонанги ҷаҳонам, тоҷикам.

Дорам аз ин сангу хору хок ман арзи вуҷуд,
Аҳду паймон – пеша, бо руҳу равонам тоҷикам.

Эй Ниҳонӣ, қайд бинмо ошкоро фикри хеш,
Сирри ман, асрори ман, рози ниҳонам, тоҷикам.

НИҲОНӢ

Адаш Истад: Тоҷикистон МОРО

Самарқанд. Маҳаллаи Лаби ғор. Кӯчаи Умари Хайём. Каме дуртар аз Хона-музейи абарустод Садриддин Айнӣ меросбари арзандаи адабиёти тоҷик, яке аз асосгузорони жанри фантастика, устод Адаш Истад шамъи адабу фарҳанги тоҷиконро дар ин куҳаншаҳр фурӯзон нигоҳ медорад. Дар рӯзҳои Наврӯзи имсола меҳмони эшон шуда, чун меросбарони Хайём майи ангурӣ ва шафтолуи дастисози нависандаро нӯши ҷон карда, суҳбати самимие анҷом додем, ки фишурдаи он пешкаши шумо мегардад.



Душанберо напартофтаам, ба Ватанам омадам...

-Устод, бори охир кай ба Душанбе рафта будед?

-Соли 2004 дар 70 -солагии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон.

-Ин фосилаи тӯлониро сабаб чист?

-Сабаб дар он аст, ки ман шахси бетабаа ё бешахрванд ҳастам. Барои он ки аз ҳудуди Ӯзбекистон берун равам аз “ОВИР” ном идораи милиса бояд шиносномаи берунрафт ё хоричӣ бигирам. Муҳлати ин шиноснома ду сол аст ва агар дар ин ду сол сафари хоричӣ анҷом наёбад, шиноснома бекор мешавад. Вақте бо азоби зиёд шиноснома мегирифтем, барои ба Тоҷикистон рафтан виза пайдо намекардем ва на ҳамеша вазъият ба ин имкон медод. Ҳамин тавр, 15 сол аст, ки ба Тоҷикистон нарафтаам. Аммо дил мехоҳад, ки ҳар вақт ба Душанбе оям ва аз ҳолу аҳволи дӯстонам хабар гирам...

-Шумо дар Тоҷикистон обрӯву шуҳрат доштед: нависандаи шинохта, публитсисти чирадаст ва ҳатто мансабдор. Сабаб чӣ буд, ки ин ҳамаро раҳо карда, ба Самарқанд омадед?

-Албатта, ман дар Душанбе барои пешрафт имконияти васеътар доштам. Аммо дар он солҳои барои тоҷикони Ӯзбекистон душвор омаданам ба Самарқанд ногузир буд. Дар ин ҷо бо талоши тоҷикони худшинос рӯзноми тоҷикӣ – «Овози Самарқанд» ташкил шуд, аммо он аз лиҳози кадрӣ танқисӣ мекашид. Муовини сардабири ин рӯзнома Хурсанд Ҷӯразода, ки худ дастпарвари «Тоҷикистони советӣ» буд, маро даъват кард, ки ба Самарқанд оям ва барои тарбияи ҷавонони навқалам саҳм гирам ва ман розӣ шуда, муваққатан омадам. Аммо дере нагузашта, ягона духтарамон дар ҳамин ҷо бахти худро ёфт ва аҳли оилаам низ дар ин ҷо одат карданд. Ҳамин тавр, ман ин ҷо муқимӣ шудам. Хонаи Душанберо бошад, ба қарибӣ фурӯхтем ва ду писарам низ, ки он ҷо кору зиндагӣ мекарданд, омаданд. Айни замон мо ҳама шаҳрванди ягон давлат нестем ва мақоми бешахрвандӣ дорем. Гарчанде барои дарёфти шахрвандӣ муроҷиат кардем, аммо ҳоло ҳам посух нест. Аслан мутобиқи қонуни Ӯзбекистон ба нафароне, ки 5 сол дар ин кишвар доимӣ зиндагӣ мекунанд, шаҳрвандӣ дода мешавад, аммо барои мо – тоҷикистониҳо роҳҳо баста буд. Ҳоло муносибати Ҳукумат дигар шуд ва мо ҳуҷҷат супорида, интизори гирифтани шаҳрвандӣ ҳастем.

-Ягон маротиба фикри ба Душанбе баргаштанро кардед?

-Не, ба он сабаб, ки хонаводаам дар ин ҷо одат карданд ва барои ҳар як инсон хонавода аз ҳама муҳим аст. Сабаби дигари омаданам вақтҳои охир дар Тоҷикистон маҳалгароӣ афзоиш ёфт ва дар чунин шароит кору фаъолият кардани ман душвор мебуд. Баъди омадани ман дар Тоҷикистон гапҳое ҳам пайдо шуд, ки ӯ ҳамин ҷо сабзид, ба воя расид, нависанда шуд, аммо партофта рафт. Не! Ман Душанберо напартофтаам, балки ба ватани худам омад. Омадани ман сабаби канда шуданам аз тоҷикон ва Тоҷикистонро надорад. Баръакс, ман фаъолиятамро идома додам, блоги тоҷикӣ кушодам, мухбири «Овози тоҷик» дар Самарқанд будам ва мақолаҳои зиёде навиштам. Замоне, ки Ҳаёт Неъмати Самарқандӣ раиси фарҳангистони тоҷик дар Самарқанд буду ман мухбири «Овози тоҷик», мо 2000 нафарро танҳо дар Самарқанд ба ин рӯзнома обуна кардем. Баъди ин вақте сармуҳаррири «Овози тоҷик» бознишаста шуд, маро ҳатто ба сифати сардабир пешниҳод карданд, аммо нотавонбинон маро тоҷикистонӣ гуфта, монеъ шуданд.

-Яъне, шумо дар ин ҷо меҳрубонӣ надидед?

-Ман интизори меҳрубонӣ набудам ва нестам.

Радикалҳо обро лой карданд

-Устод, ҳаракатҳои миллигароии тоҷикони Ӯзбекистон дар охири солҳои 80 ва аввали солҳои 90-уми асри гузашта ривоҷ ёфт, аммо якбора саркӯб шуд. Сабаб чӣ буд? Оё худи тоҷикон иштибоҳ карданд ё чизи дигар?

-Ман ба Ӯзбекистон соли 1993 омадам ва ҳаракатҳое, ки шумо мегӯед, пеш аз ин шуда буд. Яъне, ман иштирокчӣ ё шоҳиди бевоситаи ин ҳаракатҳо нестам, гарчанде аз Душанбе онро пайгирӣ мекардам. Баъди омаданам ҳам ман наметавонистам дар сафи бевоситаи муборизон бошам, зеро аллакай вазъ хуб набуд ва маро ҳамчун шахси бешахрвандӣ метавонистанд ҳар лаҳза депорт кунанд. Дар мавриди ҳаракатҳои миллӣ бошад, он дар ибтидо самар оварда ва тоҷикон тавонистанд, ки фаъолияти матбуоти тоҷикиро ба роҳ монанд ва ҳатто «Овози Самарқанд» барин газетаи ҳукуматӣ дар вилояти Самарқанд ба фаъолият оғоз кард. Марказҳои фарҳангӣ, санъаткорон ва адибон фаъол шуданд, яъне имконият барои рушди забони тоҷикӣ васеъ шуд. Аммо худи пешвоёни ин ҳаракатҳо ба иштибоҳ роҳ доданд, дар миёнашон радикалҳо ки буданд аз бедории мардуми суиистифода карданд. Ҳатто дар миёнаи митингчиён «Ба тоҷикон автономия дода шавад» гуфтанӣ шиорҳо пайдо мешавад, ки рафиқони ӯзбек хато фаҳмиданд ва ба ҳарос афтоданд. Ин буд, ки ин ҳаракатҳо маҳдуд шуд. Ин иғвогарон аз хориҷа, ба эҳтимоли калон аз Маскав супориш гирифта буданд, то вазъро дар Ӯзбекистон ба чолиш кашанд. Бо айби ҳаминҳо роҳбарони ҷунбишҳо ва тоҷиконро аз вазифаҳои муҳим барканор карданд. Ин радикалҳо шахсиятҳои маъруф буданд. Масалан, профессор Ҷамол Мирсаидов яке аз онҳо буд, ки дар атрофаш одамонро ҷамъ карда, ба муборизаи тезутунд даъват мекард, ҳол он ки вақти ҷангҷол гузашта, замони дипломатия ва мусолиҳа расида буд. Ҳоло ин саркардаҳо ва радикалҳо таъсири худро аз даст додаанд ва ҳама чиз тағйир ёфт. Муносибати ҳукумати кишвар низ нисбати тоҷикон дигар шуд. Қаблан дар телевизиону радиои мо сурудҳои тоҷикиро кам пахш мекарданд, ҳоло ҳар каналеро тоб диҳед, суруди тоҷикӣ ва забони тоҷикӣ садо медиҳад. Нашрияҳо ба табъ мерасанд, китобҳо чоп мешаванд...

-Дар сатҳи расмӣ гӯё ҳама чиз хуб, аммо дар байни худи мардум «тоҷикият» то кучо ҳифз шудааст?

-Тоҷикият дар миёни тоҷикони Ӯзбекистон, албатта, ҳифз шудааст. Дар масъалаи забон бошад, ҳама дар хонаву кӯча бо тоҷикӣ гап мезананд, аммо теъдоди мактабҳо рӯз аз рӯз кам шуда истодааст. Иваз шудани алифбои расмии Ӯзбекистон аз кириллӣ ба лотинӣ ин равандро тезонид. Зеро мардум диданд, ки агар бачаҳояшон бо хати кириллӣ хонанд, баъдан, ҳангоми таҳсил дар мактаби олӣ ва ҳуҷҷатгузорӣ душворӣ мекашанд. Бинобар ин, вақте кӯдаконашонро ба синфи якум мебаранд, талаб мекунанд, ки ба синфи ӯзбекӣ гузаронанд.

-Дар Самарқанд забони тоҷикӣ хуб ҳифз шудааст, аммо мегӯянд, ки дар Бухоро вазъ каме нигаронкунанда аст...

-Дар Бухоро ҳам мисли Самарқанд тоҷикон зиёданд ва онҳо дар хонаву бозор ба тоҷикӣ ҳарф мезананд. Забони тоҷикӣ дар ин шаҳр ба воситаи эрониҳои шиамазҳаби Бухоро, ки форс ҳастанд, ҳанӯз пойбарҷост. Эрониҳои Самарқанд бошанд, турк - озарӣ ҳастанд, зуд забони ӯзбекиро қабул карданд...

...гӯё, ки набудам!

-Шумо дар даврони тиллоӣ вориди майдони адабиёт шудед ва ҳамчун яке аз асосгузорони жанри фантастика дар адабиёти тоҷик шинохта гардидед. Чӣ шуморо такон дод, то ба ин равияи мушкил ва ҷадид даст занед?

-Аз кӯдакӣ ман асарҳои фантастикиро зиёд мутолиа мекардам. Муҳобот нест, агар гӯям, ки дар китобхонаи мактаб ва ноҳия ягон китоби фантастикӣ намонда буд, ки нахонда бошам. Ҳамин тавр, вақте дар қалби ман шарораи адабиёт пайдо шуд, ман кӯшиш кардам, ки дар ин ҷараён эҷод кунам ва ҳамин тавр, соли 1969 маҷмӯаи нахустинам «Мавҷи хаёлот» ба нашр расид.

-Асарҳои шуморо хонанда чӣ гуна қабул мекард?

-Он даврон, ки прогреси техникӣ яке аз ғояҳои муҳими тарбияи кӯдакон ба ҳисоб мерафт, ба адабиёти фанта-

ФАРОМӮШ кард

стикӣ таваҷҷуҳ зиёд шуд. Қабл аз ман Абдумалик Баҳорӣ ҳам як-ду ҳикояи фантастикӣ навишта буданд. Аслан фантастика барои наврасон бисёр муҳим аст. Он дар зеҳни кӯдакон шавқу завқи донистани асрори кайҳон ва тафаккури техникиро бедор карда, дониши онҳоро аз ҳар ҷиҳат такмил медиҳад. Дар аввалин навиштаҳои худ банда бештар ба дастовардҳои илму техника бештар таваҷҷуҳ мекардам, аммо баъдан вақте дар чандин семинар ва конфронси нависандагони ин равия дар Маскав ширкат кардам, дарк намудам, ки дар адабиёти фантастика адабиёт, яъне образ, тасвир ва тахайюл дар ҷойи аввал меистад. Яъне, агар 2 зарби 2 баробари 4 неву 16 ва он дар фалон сайёра... Ва дар асар бояд ба шевае исбот кардан лозим, ки 2 зарби 2 16 мешавад.

-Ин хонандаро аз ҳаёти реалӣ дур намекунад?

-Ҳаргиз. Фантастика метавонад ичтимоӣ бошад ва проблемаҳои муҳимро низ матраҳ кунад. Махсусан дар замони шӯравӣ, ки идеологияи адабиётро зери назорат гирифта буд, мо тавонистем, ки масоили зиёдеро ба ин васила матраҳ кунем. Масалан, ман ҳикояе бо номи «Дарахти пахтачормағз» дорам. Он замон пахта омили асосии рушди Иттифоқи Советӣ буд, аммо дар мавриди зарарҳои он чизе гуфтан имкон надошт. Вақте банда ин ҳикояро навишта, тарҷума карда, ба семинар ба Москва бурдам, он баҳои баланд гирифт, вале рӯйрост гуфтанд, ки сиёсист ва чоп кардан имкон надорад. Аммо он дар Тоҷикистон чоп шуд ва ҳатто китоби ман ба ин унвон баромад. Яъне, проблемаи номбаршуда на дар Тоҷикистон, на дар СССР ва ҳатто на дар рӯйи Замин, балки дар як сайёраи дур рух медиҳад, аммо дар асл ин мушкили ҷомеаи мост. Главлит ҳам онро дарк накарда, ба чопаш идома медод. Ҳамин тавр, ман чандин ҳикоя доир ба вазъи экология дорам...

-Агар бигӯям, ки фантастика бо шумо нумӯъ ёфт ва бо шумо ба охир расид, иштибоҳ намекунам. Чаро дигар дар ин жанр эҷод намекунед?

- Сабабаш зиёд. Гарчанде, ба эҷодиёти ман адабиётшиносон ва мунаққидон баҳои хуб дода буданд, аммо ман дар назари аҳли адаб як одами беэътибор будам. Дар адабиёт ба кӣ бояд ҷоиза бидиҳанд? Ба one, ки навоварӣ карда бошад ва асари арзишманд навишта бошад, аммо ман гӯё набудам. Ҳамаи нависандагони ҳамсинну соли ман соҳиби мукофот шуданд, ҷуз ман. Сабаби ин, албатта, боз ҳам маҳалгароист. Ман як самарқандии бесоҳиб будам, навбати хона мошин ва мукофот ба ман намерасид. Илова ба жанри фантастика барои кӯдакон китобҳои «Саргузашти нахӯдак» ва «Чароғи сеҳрнок», барои калонсолон «Ҳикояҳо аз рӯзгори Борбад»-ро навиштам, даҳҳо очерку мақола ва ҳикояҳои ҳаҷвиам чоп шуданд, аввалин радиопейса дар адабиёти тоҷик ба қалами ман тааллуқ дорад, асари драмавиамро Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Бурҳон Раҷабов ба саҳна гузоштанд ва ҳамаи инҳо аз тарафи мунаққидон баҳои мусбӣ гирифтааст. Аммо ман соҳиби ягон мукофот нашудам. Баъди соҳибистиқлолии кишвар Мардон Мавлонов ва Фаррух Зокиров ва баъди хуб шудани муносибатҳо Шералӣ Ҷӯраев ва чанд нафари дигар мукофотҳои Тоҷикистонро гирифтанд, аммо мо ҳатто даъват нашудем.

-Шумо узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ҳастед. Оё бо ин ниҳоди эҷодӣ робитае доред?

-То замоне, ки Меҳмон Бахтӣ раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон буданд, робита доштем, аммо баъди эшон на. Меҳмон Муҳаббатович дар ҳамон давраҳои душвор қариб ҳар сол як маротиба ба Ӯзбекистон омада, аз ҳоли мо хабар мегирифтанд. Ҳатто китобҳоямонро бурда, аз рӯйи имкон чоп мекарданд. Раиси феълии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Низом Қосим баъди хуб шудани муносибатҳо чандин маротиба ба Ӯзбекистон омад, аммо як маротиба ҳам аз ҳоли мо – аъзои Иттифоқи нависандагон хабар нагирифт...

Талаби Меҳмон Бахтӣ

-Ҳоло вазъи адабиёти тоҷик дар Самарқанд чӣ гуна аст?

-Шоирон ҳастанд, як-дуто шеър навишта, дар рӯзномаҳо чоп мекунанд, баъзеҳо китоб ҳам карданд, аммо сатҳи адабиёт, албатта, дар пояи адабиёти Тоҷикистон нест. Адибони нағз ҳастанд, ба монанди Нормурод Қаримзода, Бахтиёри Ҷумъа ва Дилшода Фарҳозод, ки дар пояи адибони баркамоли тоҷик эҷод мекунанд. Китобҳои илмиву дарсӣ ҳам ба тоҷикӣ нашр мешаванд, аммо мо мехоҳем, ки адабиёти тоҷик дар пояи баландтар рушд кунад. Зеро имрӯз падидаҳои адабӣ мавҷуд аст, вале муҳити адабӣ нест. Зимни яке аз сафарҳои худ ба Ӯзбекистон Меҳмон Бахтӣ, ки ҳамроҳашон Гулназар ҳам буданд, аз Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон тақозо карда буданд, ки шуъбаи адабиёти тоҷик кушода шавад, аммо ин масъала дида баромада нашуд. Қаблан дар замони шӯравӣ чунин як шуъба буд ва эҳё кардани он имрӯз муҳим аст, зеро фурсат расидааст. Мо бо адибони Ӯзбекистон муносибати хуб дорем, дар чорабиниҳояшон моро даъват мекунанд.

-Як замон манзумаи шумо дар бораи устод Муҳаммадҷон Шакурӣ ба дастам афтид ва баъдан огоҳ шудам, ки шеър ҳам менависед...

Tajikistantimes.com

Дар адабиёт ба кӣ бояд ҷоиза бидиҳанд? Ба one, ки навоварӣ карда бошад ва асари арзишманд навишта бошад. ҳамаи нависандагони ҳамсинну соли ман соҳиби мукофот шуданд, ҷуз ман. Сабаби ин, албатта, боз ҳам маҳалгароист.

-Шеър чизест, ки одам аз рӯи ҳиссиёт менависад. Ман ҳанӯз дар Тоҷикистон машқи шеър мекардам, аммо ба чоп намедодам. Бештар мо кӯшиш мекардем, ки насрамон рушд кунад, зеро насри мо дар пояи насри иттифоқ набуд. Бо вуҷуди он ки Фазлиддин Муҳаммадиев насри андешаро ба вуҷуд оварданд ва пайравону шогирдонашон корҳои начибе мекарданд, аммо ҳамоно нозимон пешдаст буданд. Сабаби ин устод Турсунзода буданд, ки бо шеър шуҳрати ҷаҳонӣ ба даст оварданд. Ҷавонон ҳам дар пайравӣ ба эшон бештар кӯшиш мекарданд, ки шеър нависанд. Як замон Фазлиддин Муҳаммадиев дар яке аз ҷаласаҳои иттифоқ шуъбаи назмиро як хонаи сербачукач ва пуршурушавқ ва шуъбаи назмро ба хонаи калоне, ки ду-се бача рӯйи он бозӣ карда мегардад, монанд карда буданд. Дар баробари ин, драматургияи мо суст буд ва сустии он ба театр таъсир мерасонид. Сустии наср, сустии санъат ва театрамон сабаб шуд, ки мардум аз лиҳози фикрӣ ривоҷ наёбанд. Ҳамин суст будани ривоҷи фикрӣ сабаб шуд, ки баъди пошхӯрии Иттифоқи Советӣ ҷанги шаҳрвандӣ сар зад... Мо бояд имрӯз ҳам барои аз лиҳози маънавӣ пеш рафтани мардум фикр кунем. На ҳамаи чизҳое, ки қаблан офарида шуданд, ба дарди замон мехӯранд ва на ҳамаи матнҳои классикӣ барои имрӯз муфиданд. Бинобар ин, дар мавриди онҳое, ки муҳити маънавӣ ба вуҷуд меоранд, барои ривоҷи фикрӣ мусоидат мекунанд, бояд таваҷҷуҳи махсус сурат гирад ва онҳо қадрдонӣ шаванд. Ба наздикӣ тариқи телевизион дидам, ки Фирӯз Баҳорро аз Олмон даъват карда, шаби эҷодиашро гузаронидаанд. Хурсанд шудам... Кош, Иттифоқи нависандагон ҳам ин корро дар мавриди адибон мекард.

75 ҳазор хонандаи «Герби шердор»

-Айни замон шумо машғули чӣ кореД?

-«Ифодаҳои обдори самарқандиён» - намунаи зарбулмасалу мақоли забони гуфтугӯйии самарқандиён намунаи охирини кори ман аст. Мақсади ман бо ҷамъоварии ин ифодаҳо шираву назокату нафосати забони гуфтугӯйии самарқандиёнро ба худашон фаҳмонданӣ буд. Мехостам онҳо донанд, ки забонашон аз ҳар ҷиҳат бадеӣ, образдор ва зебо аст.

-Дар Ӯзбекистон хонанда доред?

-Бале. Дар газетаҳо, ки навиштаам нашр шуд, мехонанд, занг мезананд. Веб-блоги ман «Герби шердор» хонандаи зиёд дорад ва теъдоди хонандагонаш имрӯз ба 75 ҳазор нафар расидааст. Акнун дар замоне, ки Интернет ривоҷ пайдо кард, дигар дар куҷо будани инсон аҳамият надорад. Акнун муҳим аст, ки ту ҳамчун эҷодкор барои худат, барои мардуми худат, чӣ корҳо мекунӣ. Ҳозир мақолаҳои ман дар нашрияҳои «Овози тоҷик», «Овози Самарқанд» ва «Ховар» чоп мешавад. Яъне, фаъолияти ман дар Самарқанд ҳам қатъ нашудааст, гарчанде 13 сол боз дар нафақа ҳастам.

-Чаро солҳои охир китобатон ба нашр намерасад?


-Барои чопи китоб маблағ лозим аст. Ман як китобамро ба Душанбе фиристодам ва аз Гурез Сафар – сардори нашриёти «Адиб» хабар омад, ки маблағе, ки Президент барои нашри китоби адибон ҷудо кардаанд, тамом шуда ва мо китоби шуморо нашр карда наметавонем. Аммо ман хоҳиш мекунам, ки Президенти муҳтарами Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба мо – тоҷикони берун аз Тоҷикистон ҳам эътибор диҳанд, зеро эшон Пешвои тоҷикони ҷаҳон ҳастанд.

-Баробари ворид шудан ба ин ҳуҷра чашмам ба нимпайкараи шумо афтид. Вақте одам ба тандиси сангии худ назар мекунад, чӣ ҳиссиёт ӯро фаро мегирад?

-Ин тандис 23 сол аст, ки дар ҳамин ҷост ва ман ба он одат кардам. Ин нимпайкараро дар чашни 50-солагиам ҳайкалтарши самарқандӣ Эргашхон Қаҳҳорӣ сохта, ба ман ҳадя кард. Вақте маро ба мавлудам касе табрик накард ва Тоҷикистон маро фаромӯш кард, аз ҷумла Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Қаҳҳорӣ барои рӯҳбаланд кардани ман онро сохта овард.

Мусоҳиб Одил НОЗИР,
«Тоҷикистон»

МАЪЛУМОТНОМА:



Адаш Истад – нависанда, журналист ва блогери тоҷик. Дорандаи Ҷоизаи ба номи Абулқосим Лоҳутӣ соли 1990. 7 сентябри соли 1946 дар Самарқанд ба дунё омада, соли 1969 факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Самарқандро хатм кардааст. Солҳои тӯлонӣ дар рӯзномаҳои «Комсомоли Тоҷикистон», «Маданияти Тоҷикистон», «Адабиёт ва санъат», радиои Тоҷикистон, нашрияҳои «Овози Самарқанд», «Овози тоҷик», радиои «Озодӣ», радиои «Садои Хуросон» фаъолият кардааст.

Китобҳояш «Мавҷи хаёлот»(1970), «Суруди офтоб» (1974), «Замир»(1978), «Дарахти пахтачормағз» (1981), «Баъди ҳазор сол» (1988), «Борбад» (ба забони русӣ) ва «Ҳикояҳо аз рӯзгори Борбад» (1990) «Парвози меъмор» (1985), «Чароғи сеҳрнок» (1989), «Оҳангҳои Самарқанд» (2008) ва ғайра маҳбубият пайдо кардаанд. Садҳо навиштаи ӯ дар рӯзномаву маҷаллаҳо нашр шудааст.

АНГУР



Пӯстро аз нурҳои зараровар эмин медорад?

Олимони Донишгоҳи Барселона (Испания) исбот намуданд, ки дар таркиби ангури хуб пухташуда моддаи полифенолӣ вуҷуд дорад, ки он пӯсти инсонро аз нурҳои ултрабунафш ва барои пӯст зарардошта муҳофизат мекунад.

Аз ин хотир ба ташкилотҳои дорусозӣ пешниҳод карда мешавад, ки малҳамҳои барои даст истифодашавандаро бо доштани қиёми ангур ба муомилот бароранд. Дар ҷойҳои офтобӣ пухташудаи ин мева хосияти муҳофизати аз нурҳои тези офтобро бештар доро мебошад.

ҚОҚУ



Давои бемориҳои ҷигару доғи кунҷитак

Қоқу гиёҳи маъмули доругӣ буда, тибқи маълумоти Теофраст, ки яке аз гиёҳшиносони солҳои 372 – 287 то мелод буд, ин гиёҳ доғи кунҷитакро дур мекардааст.

Абӯали ибни Сино бо оби қоқуи тару тоза истиқо (водиянка)-ро табобат мекард. Шири қоқу гули чашмро дур карда, хунпартоиро манъ ва меъдаро боқувват мекунад. Табибони халқӣ қоқуро барои табобати илтиҳоби ҷигар ва тамоми бемориҳои вобаста ба ин узвбуда, инчунин дарди санги гурдаву масона, диабети қанд, бавосир, қабзияти меъдаву рӯда, касалиҳои пӯстро ба эътидол даровардa, ҳамчун доруи захрарон, иштиҳоовар ва пешоброн тавсия медиҳанд.

Ҷӯшоба ва доруҳои қоқу

Ҷӯшобаи қоқуро барои кушодани иштиҳо, қабзият ва дигар даво кор мефармоянд. Он чунин тайёр карда мешавад: барои ин як қошуқ решаи майдакардаи қоқуро дар як истакон об 20 дақиқа мечӯшонанд ва баъди хунук шудан полида, рӯзе 2 – 4 маротиба пеш аз хӯрок ¼ истакон менӯшанд. Доруҳои қоқуро дар амалияи тибби муосир асосан чун омили тақвиятбахши узвҳои ҳозима, иштиҳоовар ва захрарон истифода мебаранд. Солҳои охир муайян кардаанд, ки решаи қоқу барои шахсони гирифтори атеросклероз хеле муфид буда, меъёри муқарраршуда дар як шабонарӯз 5 грамм пеш аз хӯрок мебошад. Фаромӯш набояд кард, ки барои рафъи талхии он дар намакоб 30 дақиқа нигоҳ доштан ҳатмист!

ШИБИТ



Шибит гиёҳи маъмул буда, бо хушбӯиаш машҳур аст. Онро ҳангоми хӯрдани хӯрок ва ороиши дастархон васеъ истифода мебаранд.

Дар баробари зебоии хеш, хосияти шифобахшии зиёд дошта, ба аксари бемориҳои узвҳои дохилӣ таъсири мусбат дорад. Таркиби шибит дорои витамину равған ва дигар элементҳои химиявӣ мебошад. Фоизи равғаннокии шибит то 20 буда, равғани эфир ва дорои дигар намуди моддаҳои пайвасткунанда мебошад.

Дар намуди тару тозаи шибит қисми зиёди витаминҳои С, РР, каротина буда, аз он маводҳои доругии барои бемориҳои рохҳои пешоббарор ва дардносткунанда истифода мебаранд.

Аз ғурраҳои шибит чой дам карда нӯшидан, айни муддаост. Як қошуқи калонро дар як истакон оби ҷӯш андохта, бо сарпӯш дах дақиқа нигоҳ доштан лозим. Ин маводи доругӣ хосияти зиддимикробӣ дошта, барои ҳавои шикам, қабзият ва варам манфиат дорад. Инчунин, ин маҳлулро бо ду баробар об омехта карда, ба кӯдакони ширмак, ки аз набаромадани ҳавои рӯда азият мекашанд, ҳатман нӯшонидан лозим аст.



НАФАСАМ мегирад

Ҷоғар ҳастам Ё диқи нафас?

Дар ҳавои гарм нишастан бароям мушкил аст. Каме ғамгин шавам, нафасам мегираду то гиря накунам, роҳи нафасам кушода намешавад. Баъзеҳо мегӯянд, ки чунин ҳолат бештар аз ҷоғар доштан пайдо мешавад. Мехостам нишонаҳои беморӣ ва оқибатҳои онро гӯед.

Гулафзо Азизова,
ш. Ваҳдат

Чунин ҳолат сабабҳои гуногун дорад. Яке аз он бемории ҷоғар мебошад, ки ба шикоятҳои шумо наздикӣ дорад. Бемории диққи нафас нишонаҳои дигар дорад. Як чанд намуди бемории ҷоғар вуҷуд дорад. Сабабҳои асосии пайдошавии ин беморӣ норасоии йод, шароити бади беҳдошти санитарӣ, норасоии витаминҳо ва ғайраҳо мебошад.

Калон шудани ғадуди сипаршакл, баъзан фурӯбарии оби даҳон душвор шуда, гоҳе гирифтагии овоз пайдо мешавад. Дилтангӣ, нафастангӣ, бемадорӣ, лоғаршавӣ, асабоният, тез шудани кори дил, фишори баланди шараёнӣ нишонаҳои дигари ин беморӣ мебошад.

Пешгирии беморӣ аз табобат осонтару арзонтар аст. Истеъмоли намаки йоднок ва беҳтар кардани шароити беҳдошти санитарии аҳолӣ боиси пешгирии ин беморист. Муолиҷаи бемории ҷоғар дар дараҷаҳои аввал ба воситаи доруворихо сурат мегирад. Ба бемор доруҳои йоддор, аз қабили «йод», «йодмарин», «йидофарм», «йодиди калий», «дийодотеризин» «Л-тироксик» ва ғайра таъин карда мешавад. Ҳангоми натиҷа надодани муолиҷаи консервативӣ, муолиҷаи ҷарроҳиро истифода мебаранд.

Гирифтори ин беморӣ бояд таи ҳар ду моҳ аз ташхиси духтур гузаранд ва бештар аз витаминҳо, маҳсулоти йоддор, махсусан, аз хурмо истифода баранд.

Фаромӯш набояд кард, ки як роҳи асосӣ ва муфиди пешгирӣ аз бемории ҷоғар истеъмоли намаки йоддор мебошад.

ТУРШАК

ОЁ МЕДОНЕД?

ширинак мекунад, агар...



Ин растании маъмулро бо русӣ шавел мегӯянд. Тамъи турши ин гиёҳ хӯрок, хӯришҳоро бомаза карда, хосияти иштиҳоварӣ дорад.

Ҷиҳатҳои шифобахшии он зиёд буда, бо оби барги он даҳонро чайқонидан дарди дандонро таскин бахшида, ҳар гуна мушкилиҳои даҳонро бартараф мекунад. Хӯрдани барги туршак дилбеҳузурӣ ва хуморро дур карда, заҳри каждумро дафъ, зардпарвинро шифо, тасфи меъда ва ташнагиро барҳам медиҳад. Туршакро бо татум омехта карда хӯранд, решҳо ва харошидагии онро шифо бахшида, пухташудаи ин гиёҳ дарунро мулоим мекунад. Барои даруни равоншуда, пухташудаи туршак бо равғани зайтун ва иловагиҳои зира, кашниз, оби анор фоидабахш аст. Хӯрдани тухми туршак барои бемориҳои дил, меъда, ҷигар, рӯдаҳо ва дилтапакро, ки аз боиси зиёд шудани хун бошад, шифо мебахшад. Решаи туршакро дар об ҷӯшонида, нӯшобааш барои бемориҳои зардпарвин, санги гурдаю пешобдон манфиат бахшида, ҳайзи бандшударо мекушояд, яъне равон мекунад.


Навъи саҳроии ин гиёҳро шулха мегӯянд.

Ин намудаш аз дигараш бо он фарқ мекунад, ки баргаш дарозтару паҳнтар аст. Кӯфташудаи ин навъи гиёҳ ба дарди пой ва буғумҳо, латхӯрдагии узвҳо, варами ангуштони дасту пой фоида мебахшад. Лозим ба ёдоварист, ки ҳама чиз миқдори муайяни худро дорад ва туршак ва тухми он низ андозаи худро дошта, дар як рӯз 7 гр тухм ва 73 гм хӯрдани худи гиёҳ тавсия дода мешавад.

Viber

Саволҳои худро ба вайбери 918462711 ё ба почтаи электорнии bonu8500@mail.ru фиристед.

Масъули саҳифа М.ДАВЛАТ



АЗ ШОГИРДИ БУЗУРГОН ТО УСТОДИ ШОГИРДОН

Дар байни илмҳои гуногун, фалсафа мавқеи махсус дошта, бо илмҳои табиатшиносӣ робитаи зич дорад.



Ҳама гуна хулосабарорихои фалсафӣ аз натичаи тадқиқотҳои илмҳои табиатшиносӣ бароварда мешавад. Дар чумҳуриамон ба инкишофи илми фалсафа аҳамияти зарурӣ дода шуда истодааст.

Дар ҳамаи донишгоҳу донишкадаҳои Чумҳурии Тоҷикистон барои ҳамаи ихтисосҳо фанни «фалсафа» таълим дода мешавад.

Дар тайёр кардани мутахассисони соҳаи фалсафа саҳми устодони варзидаю боистеъдод хеле назаррас мебошанд.

Яке аз чунин донишманди асил ва устоди фанни фалсафа, Аълочии маориф ва илми Чумҳурии Тоҷикистон, номзади илми фалсафа, дотсенти кафедраи фанҳои чамъиятшиносии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Додарҷон Хуморов ба шумор меравад.

Аз айёми донишҷӯи бо Додарҷон Хуморов шиносоӣ дорам, чунки мо хатмкунандагони соли 1967 – и ҳозира Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ мебошем. Додарҷон Хуморов дар яке аз деҳаҳои хушманзараи ноҳияи Қалъаи хум (Дарвози ҳозира) ба дунё омадааст.

Хуморов дар бачагӣ мехри чорводориро дар дил ҷой намуда буд. Ин шавқу ҳаваси бачагӣ ӯро баъди хатми мактаб ба техникуми зооветеринарии Сталинобод оварад. Баъди хатми ин техникум, Додарҷон Хуморов ба хизмати ҳарбӣ даъват гардид. Хизмати ҳарбӣ дар дили ӯ ҳисси меҳанпарастиро пайдо намуд ва аҳд намуд, ки баъди хизмати ҳарбӣ омӯзгор шуда, дар тарбияи насли навраси Ватани азизаш саҳмгузорӣ менамояд. Баъди хизмати ҳарбӣ бахри амалӣ намудани орзуи дар дилпарвардааш ба факултети забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи омӯзгории шаҳри Душанбе дохил гардида, онро соли 1967 хатм менамояд ва ду сол дар ноҳияҳои Шаҳритус ва Панҷ ба ҳайси муаллими забон ва адабиёт фаъолият менамояд.

Солҳои муаллимиаш дар ноҳияҳои Шаҳритус ва Панҷ дар дили Додарҷон Хуморов шавқи ба корҳои илмӣ – тадқиқотӣ машғул шудан пайдо гардид. Ноябри соли 1969 Додарҷон Хуморов ба аспирантураи Донишгоҳи дӯстдоштааш – Донишгоҳи омӯзгории шаҳри Душанбе аз рӯи ихтисоси «Фалсафа» дохил шуд.

Бе офтоби илм надорад
хирад сафо,
Ин ҳол назди ақл чу хуршед
равшан аст.

Шавқи ба корҳои илмӣ – тадқиқотӣ машғул шудани Д.Хумороврo устодони арҷманди ӯ ҳангоми таълими фанни «Фалсафа» М.Ғаффорова, М., Динаршоев., М.Рачабов дар дили ӯ бедор намуда буданд.

Додарҷон таҳти роҳбарии аввалин файласуфзан аз чумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, доктори илми фалсафа, профессор Ғаффорова Мунзифа Қаҳоровна дар мавзӯи «Симои маънавии синфи коргари тоҷик» рисолаи номзадӣ навишт ва онро бомувафаққият дифоъ намуда, ба гирифтани номзади илми фалсафа мушараф гардид.

То соли 1996 Додарҷон Хуморов дар кафедраи «Фалсафа»- и Донишгоҳи омӯзгории шаҳри Душанбе фаъолияти худро ба сифати ассистент, муаллим, муаллими калон ва баъдан дар вазифаи дотсент идома дод.

Аз соли 1996 инҷониб ӯ фаъолияти худро дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар кафедраи «Фалсафа ва фарҳангшиносӣ» давом дода истодааст. Шогирдон дар симои Додарҷон Хуморов як шахси кордону дилкушод, хайрхоҳу некбин, олими боистеъдоду поксириштро мебинанд.

Хуморов олими эҷодкору пурмаҳсул мебошад. Аз ҷониби ӯ рисолаю мақолаҳои илмӣ, воситаҳои таълимию методӣ, китобҳои дарсӣ навишта шудаанд ва аз онҳо доираи васеи хонандагон, аспирантон, унвончӯйҳою устодони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба таври васеъ истифода бурда истодаанд.

Ҳамчунин ӯ муаллифи рисолаҳои «Симои маънавии коргар», «Қувваи пешбарандаи чамъиятӣ», мақолаи «Синфи коргар» (дар қобусномаи тоҷик), китоби дарсии «Фалсафа» соли 1997 барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (дар ду қисм) ва дастурҳои таълимии «Сиёсатшиносӣ» (Душанбе,2004), «Фалсафа» (мачмаи таълимӣ барои низоми кредитии таҳсилот, Душанбе 2009) мебошад.

Додарҷон Хуморов аввалин шуда ғояи «Ваҳдати миллӣ», «Худшиносии миллӣ» ва «Худшиносии миллӣ - шарти ваҳдат» - ро дар мақолаҳои худ асоснок намуда, пешкаши хонандагон гардонидааст. Устод Додарҷон Хуморов дар фаъолияти зиёда аз 52 - солаи омӯзгорию эҷодиаш шогирдони зиёдро тарбия карда, ба камол расонидааст.

Дотсент Додарҷон Хуморов дар ташаккули муаллимони ҷавони умедбахш Авғонов С., Шариров М., Ғафуров М., Орифҷонова Н., Хоҷаева Н., Абдусамадов А., Акмалова М., Гиёев Қ., Газарян хиссагузор буда, дар афзудани сафи олимони чумҳурӣ саҳми арзанда гузошта истодааст.

Таҳти роҳбарии ӯ солҳои наздик устодони ҷавони кафедраи «Ҷамъиятшиносӣ» -и Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Дилоев Н. ва Неъмонов Ҷ. рисолаҳои номзадӣ дифоъ намуда, ба гирифтани дараҷаи илмии номзади илми сиёсатшиносӣ сазовор гардиданд.

Дотсент Додарҷон Хуморов дар конфренсияҳои байналмилалии илмӣ дар шаҳрҳои Москва, Минск, Алма-Ато ва Тошкент бо маърӯзаҳои илмӣ дар мавзӯъҳои «Симои маънавӣ», «Худшиносии миллӣ - шарти ваҳдат», «Бисёрҳизбӣ» ва «Нақши аққалиятҳои миллӣ дар ҳаёти сиёсӣ ва иқтисодии миллати ҳукмрон» баромад кардааст.

Устоди варзида Додарҷон Хуморов муаалифи зиёде аз 150 мақолаҳои илмӣ, илмӣ – оммавӣ, рисолаҳо, китобҳои дарсӣ, востаҳои таълимию методӣ, дастурҳои методӣ мебошад. Дотсент Додарҷон Хуморов аз соли 2008 – ум аъзои Иттифоқи журналистони Тоҷикистон мебошад.

Устод Додарҷон Хуморов ба ҳамаи рисолаҳои илмии ба муҳокимаи кафедра пешниҳодшуда тақриз менависад. Ба рисолаҳои аспирантону унвончӯйҳо ба сифати муқарризи расмӣ баромад намуда, дар тайёр кардани кадрҳои илмӣ – педагогӣ саҳми босазои худро мегузорад.

Ин олими заҳматкаш ҳар сол ба конференсияҳои илмии донишгоҳию чумҳуриявӣ барои маърӯза кардан ва барои иштирок кардан дар олимпиадаҳои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ шогирдонашро тайёр менамояд.

Шогирдони тайёр кардаи ӯ Аҳмадов Умед ва Саломова Сайёра дар олимпиадаи донишҷӯёни чумҳурӣ аз фанни сиёсатшиносӣ ҷойҳои якум ва дуюмро ишғол намуда, сазовори гирифтани дипломҳои олимпиада гардидаанд.

Хизматҳои дотсент Додарҷон Хуморов дар инкишофи илм ва тайёр кардани кадрҳои илмӣ – педагогӣ бо нишони Аълочии маориф ва илми ҶТ, як қатор ифтихорномаю раҳматномаҳои Вазорати маориф ва илми ҶТ, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ қадр карда шудааст.

Мо устоди маъруф ва азизу гиромиқадрро ба муносибати 80 – солагиашон табрик гуфта, барояшон саломатии бардавом, комёбиҳои нави илмӣ ва фатҳи қуллаҳои баланди умрро таманно дорем.

Ҳамид МАҶИДОВ,
Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ, профессор

Мавлудномаи Тоҷикистон

10 апрел

АБДУЛНАЗАР АБДУЛНАЗАРОВ (1969), 50-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

ОТАҶОН АКРАМОВ (1929-2001), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод, профессор.

ЁРМАМАД ГУЛОВ (1954), 65-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

БАСГУЛ ДОДИХУДОЕВА (1939), 80-солагии зодрӯзи арбобзани давлатӣ.

ДИЛШОД ЗИКРИЁХОҶАЕВ (1949), 70-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

ШАРИФБОЙ ЧУРҒОЗИЕВ (1959), 60-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

11 апрел

АКБАР БОҒБОН – 95-солагии зодрӯзи (1924), адабиётшинос-шарқшинос.

ЛЕОНИД ГУСЕВ– 95-солагии зодрӯзи (1924-1998), рассом.

12 апрел

ИБРОҲИМҶОН ОРТИҚБОЕВ (1959), 60-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

МИРЗОХОН ФИРӮЗОВ (1949), 70-солагии зодрӯзи журналист.

СОҲИБНАЗАР ХУДОБЕРДИЕВ (1909-1967), 110-солагии зодрӯзи журналист.

ҶУМЪА ШАРИФОВ (1939), 80-солагии зодрӯзи доктори илми педагогӣ, профессор, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

НАИМҶОН ШУКУРОВ (1934-1993), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

МУҲАММАД ЭГАМЗОД (1969), 50-солагии зодрӯзи журналист.

ШУКУРОВ НАСИМ (1934), 85 - солагии зодрӯзи номзади илмҳои кишоварзӣ.

ҲОМИДОВА САБОҲАТ (1939), 80 - солагии зодрӯзи номзади илмҳои иқтисод.

НОРМАТОВ АБДУРАҲМОН (1949), 70 – солагии зодрӯзи номзади илмҳои техникӣ.

13 апрел

ЗӮҲРО КАРИМОВА (1934-1976), 85-солагии зодрӯзи раққоса, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

ЛЮДМИЛА ЛЮБАВИНА (1934), 85-солагии зодрӯзи олимаи соҳаи техника.

ЗОЯ ОСМАНОВА (1924), 95-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ.

14 апрел

АБДУСАЛОМ ВОҲИДОВ (1954), 65-солагии зодрӯзи доктори илми тиб.

НУРИДДИН МУҲИДДИНОВ (1924-1994), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

ҚОСИМҶОН НАЗАРОВ (1969), 50-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

ФАЙЗУЛЛО ЁДГОР (1929-2000), 90-солагии зодрӯзи шоир.

15 апрел

ШОҲҶОНИ АБДУРАСУЛ (1954), 65-солагии зодрӯзи журналист.

АБДУРАҲМОН ҚУРБОНОВ (1959), 60-солагии зодрӯзи доктори илми фалсафа.

ПӮЛОД ҶАЛИЛ (19 54), 65-солагии зодрӯзи журналист.

АҲЛИДДИНИ ҲИСОРӢ (1954), 65-солагии зодрӯзи шоир.

16 апрел

ФАЙЗУЛЛО АБДУЛЛОЗОДА (1909-1966), 110-солагии зодрӯзи забоншинос.

ШУКУРҶОН ЗУҲУРОВ (1954), 65-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ.

ҶУМЪА ШАМСИДДИНОВ (1939), 80-солагии зодрӯзи файласуф.


Таҳияи Ё. СУЧОНӢ

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ зодрӯз доранд? Пешопеш моро огоҳ кунед. **ТЕЛ: 238-54-51**

Қотилони ЧЕМПИОНИ 82-сола

дар Душанбе зиндонӣ шуданд

Суди ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе Аслиддин Беков, сокини 30-солаи Душанбе, падари 2 фарзанд ва Толибҷон Алиев, сокини 34-солаи пойтахт, падари се фарзандро барои қатли чемпион ва мураббии Тоҷикистон Поляков Иван Ивановичи 82-соларо равонаи зиндон кард.



Суд ин ду муттаҳамро дар дуздӣ, роҳзанӣ ва расондани зарари вазнини ҷисмонӣ, ки боиси ба ҳалокат расидани ҷабрдида шудааст, гунаҳкор дониста, Аслиддин Бековро ба 14 сол ва Толибҷон Алиевро ба 16 соли зиндон маҳкум кард.

Дар асоси тафтишот, Алиев ва Беков шаби 7 декабри соли 2018 тахминан соати 22 ба 23, дар кӯчаи Қурбон Раҳимови шаҳри Душанбе нахуст аз манзили Миҷгона Нехмонова як адад ангуштаринро дуздида, сипас ба хонаи дигар дар ин кӯча даромаданд. Дуздон шишаи тирезаи хонаи Поляков Иван Ивановичро шикаста, ғайриқонунӣ вориди хона шуданд. Соҳибмулк аз шикастани садои тиреза хабар ёфта, аз ҷои хобаш нимхез мешавад, аммо Алиев бо курсӣ – "табуретка" як бор ба сари Поляков зада, сипас ба сару рӯи ҷабрдида ду мушти дигар задааст.

Тибқи иттилои суд, ҳамлагарон аз ҷайби "куртка"-и дар дари ҳуҷра овезонбуда тахминан 2000 сомонӣ пули нақд, як адад телефони мобилии тамғаи "Самсунг", як ҷуфт медали ифтихорӣ ва як адад гармкунаки баркӣ – "радиатор"-ро тасарруф намуда, аз ҷои ҳодиса ғайб заданд.

Иван Поляков, қаҳрамони чоркаратаи Тоҷикистон дар гуштиҳои юниниву румӣ ва



Иван Иванович Поляков бо шогирдаш

тарзи озод ва Муррабии шоистаи Тоҷикистон бар асари ҷароҳатҳои бардоштааш 13 декабри соли 2019 дар бемористони Қарияи боло даргузашт.

Муттаҳамон дар мурофиа гуноҳашонро эътироф карда, аз судя хостанд, чавонии онҳоро ба назар гирифта, нисбаташон ҷазои сабук таъин кунад. Аммо суд барои маҷмӯи ҷиноятҳо Аслиддин Бековро ба 14 сол ва Толибҷон Алиевро ба 16 соли зиндони низомаш пурзӯр маҳкум кард.

Қаблан хабар дода шуд, ки Поляковро дар ҳолати вазнин шогирдонаш пайдо карда, ба бемористони Қарияи боло бурдаанд, вале табибон ӯро натавонистанд наҷот бидиҳанд.

Иван Иванович Поляков августи соли 1936 дар вилояти Тамбови Русия ба дунё омада буд. Вай устоди варзиши Иттиҳоди Шӯравӣ ва Мураббии шоистаи Тоҷикистон буда, чор маротиба сазовори унвони қаҳрамони Тоҷикистон дар гуштӣ – се маротиба дар гуштии юниниву румӣ ва як маротиба – дар гуштии тарзи озод шуда буд. Саҳми Иван Иванович Поляков дар таълиму тарбияи паҳлавонони шинохтаи кишвар Шодӣ Баҳромов, Наврӯз Назаров, Фарҳод Норбутаев, Ҳабибулло Абдуллоев, Хисрав Турсунов, Салимбек Сатторов, Алишер Баротов, Азамат Солеҳов, Диловар Начмидинов, Шерзод Исмоилов, Маҳмадалӣ Рачабалиев хеле бузург аст. Онҳо шарафи варзишии Тоҷикистонро борҳо дар мусобиқаҳои байналмилалӣ ҳимояву афзу кардаанд.

Имрӯз шогирдонаш Ҳабибулло Абдуллоев, Олим Алланазаров, Салимбек Сатаров, Наврӯӯз Назаров дар пайравии устодашон паҳлавонони наврасу ҷавонро ба мусобиқаҳо омода мекунанд. Поляков то рӯзи охирини умраш ба кори шогирдаш Ҳ. Абдуллоев ёрӣ мерасонд. Ҳарчанд наздиконаш барои зист ба Русия даъват кардандаш, ӯ нахост тарки Тоҷикистон намояд. И. И. Поляков абадан дар ёди шогирдон ва мухлисони варзиши кишвар мемонад.

Эмоми НАЗАРИЁН

СИЁВУШ ИЛЁСОВ

сарфи назар аз маҳдудият Тоҷикистонро 11-ум кард

Чанд сухане доир ба фаъолияти Сиёвуш Илясови 30-сола менависам, ки имконияти маҳдуди ҷисмонӣ дошта, аз биноиши чашм маҳрум аст. Аммо ба ин мушкилоти гарон нигоҳ накарда, ҳам омӯзгор ҳасту ҳам варзишгари лижарон.

Сиёвуш соли 2006 Мактаб – интернати ҷумҳуриявии кӯдакони нобинои шаҳри Ҳисорро хатм намуда, худи ҳамон сол ба ба факултети забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дохил шуд. Баъд аз хатми донишгоҳ фаъолияти худро ҳамчун омӯзгори фанни забони англисӣ дар Мактаб – интернати ҷумҳуриявии кӯдакони нобинои шаҳри Ҳисор оғоз намуд. Ҳамкору ҳамкасби мо дар баробари фаъолияти омӯзгорӣ, тарҷумонӣ, инчунин варзишгар дар намуди лижаронӣ мебошад. Сиёвуш аз тахассуси варзишии лижаронӣ дар шаҳри Франкфурти Олмон гузашта, дар мусобиқаи Ҷоми ҷаҳон иштирок намуд ва бо бадастории роҳхат ба бозиҳои Паралимпии зимистона-2018, ки дар Пёхончонги Ҷумҳурии Кореяи Ҷанубӣ барпо гардид, комёб гашт. ӯ дар миёни 49 кишвари ҷаҳон Тоҷикистонро ба гирифтани ҷойи 11-ум муяссар гардонид.

Пас аз ин Сиёвуш Илёсов феврали соли 2019 дар мусобиқаи Канада иштирок карда, Тоҷикистонро муаррифӣ кард. Ин варзишгари ҷавонро, ки ибратбахши беҳтарин ба ҷавонони дигар буда метавонад, ҶДММ «Сафеддара» ва Мактаби намудҳои зимистонаи варзиши «Сафеддара» кумак мерасонанд. Аз ҷумла, бо ҷойи хоб, хӯрду хӯрок ва мураббии пуртаҷриба таъмин намудааст. Сиёвуш Илясовро ба мусобиқаҳо сармураббии мактаб Иҳломиддин Абдулоев пайваста машқу тамрин медиҳад ва ҳангоми лижаронӣ роҳбаладӣ мекунад. Сиёвуш нақша дорад, ки оянда дар мусобиқаҳои зимистона соҳиби ҷойи фахрӣ шавад.



Муҳиддин СУЛТОНОВ,
муаллими тарбияи ҷисмонӣ

Чемпионҳои таэквондо-2019

Дар доираи чорабиниҳои варзишӣ ба ифтихори Иди байналмилалии Наврӯз дар шаҳри Душанбе Чемпионати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таэквондо (WT) баргузор шуд.

Тавре аз Федератсияи таэквондо (WT)-и Тоҷикистон иттилоъ доданд, дар чемпионат 120 варзишгар дар ҳайати дастаҳои Душанбе-1, Душанбе-2, ВМКБ, Суғд, Хатлон-1, Хатлон-2 ва ШНТМ иштирок карданд.Қувваозмоиҳои инфиродӣ аз рӯи 8 категорияи вазнӣ миёни мардон, 5 категорияи вазнӣ миёни бонувон, инчунин равияи пумсэ миёни мардон ва бонувон ва муҳорибаҳои даставӣ сурат гирифт. Ин варзишгарон ғолибон ва ҷоизадорони Чемпионати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таеквондо (WT) дар соли 2019 дониста шуданд.

МИЁНИ БОНУВОН: дар вазни 46 кг Ёрова Фирӯза (ШНТМ), вазни 49 кг Миршакарзода Ширинмоҳ (ШНТМ), вазни 57кг Исматова Муниса (ШНТМ), вазни 67 кг Маткаримова Манижа (Хатлон-2), вазни +67кг Сафарова Мехрубон (ШНТМ);



БАЙНИ МАРДОН: дар вазни 54 кг Азимов Фирӯз (Хатлон-1) , вазни 58 кг Суннатов Маҳмадҷон (Душанбе-1), вазни 63 кг Каримов Муҳаммадзиё (Душанбе), вазни 68 кг Меҳтаршоев Хуррам (Душанбе-1),

вазни 74 кг Холов Баҳром (Душанбе),вазни 80 кг Саидов Саидавлиё (Душанбе-1), вазни 87 кг Имомқулов Шероз (ВМКБ), вазни +87 кг

Шарифов Аҳлиддин (Хатлон-1).

Дар мусобикаи равияи пумсэ миёни бонувон Ғуломова Фарида (ШНТМ) ва байни мардон Сайдуллоев Умедҷон (Душанбе-1) дастболо шуданд.

ҷамъбасти натиҷаҳои нишондодаи варзишгарон мақоми дастаҳоро чунин муайян кард: байни бонувон дастаи ШНТМ ҷойи якум ва миёни мардум мунтахаби Душанбе-2.

ҶУДО »

МЕДАЛИ БИРИНҶИИ КОМРОНШОҲ УСТОПИРИЁН АЗ “GRAN PRIX ANTALYA 2019”

5-7 апрел дар Анталияи Туркия мусобиқаи байналмилалии ҷудо – “Gran Prix Antalya 2019” баргузор шуд, ки дар он паҳлавони маъруфи кишвар Комроншоҳ Устопириён сазовори медали биринҷӣ гардид.



Комроншоҳ дар вазни -90кг дар рӯзи сеюми мусобиқа гуштӣ гирифт. Ӯ, ки дар даври аввал озод буд, дар даври дуюм бар варзишгари Молдова Лурио Мокану, дар даври сеюм бар намояндаи Эстония Клен Кристофер Калчулайд ғалаба карда, дар даври чорякфинал аз варзишгари Гурҷистон Автандилӣ Тчирикишвилӣ шикаст хӯрд. Комроншоҳ дар қувваозмоии тасаллобахш бар намояндаи Беларус Йаҳор Варапайеу ва дар қувваозмоӣ барои ҷои сеюм бар варзишгари Исроил Итай Голан дастболо гардида, медали биринҷиро ба гардан овехт.

Комроншоҳ Устопириён дар Гран - Прии Анталия соли 2018 медали тилло ва соли 2017 медали нуқра ба даст оварда буд.

4 варзишгари дигари мо – Хайёмиддин Ҷабборов, Ёқубҷон Боқиев (-66кг), Акмал Муродов (-81кг) ва Саидҷалол Саидов (-100кг) дар даврҳои аввал аз рақибонашон мағлуб гарданд.

Дар мусобиқа 479 варзишгар (291 мард, 188 зан) аз 75 давлати дунё ширкат карданд. Дар ҳисоби даставӣ Тоҷикистон бо 1 медали биринҷӣ ҷои 28-умро гирифт. Гурҷистон бо 1 медали тилло, 2 нуқра, 2 биринҷӣ ҷои аввал, Озарбойҷон бо 1 медали тилло, 1 нуқра, 2 биринҷӣ ҷои дуюм, Қазоқистон бо 1 медали тилло, 1 нуқра ҷои сеюмро ишғол карданд.

Ин медали сеюми ҷудокорони тоҷик дар силсила-мусобиқаҳои Федератсияи байналмилалии ҷудо мебошад. Қаблан Бехрӯз Хоҷазода дар Гранд Слами Екатеринбург ва Темур Раҳимов дар Гран - Прии Марокаш сазовори медалҳои биринҷӣ гардида буданд.

Дастаи мунтахаби ҷудокорони Тоҷикистон 20-23 апрел дар Чемпионати Осиё, ки дар шаҳри Абу - Дабии АМА баргузор мешавад, иштирок хоҳад кард.

ЛИГАИ ОЛӢ »

ЧЕМПИОНАТИ ФУТБОЛИ ТОҶИКИСТОН ШУРӮЪ ШУД

Дар охири ҳафтаи гузашта Чемпионати футболи Тоҷикистон миёни дастаҳои Лигаи олӣ шурӯъ шуд, ки дар он 8 даста – «Истиқлол», «Хуҷанд», «Регар-ТадАЗ», «Хатлон», КМВА «Помир», «Кӯктош», «Панҷшер» ва «Истаравшан» ширкат мекунанд.

6-7 апрел бозиҳои даври якуми Чемпионати 28-уми футболи Тоҷикистон баргузор шуданд, ки дар чор вохӯрӣ соҳибони майдон ғалаба карданд.

Барандаи медалҳои биринҷии мавсими гузашта – дастаи “Кӯктош” дар майдони худ бар КМВА “Помир” бо ҳисоби 2:0 пирӯзӣ ба даст овард. Қаҳрамони бозӣ ҳуҷумкунандаи “Кӯктош” Абдурасул Раҳмонов дониста шуд, ки ду гол ба ҳадаф расонд.

Дар бозии дигари рӯзи 6 апрел “Панҷшер” дар майдони худ бар “Истаравшан” пирӯз шуд (2:1). Муаллифи голи нахустини чемпионати имсола Бахтовар Зокиров аз дастаи “Истаравшан” гардид. Ӯ дар дақиқаи 2-юми дидор ба дарвозаи “Панҷшер” гол зад. Охири нимаи аввали дидор легионери ӯзбекистонии дастаи меҳмон Тулқинҷон Умаров нохоста тӯбро ба дарвозаи дастааш ворид кард. Голи ҳалкунандаро “Панҷшер” дар дақиқаи 90+2 аз пеналтӣ тавассути Собирҷон Холматов зад.

Ду бозии дигари даври аввал 7-уми апрел доир гардиданд. Дар пайи “Кӯктош” ва “Панҷшер” азимдастаҳои чемпионат – “Истиқлол” ва “Хуҷанд” ба муваффақияти хонагӣ даст ёфтанд. “Истиқлол”-и Душанбе дастаи шаҳри Турсунзода - “Регар-ТадАЗ”-ро мағлуб кард. Бозӣ дар Варзишгоҳи марказии шаҳри Ваҳдат бо ҳисоби 4:1 ба анҷом расид. Дар оғози бозӣ душанбегиҳо аз пеналтӣ, ки капитани даста Фатҳулло Фатҳуллоев ичро кард, ҳисобро кушоданд. Дар дақиқаи 30-юм меҳмонон тавассути голи бо сар задаи Шерзод Муҳаммадиев ҳисобро баробар карданд, вале баъд аз 1 дақиқа Фатҳулло Фатҳуллоев дастаашро боз ба пеш бароварда. Дар нимаи дуюм, дар дақиқаи 62-юм Эҳсони Панҷшанбе аз пеналтӣ голи сеюмро ба ҳадаф расонд ва голи ғалабаоварро Шериддин Бобоев зад.

Бозии дигар миёни дастаҳои “Хуҷанд” ва “Хатлон” бо пирӯзии дастаи соҳили дарёи Сир анҷом ёфт – 1:0. Голи ягонаро Даврончон Эргашев дар дақиқаи 61-ум аз пеналтӣ зад.

Бозиҳои даври дуюми Чемпионати Тоҷикистон 11, 13, 14 апрел баргузор мешаванд. 11 апрел “Истиқлол” дар Ваҳдат “Хатлон”-ро қабул мекунад, “Истаравшан” бошад, дар майдони худ бо “Хуҷанд” вомехӯрад. 13 апрел КМВА “Помир” барои аввалин холҳо муқобили “Панҷшер” ва 14 апрел “Регар-ТадАЗ” муқобили “Кӯктош” ба майдон мебароянд.

ФУТБОЛ U-15 »

ДУ ҒАЛАБАИ ФУТБОЛБОЗОНИ НАВРАСИ ТОҶИК ДАР ЧИН

Дастаи мунтахаби наврасони футболбози Тоҷикистон (U-15) дар мусобиқаи байналмилалии “Silk Road – Hua Shan Cup-2019” дар Чин дар ду бозии аввал пирӯзӣ ба даст овард.

Дар бозии аввали мусобиқа шогирдони Аҳлиддин Турдиев ба дарвозаи ҳамсолонашон аз Қирғизистон 8 голи бечавоб заданд. Муҳаммадворис Сайдалиев ва Абдуфаттоҳ Худойдодзода ба номашон хет-трик сабт карданд. Ду голи дигарро Кабир Салимшоев ва Раҳматшо Раҳматзода ба ҳадаф расониданд.

Бозингарони наврас дар даври дуюм бар наврасони Мянма бо ҳисоби 5:0 пирӯз шуданд. Голҳоро дар ҳайати Тоҷикистон Хусрав Тоиров (дақиқаи 23-юм), Меҳрубони Абдурауф (27), Муҳаммадворис Сайдалиев (53, аз пеналтӣ), Абдулфаттоҳ Худойдодзода (57) ва Муҷовид Шовайсудинов (90) заданд.

Наврасони Тоҷикистон дар мусобиқаи байналмилалии “Silk Road – Hua Shan Cup-2019” дар шаҳри Вэйнани Чин бози охирро 0-уми апрел бо дастаи Чин анҷом доданд.

ФУТБОЛ U-20 »

ДУ ҒАЛАБАИ ФУТБОЛБОЗОНИ НАВРАСИ ТОҶИК ДАР ЧИН

Дар доираи омодагӣ ба Чемпионати Осиё-2019 дастаи мунтахабаи ҷавонони Тоҷикистон (U-20) дар намуди футболи толорӣ бо роҳбарии сармураббӣ Эраҷ Носеҳов дар мусобиқаи байналмилалии Ҷоми иттиҳод – “Ирбис” дар Қазони Русия ширкат кард ва ҷойи сеюмро гирифт.

Дар мусобиқа дастаҳои “ПСК” (Уляновск), “Ирбис” (Қазон), “Барис” (Йошкар-Ола) ва дастаи мунтахаби ҷавонони Тоҷикистон (U-20) иштирок карданд.

Футболбозони мо дар даври нимфинал аз дастаи “ПСК” бо ҳисоби 2:4 шикаст хӯрданд. Дар бозии дигари давр “Ирбис” бар дастаи “Барис” бо ҳисоби 13:0 пирӯз шуд. Дар бозӣ барои ҷои сеюм дастаи ҷавонони Тоҷикистон бар дастаи “Барис” бо ҳисоби бузурги 22:0 ғалаба кард. Дар бозии финалӣ “ПСК” дастаи “Ирбис”-ро шикаст дод (6:4).

Иштирок дар мусобиқаи байналмилалии Ҷоми иттиҳод – “Ирбис” дар Қазон барои дастаи мунтахаби футболи толории Тоҷикистон (U-20) як давраи омодагӣ ба Чемпионати Осиё-2019, ки аз 14 то 23 июн дар Табрези Эрон доир мегардад, ба ҳисоб мерафт.

ЧИДААХБОРИ ВАРЗИШӢ

Шайх Салмон ибни Иброҳим Ал-Халифа боз ҳам ба вазифаи президенти Конфедератсияи футболи Осиё интихоб шуд.

Интихоби президенти ин ниҳод дар кунгураи КФО, ки рӯзи шанбеи ҳафтаи гузашта дар Куала-Лумпур баргузор гардид, сурат гирифт. Шайх Салмон ибни Иброҳим Ал-Халифа-и 51-сола аз соли 2013 роҳбари КФО аст ва ҳамакнун то соли 2023 дар ин вазифа хоҳад монд. Ӯ ҳамчунин ноиби аввали президенти FIFA аз Осиё аст. Дар Кунгураи КФО ноиби президент ва узви Кумитаи иҷроия ва Шӯрои КФО низ интихоб шуданд.

***

Дастаи мунтахаби муштзанҳои Тоҷикистон аз 17 то 27 апрел дар Бангкоки Тайланд Чемпионати Осиё ширкат мекунад.

Ин бори аввал аст, ки чемпионат миёни мардону бонувон дар як вақт ва дар як ҷой баргузор мешавад. Тоҷикистонро дар ҳайати мардҳо: Шермуҳаммад Рустамов, Сомон Ҳабибов, Баҳодур Усмонов, Мирзомуҳаммади Бахтиёр, Шаббос Негматуллоев, Сиёвуш Зуҳуров ва бонувон: Сумайя Қосимова, Миҷгона Самадова, Шоира Зулқайнарова, Идимоҳ Холова, Нилуфар Бобоёрова намояндагӣ мекунанд. Тибқи муқаррароти нави Ассотсиатсияи байналмилалии бокс (AIBA) акнун варзишгарон дар чемпионатҳои қитъавӣ ба чемпионати ҷаҳон роҳхат намегиранд, мисле ки солҳои пеш буд, вале соҳиби имтиёзҳои рейтингӣ мешаванд.

***

Духтарони футболбози Тоҷикистон (U-19) дар мусобиқаи байналмилалии «Bangamata U-19 Women’s International Gold Cup 2019», ки аз 23 апрел то 3 май дар пойтахти Бангола – Дакка баргузор мешавад, дар гурӯҳи “А” бо дастаҳои бонувони ҷавони Муғулистон (23 апрел) ва Лаос (27 апрел) бозӣ мекунанд.

Дар гурӯҳи “В” дастаҳои Бангола, АМА ва Қирғизистон мубориза мебаранд. Пас аз натиҷагирии бозиҳои гурӯҳӣ ду дастаи беҳтарин аз ҳар ду гурӯҳ ба нимфинал роҳ меёбанд. Дар ҳоли ҳозир дастаи мунтахаби бонувони ҷавони Тоҷикистон бо роҳбарии сармураббӣ Қаноат Латифов дар шаҳри Норак ба ҷамъомади машқӣ-таълимӣ фаро гирифта шудаанд. Ба ҷамъомад Қаноат Латипов 23 бозигар даъват кардааст.

Роҳҳои ОБОД гарданд ХАРОБ

агар нигаҳбони масъулиятшиносе чун «IRS» набошад

INNOVATIVE ROAD SOLUTIONS ALWAYS MOVING FORWARD

Таҷрибаи чанд соли охир далели возеҳи он аст, ки маҳз дар заминаи ҷаҳду талош ва меҳнати шабонарӯзии кормандони филиали Ширкати саҳомии "Инновейтив Роуд Солюшнз ЛТД" дар Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи Душанбе - Чанок, ба истиснои рӯзҳои зиёд будани хавфи тармафарой, умуман баста набуд.



Мавҷудияти зиёда аз 186 мошину техника ва механизмҳои замонавӣ барои нигоҳдории роҳ, ки аксарашон дар ҷумҳурӣ назир надоранд ва бунёди корхонаҳои истеҳсоли мумкир ва дигар масолеҳи барои нигоҳдории роҳ зарур далели возеҳи онанд аст, ки роҳбарияти филиали Ширкат баҳри нигоҳдории роҳ азми қавӣ ва нияти нек доранд.

Аз ин нуқтаи назар, агар касе андеша дошта бошад, ки бо сипаришавии фасли зимистон сарбории кормандони филиали Ширкати саҳомии "Инновейтив Роуд Солюшнз ЛТД" дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кам шуда, мавсимҳои бокимонда бидуни мувоҷеҳ гардидан бо мушкил ва ба сомон расонидани ибтикоре паси сар мешаванд, комилан иштибоҳ мекунанд. Барои мисол, ҳарчанд баҳор фаро расидаву дар паҳноиҳо гармӣ рӯз то рӯз шиддат пайдо мекунад, вале дар масири роҳи Душанбе – Чанок то кунун фаромадани тармаҳо идома дорад. Месазад барои тақвияти сухан аз он ёдовар шавем, ки рӯзҳои охир дар километрҳои 60, 61, 71, 80, 81, 121, 156, 157, 160 тармаҳои калонҳаҷм фаромад, ҳаракати нақлиётро мутаваққиф намуданд. Муҳимтар аз ҳама, дар муддати кӯтоҳ техникаҳои пуриқтидори филиали Ширкат ба маҳалли тармафаромада сафарбар ва тармаҳо филфавр бартараф шуданд.

Агар дар фасли зимистон кормандони «IRS» ба бартарафсозии тармаҳо, коркарди роҳ бо маводи зиддилағжиш, васеъ кардани роҳ дар минтақаҳои тармафаромада, расонидани кумак ба ронандагони дар роҳдармонда машғул бошанд, пас дар мавсмими гармо бартарафсозии пайомадаҳои дигар офатҳои табиӣ, аз ҷумла омадани сел, шусташавии роҳ, лағжиши кӯҳпора ва ғайра мадди назар аст. Илова ба ин, ҳамасола бо фаро расидани мавсими гармо таъмири ҷорӣ ва куллии роҳ шурӯъ гардида, дар ин замина то 50 километр роҳ таъмири куллӣ ва садҳо километр таъмири ҷорӣ мешавад.



Ашхоси огоҳ хуб медонанд, ки бо фаро расидани фасли баҳор, ки бориши боронро ба дунбол дорад, дар роҳҳое, ки аз минтақаи кӯҳистони мамлакат мегузаранд, фаромадани сангпораҳо, омадани сел ва лағжиши кӯҳпора падидаи маъмул аст. Хоса, шоҳроҳи Душанбе – Чанок, ки қисмати зиёди он аз чунин минтақаҳо мегузарад, аз офатҳои табиии зикршуда зиёдтар осебпазир маҳсуб мешавад.

Далелу рақамҳои мавҷуда шаҳодат медиҳанд, ки кормандони филиали Ширкат, ки нигоҳдории шоҳроҳи мазкур ба зиммаашон вогузор аст, баҳри пешгирии чунин ҳолатҳо тавонманданд ва аз имкониятҳои зиёди дарихтиёрдошта самарнок истифода намуда истодаанд.

Шоҳиди он ҳастем, ки дар давоми рӯзи охир дар мамҳамасола дар минтақаи Зарафшон сатҳи оби дарёчаҳои кӯҳӣ бамаротиб баланд шуда, аксар маврид хавфи зери об мондани баъзе мавзеъҳои роҳро ба вуҷуд меорад. Бо дарназардошти вазъияти баамаломада, аз тарафи роҳбарияти филиали Ширкат баҳри пешгирии пайомадҳои ногувори офати табиӣ бетаъхир тадбирлакат бориши борон раванди муттасил шуда, боиси расидани хисороти ҷиддӣ гардид. Омили мазкур ва дар ин замина омадани сел, лағжиши кӯҳпора ва сангфароӣ дар масири шоҳроҳи Душанбе – Чанок масъулияти кормандони филиали Ширкати «IRS» -ро дучанд намуд. Лозим ба ёдоварист, ки солҳои қаблӣ низ аз ҷониби филиали ширкат барои ба ҳолати аввала баргардонидани қитъаҳои селшустаи роҳи мавриди назар маблағи зиёд харҷ гардида, соҳилмустаҳкамкунӣ ва дигар ибтикори ба ин раванд вобаста мадди назар қарор дошт.

Чунин вазъият бештар дар минтақаҳои Варзоб, Зарафшон ва Суғд ба мушоҳида расида, селе, ки дар натиҷаи бориши пуршиддат омад, ба баъзе қитъаҳои роҳ зарари ҷиддӣ расонид. Илова ба ин, дешӣ шуда истодааст. Нуктаи муҳим ва қобили таваҷҷуҳ он аст, ки кормандони кулли намояндагиҳои филиали Ширкат дар минтақаҳои мамлакат вобаста ба вазъи обу ҳаво сари вақт чораандешӣ намуда, аз лаҳзаҳои аввали рух додани офатҳои табиӣ кормандон ва техникаву механизмҳои заруриро баҳри пешгирӣ ва бартараф намудан сафарбар намуданд.

Бидуни муболиға метавон гуфт, ки маҳз ба шарофати меҳнати пурмаҳсул ва шабзиндадориҳои кормандони Ширкати «IRS» ҳаракати муназзаму бехатари воситаҳои нақлиёт аз тариқи роҳи Душанбе – Чанок таъмин аст. Мавҷудияти техникаҳои пуриқтидор ба кормандони филиали Ширкат имкон доданд, ки дар қиболи тамоми офатҳои табиӣ, ки аз лиҳози ҳаҷм қобили мулоҳизаанд, ҳаракати мунтазами воситаҳои нақлиётро таъмин намуда, рисолати хешро дар сатҳи хубу сифати баланд ба ҷой оранд.

Айни замон бартарафкунии пайомадҳои офати зикршуда дар тамоми минтақаҳо босуръат идома дошта, дар ин самт кормандони филиали Ширкат собитқадаманд.

Маркази матбуоти филиали Ширкати саҳомии "Инновейтив Роуд Солюшнз ЛТД" дар Ҷумҳурии Тоҷикистон





Ба ифтихори зодрӯзи устод Садриддин Айнӣ

ТАБДИЛИ АЛИФБО ВА УСТОД АЙНӢ

Ҳар ҳарфе, ки нисбат ба устод Садриддин Айнӣ гуфта мешавад, бешак, ба ин миллату халқи куҳанбунёд дахл дорад. Аз ин сабаб, ин бор қарор додам хомӯш нанишинам.

Аз забони як гурӯҳ мардуми ноогоҳ ва ҳатто аз забони бархе аз рӯзноманигорону нафарони соҳибмаълумот шунидани суханҳои подарҳавое, монанди «Хати форсиро Айнӣ аз байн бурд», «Хати лотиниро Айнӣ ҷорӣ карда», диламро чун паланги гушна мехарошанд. Аз ин нафарони ғафлатзада бипурсед, ки аз чандин чилд осори устод Айнӣ кадом чилдашро пурра хондаанд, забон мехоянд, сурху сафед мешаванд. Шояд ботинан ба ғафлати худ иқрор шаванд, аммо аз аспи ҷаҳолат намефароянд.

Дар мавриди тағйирёбии расмулхат ба мақолаҳои алоҳидаи Муҳаммадҷон Шакурӣ, Толиб Ваҳҳобов, Худойназар Асозода, Муҳаммадюсуф Имомов мурочиат кардем, бо чанде аз айнишиносон, монанди Ҷумъабой Азизкулов ва Абдухолиқ Набавӣ суҳбатҳо доштем. Онҳо ҳамагӣ тасдиқ мекунанд, ки дар табдили хат дар солҳои 1929 ва 1940 Садриддин Айнӣ нақше надорад ва бо тақозои сиёсати давр ӯро мебоист қарорҳои дар Маскав қабулшударо бипазирад. «Дар мавриди мақоми устод Айнӣ оид ба табдили алифбо ҳамин нуктаро таъкид кардан лозим аст, ки агар устод мехост ҳам, аз уҳдаи ин амал баромада наметавонист»,- навиштани Абдухолиқ Набавӣ дар китоби «Ҷусторҳо ва ибтикорот дар наср» сухани моро қувват мебахшад.

Дувум ин ки сиёсати тағйири алифбо на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар бисёри кишварҳои Иттиҳоди Шӯравӣ ҷараён дошт. Бино ба қавли донишманди нуктасанҷи тоҷик Ҷумъабой Азизкулов, агар таърихи давлатдории шӯравии дигар халқу миллатҳоро дуруст омӯзем, рӯшан мешавад, ки расмулхати онҳо низ иваз шудааст. Ин ҳодиса танҳо хоси Тоҷикистони шӯравӣ набуд.

Дар он замони ҳассос, ки хурдтарин иқдоми «ноҷо» боиси навис-навису арзу шикояти пантуркистон ва душманони дигари миллат мегардид, алорағми сиёсати давр сар бардоштани форсӣ ба алифбои лотинӣ ва соли 1940 аз лотинӣ ба ҳуруфи кириллӣ гузаштани Тоҷикистон, устод Айниро нороҳат мекард. Ба қавли Худойназар Асозода ӯ «ин табаддулотро бемантиқ ва бар зарари арзишҳои адабиву фарҳангии миллат медонист», вале барои бо сиёсати давр дар созиш будан, тоҷикон маънии зери хатар гузоштани ҳастии халқу миллат ва воҳиди ҷуғрофии Тоҷикистони шӯравиро дошт, ки бо машаққат ба даст омада буданд. Дар чунин вазъ зиракии сиёсии устод Айнӣ кор додааст. Адабиётшинос Худойназар Асозода дар мақолаи «Сиёсат, воқеият ва устод Айнӣ» низ ба сиёсатдонии ин абармард ишора карда навиштааст: «Устод Айнӣ бо истифодаи дурусти сиёсат тавонист, ки зинаҳои душвори зиндагиро боло шавад ва худро баҳри дифои миллату давлати нави тоҷик нигоҳ дорад ва ба тарҷумаи ҳолаш доғе нагузорад. Ҳол он ки адибони болаёқате буданд, ки воқеият ва сиёсатро дуруст кашф карда натавонистанд ва ба ҷони худ ва эҷоди худ зарари маънавию ҷонӣ ворид сохтанд».

Устод Айнӣ ҳамчун сиёсатмадори нуктасанҷ, эҳтиёткор ва дурандеш хуб медонист, ки ба сиёсат хилоф рафтани адиб оқибати ногуворе дорад ва бо номҳои мустаору рамзӣ мақолаҳо навишта кӯшиши исботи ҳастии миллат ва забону фарҳанги тоҷик мекунад.

Аз аксари мақолаҳои устод Айнӣ пайдост, ки ӯ сиёсати тоҷикпарастии худро ҳамеша ба сиёсати Ҳукумати шӯравӣ созиш дода тавонистааст ва дар ягон матлабаш бӯи маҳалгароӣ, миллатчигӣ ва ё бартариятҷӯӣ нест. Аммо бо вуҷуди ин, душманон ҳамоно ба бадном ва несту нобуд кардани ӯ мекӯшиданд. Пас аз мухторияти Тоҷикистон дар ҳайати Ӯзбекистон низ устод Айнӣ «оҳани тофтаро дар гармогармияш» кӯфт. Ӯ ҳамчун шахси хирадманд ва дурбин эҳсос мекард, ки агар ҳамин ҳоло ба давлати алоҳида шудани Тоҷикистон кӯшиш ба харҷ надиҳанд, баъдан дер мешавад. Аз ин сабаб, баҳори соли 1925 ба навиштани тазкираи «Намунаи адабиёти тоҷик» пардохт ва дар кӯтоҳтарин муддат ба анҷом расонд, ки он соли 1926 дар Нашриёти марказии халқҳои шӯравӣ рӯи чопро дид. Дар чунин нашриёти бонуфузи давлатӣ ба чоп расидани китоби ӯ, ки номвожаи тоҷик зеби он буд, Айниро неруи дучанди муқовимат бахшид ва хитоб кард: «Ана ин асар – «Намунаи адабиёти тоҷик» бо фактҳои таърих пардаи он иғвогаронро дарронид ва ба даҳони онҳо муҳри хамӯшӣ зад».

Албатта, соли 1929 аз алифбои бадном ва китобҳояшро аз чопу фурӯш боз доштанд ва ҳатто баъди фишорҳои рӯҳӣ адиб навмедона ба Лоҳутӣ навишта буд, ки «...агар бо ҳамаи кӯшишҳо кори ман бад шавад, ба бачагони ман монанди як каси доғдор нигоҳ накунед»; агар кас донад, ки ҳаёти ӯ ҳамеша зери хатар қарор дошта, гоҳ мушкил будани хати арабиасосро таъкид дошта, бад-ин восита манфиатҳои аз ин ҳам муҳимтари миллату давлати тоҷикро дифоъ кардааст. Бино ба гуфтаи адабиётшинос Абдухолиқ Набавӣ, «Устод на танҳо дар сиёсату фарҳанг, балки дар навиштани асарҳояш низ эҳтиёткориро шарти муҳим меҳисобид. Ӯ ҳатто баъзе калимаву терминҳои русӣ - интернатсионалистиро қасдан дар навиштаҳояш истифода мебурд, баъзе мавридҳо ичборан содабаёнӣ мекард, ки зери шубҳаи идораҳои дахлдор намонда, корҳои бузургтари дигарашро роҳат анҷом диҳад». Мисоли чунин «беэҳтиётӣ» дар «Намунаи адабиёти тоҷик» дар шеъри «Бӯи ҷӯи Мӯлиён»-и Рӯдакӣ мушоҳида мешавад, ки устод ҷабри сиёсиашро кашида буд...

«Ба назар чунин мерасад, ки барои баъзе аз афрод як ҳақиқати бебаҳсро бояд, ки такрор ба такрор гӯшрас намоӣ, то зеҳни эшон аз ин ифроту тафрити андеша пок шавад...»,- гуфтани Абдухолиқ Набавӣ ба ручӯи дубораи мо ба мавзӯи мазкур сабаб шуд ва бори дигар ба тасдиқи ҳақиқати ҳол камар бастем. Зеро «Имрӯз Садриддин Айниро дар амалӣ шудани барҳамдиҳии алифбои ниёкон маломат кардан беадолатӣ нисбат ба ин шахсияти нотакрори миллат аст. Офарин ба устод Айнӣ бояд гуфт, ки ба ҳама набардҳои сиёсӣ тоқат овард ва «барои як кайк шуда пӯстинро насӯзонд», балки барои миллаташ хидмат кард, адабиёту фарҳангашро олимонаву содиқона инкишоф дод».

Дар илми фалсафа ҳам қонуни инкори инкор ҳаст. Мувофиқи ин қонун, инкори ин ё он ҳодиса ва ё шахсият набояд кушанда, балки бояд инкишофдиҳанда ва таҳрикбахшанда бошад. Инкор бояд чунон сурат гирад, ки беҳтарин падидаҳои инкоршаванда барои беҳбуди ояндаи тасдиқшаванда хизмат кунад, вагарна он инкор инкори бемантиқ хоҳад буд. Аз ин рӯ, пеш аз баҳо додан ба ҳаводиси гузашта ва осору зиндагиномаи гузаштагон огоҳии комилу хушбинӣ зарур аст. Агар кас донад, ки аз дасти ҷаллодони амир 75 чӯб хӯрдан чӣ ранҷу азияте дорад; агар кас донад, ки соли 1937-1938 аз сиёсати пурфишору пуртаҳдид ва сиёҳ карданҳои як зумра сиёсатмаобони давлати шӯравӣ душманони устод истифода бурда, ӯро навиштаҳои ӯро мӯшикофона ба риштаи пажӯҳиш кашад, ба инкори хизматҳои бедареғи Аллома Айнӣ намешитобад, зеро маҳз хидматҳои устод Айнӣ ва ҳамфикрони ӯ буданд, ки як миллати бузург аз «сиёҳу сафед»-и гузаштаи худ огоҳ шуда, роҳи ояндаашро мунаввар кард.

дар Самарқанд ва гоҳ дар Тошканд паноҳ бурдааст; агар кас

Бузургмеҳри БАҲОДУР

Зист умре ҷон ба каф...

Бо азони “Марши озодӣ” зи хоби ғафлат ӯ
Халқро бедор кард.
Гуфт, истибдодро бар додгаҳ бояст бурд,
Гуфт, истисморро бояст торумор кард.

Баҳри побарҷоии мо по зи ҷо бардошт ӯ,
Бар дифои сарфурӯён сар фаро афрошт ӯ,
Чашми моро боз бар Хуршеди пуранвор кард.

Пешкори давр кард афкори пешоҳангро,
Поза нӯки хомарову хомаро испор кард.
Остин барзад матин,
Паҳнаи таърихро шудгор кард,
Қитъа-қитъа ҳафр бал монандаи ҳаффор кард.
Бар ҳама тоҷикмункирҳои давр,
Бар ҳама тоҷикмункирҳои даҳр
Гуфт: “Бингар, буд тоҷик аз азал!”,
Гуфт: “Медон, ҳасту монад то абад!”.
Чун бад-ин маънӣ басе исрор кард,
Халқи дунё ҳам ба буду ҳасти мо иқрор кард.

То намояд тоҷвар тоҷикро,
Хунравон тан, хунфишон дил, то ахирин қатра хун
Рустамона бо Сияҳдеви Замон пайкор кард.


Як чунин ҷонбози беанбоз буд,
Зист умре ҷон ба каф,
Лек андар наъши миллат ҷон дамонд.
Зиндагардонии одам хоси Исо буд агар,
Садҳазорандоза ӯ эъҷози исовор кард.
Ҷон ато бинмуд бар миллат, вале
Зиндагиву ҷон варо исор кард.

Буд Айнӣ Рӯдакии навзуҳур,
Рӯдакимоно ба мо дарси сухандорӣ бидод.
Буд Айнӣ тоза Фирдавсии мо,
Мисли Фирдавсӣ ба мо дарси ватандорӣ бидод.
Буд Айнӣ Дониши донишгарои асри нав,
Халқро таърихҷӯ, таърихдон, таърихсоз,
Маърифатандӯзу донишёр кард.
То асар кобем мо мо аз хештан,
То асар ёбем мо аз хештан,
Сафҳагардон асрро бинмуд пушти аср ӯ,
Сафҳа-сафҳа асрҳоро ҷилд-ҷилд осор кард.

Низ Айнӣ Маздаки маздоии навхез буд,
Худшиносиро чу ойини навин илқо намуд.
Бо азони “Марши озодӣ” зи хоби ғафлат ӯ
Халқро бедор кард.

Гардам аз вожунагардии замон,
Мо кунун аз худ бигӯем ал-амон.
Дар ҷаҳон мерос аз ӯ тоҷикбедорӣ бимонд,
Ҳолиё тоҷикбезории тоҷикон бубин.
Дар ҷаҳон мерос аз ӯ тоҷикэъморӣ бимонд,
Ҳолиё тоҷикинкории тоҷикон бубин.
Модари айёмро бингар, фузун
Зода тоҷике, ки аз озодагӣ
Бишмарад афзал биёбонзодагӣ.
З-ин сабаб бо амри вақт
Бар фарози пештоқи Кохи Миллат, эй азиз,
Аз матои парчами кишвар гирифта парчае.
В-андар он муште зи хоки гӯри ӯ анбошта,
То шифо ёбем аз ин темор мо,
Боядо тӯмор кард.

Салими ЗАРАФШОНФАР



БОЗОРИ МАНЗИЛ МЕФУРЎШАМ

► 5ҲУҶРАГӢ

► 5-ҳуҷрагӣ, 95 м кв., ошёнаи 4, бинои хиштини 4-ошёна, таъмиршуда ва бо мебел, даро зиндагӣ кун. Суроға паси маркази савдои "Саодат", кӯчаи Шамсӣ. Тел: 909-22-44-71.

► Таъҷилан! Квартира 103 м.кв., қабати 9, бинои нав сохти 14-ошёна, бе ороиши дохилӣ, суроға кӯчаи Бухоро 23, рӯ ба рӯи Кумитаи гумрук. Тел: 93-577-01-19.

► ҲАВЛӢ

► Хона дорои 4 ҳуҷра, 4 сотих замин, суроға Гулбутта, ҚДС-11/1. Тел: 915-06-55-06, 987-729-802.

► Хонаи ду ошёна дорои 6 ҳуҷра, нархаш 26.000 в.ш. Тел: 904-45-52-55.

ХИЗМАТРАСОНӢ

► Сантехник, ивази қубур, насби термексҳо ва ғайра. Тел: 917-66-04-11.

► Панҷараҳои оҳанин, навесҳо, пешайвон, дарҳо ва дигар ашёҳои металисохт бо тирезаҳои пластикӣ. Азнавсозии панҷараҳои куҳна. Тел: 934-30-65-16, 909-11-55-16, 91-903-32-77

ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Аттестат оиди хатми синфи даҳуми БР 246678-и гумшуда, ки онро мактаби миёнаи №34-и ноҳияи И.Сомонӣ соли 1987 ба Зияева Зебинисso Ибадуллоевна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Замима ба дипломи №0018647, бо рақами қайди №0159-и гумшуда, ки онро Литсейи техникии саноати хӯроквории шаҳри Душанбе 30.06 соли 2006 ба Давлятова Малоҳат Ҳусейновна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дипломи гумшуда, ки онро Донишгоҳи технологии Тоҷикистон соли 2010 ба Шерматов Ҷавад Анварович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дипломи магистрии ДММ №0000033 бо рақами қайди №641-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон соли 2008 ба Милосинова Гулрух Амирджановна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШВКД-и ноҳияи Фирдавсӣ соли 2019 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Фирдавсӣ, бинои 62, ҳуҷраи 58 ба Акрамов Ёқуб Амронохонович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестат оиди хатми синфи нуҳуми ШТС №0086809-и гумшуда, ки онро мактаби миёнаи №76-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе соли 2003 ба Суюнов Отабек Сафарович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дафтари лидории гумшуда бо суроғаи шаҳриДушанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Маяковский, бинои 79, ҳуҷраи 50 ба номи Булатова Мастура Михаиловна, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо серияи А4116932-и гумшуда, ки онро ШКД-2 дар ноҳияи Сино 9.08 соли 2006 ба Нугмонова Махсуда Хошимовна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо серияи А01776786-и гумшуда, ки онро ШШМ ШВКД-1 дар ноҳияи Сино 04.03 соли 2019 ба Ғафурова Лола Эркиновна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи нафақавии №11890-и гумшуда, ки онро РМИ ВКД ҶТ 05.03 соли 2013 ба Шарифов Ниёзширин Маҳмадмуродович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидории гумшуда бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Лоҳутӣ, бинои 9, ҳуҷраи 18 ба номи Акрамова Шаҳноза Алиевна беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Коллеҷи информатика ва техникаи компютерии шаҳри Душанбе соли 2015 ба Аллямрудов Абдулло Ҳотамович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестат оиди хатми синфи ёздаҳуми №093104-и гумшуда, ки онро мактаби миёнаи №27-и ноҳияи Мир Саид Алии Ҳамадонӣ 18.06 соли 1992 ба Маҳмудов Ҷурабек додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо серияи А00714377-и гумшуда, ки онро ШММ Сарвода ШВКД-и ноҳияи Айнӣ 13.12 соли 2016 ба Холиқов Шомил Холиқович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши литери 2-1/С хонаи истиқоматӣ таҳти феҳристи №1ш-1063-и гумшуда, ки онро Нотариуси давлатии ноҳияи Рӯдакӣ 28.10 соли 2011 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати Чимтеппа, деҳаи Корвон 48 ба Ҳақбердиева Дилафрӯз Қаҳоровна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестат БП №122148-и гумшуда, ки онро мактаби миёнаи №56-и ноҳияи Сино 02.09 соли 1968 ба Рокачев Сергей Васильевич додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо серияи А0798994-и гумшуда, ки онро ШКД-и ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, ҷамоати Меҳнатобод, деҳаи Гулобод 13 ноябри соли 2012 ба Ганҷинаи Элмурод додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи имтиҳонии гумшуда, ки онро Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат соли 2016 ба Саъдиев Достон Одилҷонович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестат оиди хатми синфи ёздаҳуми АБ 55648-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №4-и ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ соли 1998 ба Иброимов Раҳматулло Каримович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини дарҷаи А №0077491, сертификати мазкур таҳти № 3792/17, аз 11.07 соли 2017 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Чортеппа, деҳаи Арбобхотун ба номи Нарзулоева Сайлигуль Солиҳовна бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Аттестат оиди хатми синфи нуҳуми ШТС №0086556-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №40-и ноҳияи Фирдавсӣ соли 2003 ба Мансуров Муҳаммад додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирии давлати Маркази миллии қонунгузории №0001215, РЯМ 0110000981, РМА 010082702-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансур 11.09 соли 2009 додааст, беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон соли 2018 ба Ризванов Саидҷон Сафярлоевич додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ таҳти феҳристи №1Ш-201-и гумшуда, ки онро Нотариуси давлатии нотариалии давлатии ноҳияи И.Сомонӣ 21.02 соли 2018 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи И.Сомонӣ, кӯчаи Ф.Шаҳобов 32а (собиқ Озодии занон) ба Ҳамидов Абдусамад Маҳмадалиевич додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ бо реестри №6782-и гумшуда, ки онро КВД "Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул" 31.01 соли 2008 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи И.Сомонӣ, кӯчаи Ф. Шаҳобов 32а (собиқ Озодии занон) ба Махкамов Улуғбек Азамович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи имтиҳонӣ ва билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишгоҳи миллии Тоҷикистон соли 2017 ба Баҳодуров Навруз Икромиддинович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Патент бо РМА 515905580, РЯМ 513017495-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Хуҷанд соли 2015 ба Ҳайдаров Толибҷон додааст, беэътибор дониста шавад.

► Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини наздиҳавлигии дарачаи / 0149080-и гумшуда аз шаҳрванд Қодирова Зинат сокини шаҳри Ҳисор кӯчаи Муҳиддинов -10 а беэътибор дониста шавад.

► Дипломи А 149837-и гумшуда, ки онро Литсейи инноватсионии шаҳри Душанбе соли 2014 ба Бояков Сангак Ҳабибуллоевич додааст, беэътибор дониста шавад.

► Номаи камоли гумшуда бо силсилаи Т-ШТА №09323317, ки соли 2013 МТМУ №59-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ба Тоирова Фарангис Шералиевна (соли тавалуд 11.09.1997) оиди хатми синфи 9 -ум додааст, аз эътибор соқит дониста шавад.

► Номаи камоли гумшуда бо силсилаи Т-АТУ №0145439, ки соли 2015 МТМУ №59-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ба Тоирова Фарангис Шералиевна (соли тавалуд 11.09.1997) оиди хатми синфи 11 – ум додааст, аз эътибор соқит дониста шавад.

БАРҲАМ МЕХУРАД


► ҶДММ "НФС ЧОРТУТ" бо №0260033, РЯМ 4110001436, РМА 410003371, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоят муддати ду ҳафта қабул карда мешаванд.

► Соҳибкори инфиродӣ ба номи Усманов Фироги Орзукулович, № 0384606, РЯМ 0230078127, РМА 025256185, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоят муддати ду ҳафта қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Шавқовар" бо РЯМ 0110017362, РМА 010091997, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоят муддати ду ҳафта қабул карда мешаванд.

► Фонди Ҷаъмиятии Қарзии Хурди "Эҳсон 2017" бо №0280034, РЯМ 0410031270, РМА 040052619, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоят муддати ду ҳафта қабул карда мешаванд.






НУҚТАҲОИ ҚАБУЛИ ЭЪЛОН

ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ

- Кӯчаи Бохтар 3. Назди бинои «Рӯдакӣ-Плаза». Тел. 223-01-10
- «Услуги населению». Рӯ ба рӯи СУМ, назди "Спорт Бар". Тел. 227-20-17
- "Марказ". Кӯчаи Пушкин 24. Назди бинои «Вефа-центр». Тел. 223-00-54
- «Информационный Центр Недвижимости». Кӯчаи Валаматзода 6 (назди сафорати Туркия).
- «Садбарг». Гузаргоҳи зеризаминӣ.
- Кӯчаи Беҳзод 7А. Назди «Шабакаи аввал», дӯкони рӯзномафурӯшӣ.
- «Зима-Лето». Маҳаллаи 82, кӯчаи Шамсӣ 26. Назди «Тиб барои шумо».
- Маҳаллаи 33. Рӯ ба рӯи бозор.
- Кӯчаи Маяковский 46
- Маҳаллаи бозори «Ҷал-Ҷам», пушти истгоҳ.
- Кӯчаи Гипрозем, Шаҳраки ҳарбиён, дӯкони рӯзномафурӯшӣ



ДАР ВИЛОЯТИ СУҒД

- ш.Хуҷанд, маҳаллаи 20, бинои «Кохи Матбуот», 7ошёна.

ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

- Кӯчаи Бобоҷон Ғафуров, назди меҳмонхонаи "Қурғонтеппа", дӯкони рӯзномафурӯшӣ.
- Кӯчаи Бобоҷон Ғафуров, рӯ ба рӯи «Маорифи вилоятӣ».



БАРОИ ОНҲОЕ, КИ ДӮСТАШОН МЕДОРЕД ВА АЗ ҶОН АЗИЗТАР МЕҲИСОБЕД

Мехоҳед табъи падару модар, хоҳару бародар, фарзандон, хешу табор, наздикон ва дӯстдоштаатонро болида созед?

Ба хурсандии онҳо хурсандӣ зам кунед?

Амалатон ба хотирашон нақш бандад ва бо шумо фахр кунанд?

Пас, онҳоро бо зодрӯз, маросими арӯсӣ, ҷашнҳои оилавӣ ба воситаи рӯзномаҳои машҳур «Оила», «Тоҷикистон», «Рекламная газета» табрик кунед. Дар ҳар куҷое бошед ин кор бароятон хеле содда ва арзон меафтад.

Барои ин ба шумо лозим аст:

1.Ба рақами **44-640-99-88** занг занед, матни табрикот ва номи рӯзномаро гӯед;
2. Оператор ба шумо код медиҳад;
3. Ба назди терминали пардохтҳо оед, дар он рамзи «Рекламная газета»-ро пайдо кунед ва маблағи табрикотро пардохт намоед.

Оё аз хурсандии онҳое, ки дӯсташон медореду бароятон омода ҳастед ҷонатонро фидо кунед, аз ин дида ширинтар, гуворотар, писандидатар чизе ҳаст?

Пас, фурсатро аз даст надиҳед, онҳо интизори табрикот ва лутфу меҳрубонии шумо ҳастанд.

Телефон барои маълумот: 238-61-61

МАРКАЗИ ОМУЗИШӢ «TMC EDUCATION GROUP» INTELLECT

TMC EDUCATION GROUP SINCE 2004 ТАҲСИЛИ МУОСИР ВА САМАРАНОК

ТАВАҶҶУҲ!!!

ҲАМАИ ДОВТАЛАБОНРО БАРОИ ТАҲСИЛ ДАР КУРСҲОИ КУТОҲМУДДАТ:

- Баҳисобгирии молиявӣ (1 – 2)
- Баҳисобгирии муҳосиботӣ
- Андоз ва ҳуқуқ
- 1С (барномаи муҳосиботӣ)
- TOEFL – preparation
- Business English

Даъват менамояд.

Дар ин курсҳо шуморо барои супоридани имтиҳон ва соҳиб шудан бо сертификати

- CAP
- CIPA
- TOEFL
- ETS



93-561-36-36
Sunat-51@mail.ru
www.tahsil.tj



ТОЛЕЪНОМА



Дар ин ҳафта вазъият тавре сурат мегирад, ки аз наздикон кумак пурсиданатон лозим меояд. Шарм надошта, ба шахсони наздикатон муроҷиат кунед. Аксари ҳамалҳо бо неруи дучанд аз уҳдаи кори зиёд баромада, ба боварии роҳбарият медароянд ва вазъи молиявиашон беҳтар мегардад. Фаромӯш насозед, ки хастагии аз андоза зиёд боиси асабхаробӣ ва бемориҳои зиёде гашта метавонад. Баробари худро нотоб ҳис кардан табобатро ба таъхир нагузоред. Асаб ва масунияти бадану дилро эҳтиёт кунед.



Нимаи аввали ҳафта ба мушкиле гирифтор мешавед, ки танҳо дар танҳоӣ аз уҳдааш баромада метавонед, аз ин рӯ ба ёрдамчиён умед набандед. Рӯзҳои душанбеву сешанбе бо корҳои батаъхирмондаи худ машғул шавед. Нохушиҳои рӯзи панҷшанбе ба саратон омада аз рӯйи шиносҳои тасодуфӣ ва забонро дошта натавонистани худатон рух медиҳад. Ҳангоми пинҳон намудани коре, ки набояд ба чашми атрофиён афтад, ҳушёр бошед.



Аз рӯзи сешанбе сар карда, диққати худро ба амалӣ сохтани орзуву хоҳишҳоятон равона созед. Ба ҳар коре, ки бо дасту дили гарм машғул мешавед, бобарор анҷом меёбад. Рӯзи чоршанбе аз ноомадии баъзе корҳоятон хавотир нашавед, ин муваққатӣ аст, мушкилатон яке пайи дигар рафъ мегардад. Бо шахси дӯстдошта муноқиша карданатон имкон дорад. Дар дохили оила низ ҷангу низоъ рух медиҳад. Агар аз қаҳру ғазаб худдорӣ намоед, имкони беҳтар сохтани муносибатҳои ошиқона ва оилавиро пайдо мекунед.



Агар гузаштаи худро ба ёд оварда, ашки ҳасрат рехтан гиред, дар корҳоятон муваффақ намегардед. Миёнаи ҳафта аз сафари роҳи дур ва сафарҳои корӣ худдорӣ намоед, зеро нақшаҳоятон амалӣ намешаванд. Имкони болоравӣ дар вазифа бе сафар карданатон ҳам ҳал мегардад, агар шумо моҳирона ба дили роҳбарият роҳ ёбед. Ҳунару маҳорати худро шарм надошта нишон диҳед. Миёнаи ҳафта тафтиши ногаҳонӣ имкон дорад, омода бошед. Ба саратонҳои муҷаррад бештар ба ҷашну маъракаҳо рафтанро тавсия медиҳем.



Ҳафтаи ноором буда, эҳтимоли ҷароҳат бардоштанатон зиёд аст. Бо вуҷуди он ки худро бардаму бақувват ҳис мекунед, ба саломатӣ бепарвоӣ зоҳир накунед. Айни замон рагҳои хунгарду устухонҳоятон заиф гашта имкони бемор шудан ва хурӯҷ намудани бемориҳои музмини банду буғумҳо ва дандон, пайдо шудани дарди сахти сар эҳтимол дорад. Рӯзҳои ҷумъа ва шанбе ба якравию гарданшахӣ роҳ надиҳед, вагарна дар оилаатон муноқиша сар мезанад.



Ҳафтаи хубест барои рафъи мушкилиҳое, ки ба шумо душворӣ эҷод мекарданд. Ҳодисае, ки рӯзҳои наздик дар ҷойи коратон рух медиҳад, шуморо аз банди фикрҳои мағшуш раҳо бахшида, шодиву нишот ба дилатон роҳ меёбад. Барои бемор нашудану аз ҷароҳат бардоштан эмин мондан бояд хеле эҳтиёткор бошед. Дар ин давра эҳтимоли бемор шудани ҷигар ва асаби сурин вуҷуд дорад.



Аввали ҳафта нафаре бо шумо муноқиша мекунад. Ҳарчанд кӯшиши аз моҷаро гурехтанро мекунед, вале имкон намеёбед. Ҳеҷ гоҳ ба бадӣ бо бадӣ ҷавоб надиҳед, вагарна охири ҳафта вазъият бар зидди шумо мегардад. Нимаи дуюми ҳафта аз кори якрангу бемаънӣ дилгир мешавед, атрофиён шуморо дарк карда наметавонанд, бо кори табъи дилатон машғул шуда наметавонед. Муноқишаи рӯирост дар ин маврид беҳуда аст. Кӯшиш намоед, ки ба фишори рӯҳӣ гирифтор нашавед, вагарна бемор шудани рӯдаи рост имкон дорад.



Аввали ҳафта аз рафтори аҳли хонавода, ҳамкорон, ҳатто ҳайвоноти хонагӣ ва ҳангоми кор бо асбобҳои техникӣ сахт асабӣ мешавед. Сабру таҳаммулро пеша намоед. Рӯзи чоршанбе вазъият рӯ ба беҳбудӣ меорад. Бемориҳои зиёдатон рӯ зада, ҳолати бади рӯҳӣ ба ҳолати ҷисмониятон беасар намемонад. Ба узвҳои пешоббарор диққати бештар диҳед, имкони бемор шудани гурдаҳо, бемориҳои инфексионӣ ва ҷароҳат бардоштанатон вуҷуд дорад. Аз афтидану ҷароҳат бардоштан эҳтиёт шавед, хусусан миён ва зонувонро аз зарб хӯрдан нигоҳ доред.



Дар ин ҳафта бодиққат ва дурандеш будanатон зарур аст. Дар касбу кор муваффақ гашта, роҳбарият аз кори шумо қаноатманд мегардад. Рӯзи чоршанбе ба қаҳру ғазаб роҳ надиҳед. Рӯзи панҷшанбе кӯшиш кунед, ки ба ҷое дер накунед. Мутаассифона бо шахси дӯстдошта нофаҳмӣ рух дода, чанд рӯз бо ҳам ногап мешавед. Нафароне, ки дар ҷустуҷӯйи манбаи нави даромад ҳастанд ё кори худро иваз кардан мехоҳанд, ба мақсад намерасанд. Вазъи молиявии шумо аз дигарон вобастагии зиёд дорад.



Дар ин ҳафта қуввааву имкониятҳои худро ба назар гирифта, амал кунед. Рӯзи чоршанбе бе тайёрии пухта ба корҳои муҳим машғул нашавед. Рӯзи панҷшанбе барои ба бозор рафтан хуб аст. Рӯзи ҷумъа душманони пинҳонӣ ва бадхоҳон фаъол мегарданд. Рӯзҳои истироҳат тасодуфан дар муноқишаи дигарон ширкат варзида, тамоми гуноҳро ба сари шумо бор мекунанд ё вазъият тавре сурат мегирад, ки мушкили дигаронро рафъ карданатон лозим меояд.



Аввали ҳафта бо муноқишаи атрофиён оғоз меёбад. Дар ин рӯзҳо ба сари чанбари мошин нишастанро тавсия намедиҳем, дар роҳ бе муноқиша намеравед. Беҳтараш неруи манфиятонро ба фоидаи худ истифода бурда, бо нафаре ки кайҳо ба асабатон мерасид, вохӯрда норозигии худро баён кунед. Рӯзҳои ҷумъа ва истироҳат душвор мегузаранд. Беҳтараш ин рӯзҳоро дар хона гузаронед. Агар одати бекор нишастанро надошта бошед, аз сафару саёҳат , муошират ва ҳалли мушкилиҳои пулӣ худдорӣ намоед.



Барои нафароне, ки бо кори тиҷорату савдо ва сафарҳо машғуланд, ҳафтаи душвор меояд. Тамоми имкониятҳоятон маҳдуд, зимни робитаҳо душворӣ сар зада, ибрози ақида карданатон мушкил мешавад. Ҳангоми сафар монеаҳо пеш омада, дар тахт намудани ҳуҷҷатҳо ба ғалат роҳ додану гум кардан имкон дорад. Агар вазифаи роҳбариро бар дӯш дошта бошед, корманди худро барои меҳнати босамар таъриф карданро фаромӯш накунед.

ТАБИАТШИНОСӢ

Омӯзиши он чӣ аҳамият дорад?

Фанни табиатшиносӣ яке аз фанҳои бениҳоят шавқовару диққатҷалбкунанда буда, қобилияти дарки ҳодисаҳои табиатро дар ниҳоди кӯдакон бедор менамояд.

Ин фан ҳодисаҳои табиати атрофии мо, олами пурасрори набототу ҳайвонот, гардиши об, ба амал омадани шабу рӯз, чирмҳои осмонӣ, ҳодисаҳои кайҳон, сангҳо, кӯҳҳо, боду ҳаво, раъду барқ, тирукамоне, ки бо рангоангиаш ҳайратовар аст, меомӯзад, ки ин дар ояндаи кӯдаки зираку ҳушёр заминаи хубест барои интихоби касб. Ин ҷо танҳо ба шавқу рағбат ва то кадом андоза фаҳмонида тавонистани омӯзгори синфҳои ибтидоӣ вобастагӣ дорад ва дар қалби кӯчаки кӯдаки хурдсол меҳри ин фанро ҷой карда метавонад, барои ҳамин ҳар як таълимдиҳанда бо роҳу усулҳои замонавӣ бо истифода аз айёният расмҳои ҷолибу рангоранг, навгониҳои олами атрофро аз тариқи симову садо шунидаву дида, бо як ҳиссиёти баланд ба хонандагон расонида тавонад.

Омӯзиши чирмҳои осмонӣ, агар ба кӯдак писан ояд, вай метавонад, дар оянда олими бузурги соҳаи физикаву астрономия шавад ва шояд ба муваффақиятҳое ноил гардад, ки то ҳанӯз ба инсонҳо номаълум бошад. Масалан, мавзӯъҳо дар бораи маъданҳои кӯҳӣ пурра омӯзонида шавад, хонандаҳое ҳастанд, ки баъди хатми мактаб геолог шуда, ба омӯзиши кӯҳҳои сарбафалаккашидаи Тоҷикистони азизу ҷоноҷонамон сар мекунанд.

Омӯзгор метавонад ба воситаи омӯзонидани дарси табиат, табиати ватани моро, ки биҳиштосояш мегӯянд, ба хонандагон талқин намуда, дар ин раванд дар ниҳоди хонандагон ҳисси дӯст доштани Ватанамон, ки хеле пурбаракат аст, бедор намоянд.

Табиати Тоҷикистон тамоми боигариҳоро, инчунин, чор фасли солро дорост, ки ҳамаи инҳо туҳфаҳои бемисли табиатанд, аз ин рӯ, мо бояд табиати диёрамонро тозаву озода нигоҳ дорем, дарахту гулу гулбуттаҳоро зиёд шинонем, диёрамонро обод гардонида, ба тамоми зебогиву тозагию покиаш ба наслҳои оянда боқӣ гузорем.

Оимгул НАСИМОВА,
омӯзгори синфҳои ибтидоии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №42-и ноҳияи Фирдавсӣ



ШИФО ёфта ҳам набошам, БЕХАВФАМ

Бо амри тақдир бо ҷавони оромтабиат хонадор шудам. Аз зиндагиамон шаш моҳ гузашт. Муносибати хусуру хушдоманам бо ман хуб буд. Ин манзара ба зани ҳеварам намефорид ва кӯшиш мекард, ки маро дар назди онҳо сиёҳ кунад.



Бисёр вақт ҳангоми ҷанҷоли оилавӣ аз наздашон дур мерафтам, то ки маро дар ин ҷо гунаҳкор накунанд. Шавҳарам ҳамеша кӯшиш мекард, ки аз нофаҳмиҳои оилавиашон бохабар набошам. Чунки ӯ рафтори янгаашро медонистааст, ки бо ман рашки зиёд доштааст ва ҳар вақт маро дар назди волидони шавҳарам бад мекардааст. Инро шавҳарам аз ман пинҳон медошт, то ки зиндагиамон вайрон нашавад. Ба хотири янгааш маро ҳеҷ гоҳ ба хонаамон намебурд ва аз модараш хоҳиш мекард, ки ӯ маро ба хонаамон бубарад. Шавҳарам ба муҳоҷират рафт. Баъди як сол ба ватан баргашт. Зиндагии мо аз ҳисоби муҳоҷират буд ва ҳар сол як-ду маротиба барои пайдо кардани маблағ барои рӯзгузаронӣ сафар мекард. Баъди як соли зиндагии муштарак ҳомиладор шудам. Хурсандии моро ҳаду канор набуд. То ин дам танҳо аз муоинаи духтурони амрози занона гузаштааму табобатро дар хона гирифтаам.

Баъди дувоздаҳ ҳафтаина шудани кӯдак ҳамшираи минтақавӣ омаду маро ба қайд гирифт. Вақти таваллуд ба беморхона рафтаму кӯдакамро ба даст гирифтам. Аз он ки ҷараёни таваллуд вазнин гузашт, чанд моҳ фарзандам дар таҳти назорати духтурон буд. Дар ин миён хунрав шудам ва духтурон талаб карданд, ки бояд ба ту хун гузаронем. Волидонам ба хотири зудтар шифо ёфтанам, аз дӯсти падарам хоҳиш мекунанд, ки ба духтари мо хун диҳед. Ӯ розӣ мешавад ва танҳо баъди мувофиқ омадани ҳуҷайраҳои хунамон ба ман хун гузарониданд. Баъди шаш моҳа шудани тифл боз бемор шудам ва маро бистарӣ карданд. Вақте таърихи беморӣ кушодан, тамоми таҳлилҳоро гузаштам ва тести вируси норасогии масъунияти одам мусбат баромад. Духтур ба хотири дастгирии равонӣ бо ман кор мекарду вобаста ба роҳҳои сироятёбӣ, нигоҳ доштани роҳҳои худу атрофиёнро аз сироятшавӣ ва муолиҷаю бехавф мондани шахси бемор ба атрофиён ва дигар нозукиҳои беморӣ суҳбат мекарданд. Инчунин, қайд карданд, ки агар мабодо шавҳаратон эрод гиранд, ба назди мо фиристед ё рақамҳои моро ба онҳо расонед, то ки худамон ӯро фаҳмонему гумонашро дур созем. Аз назди духтур баромадаму намедонам ба замин роҳ мегаштам ё ба осмон, ягона саволе, ки дар сарам чарх мезавад, ин буд: “Шавҳарамро чӣ мегӯям, бехтараш худамро мекушам, ки бори бадномӣ аз гарданам соқит шавад. Боз андеша мекардам, шояд худкушии ман обрӯи волидонамро резонаду онҳо сарашонро дар назди халқ бардошта натавонанд”. Ҳолатамро пинҳон дошта, ба духтурам гуфтам, ки бояд ба хона равам ва роҳ ба сӯи хона гирифтам. Ҳарчанд роҳҳои сироятёбиро гуфта бошад ҳам, вале метарсидам фарзандамро оғӯш кунам. Аз ин рафтори ман модарам батаачуб омаду пурсид, ки чаро ту намегузорӣ писарат оғӯшат гирад?

Гиря гулугирам кард ва чизе гуфта наметавонистам. Аз модарам хоҳиш кардам, ки сарам сахт дард карда истодааасту маро танҳо гузоранд. Духтур гуфт бояд каме истироҳат кунам. Дарро маҳкам карда, ончунон гиристаму ба худ суол додам, ки чаро Худованд ба ман ин бемориро раво дидааст. Ду рӯз пас ба хонаамон машваратчиён омаданду бо ман суҳбат кардан хостанд, намедонистам чашмони сурх гаштаамро чӣ гуна пинҳон дорам. Онҳо волидонамро низ даъват карда, аз бемории ман хабар доданд ва гуфтанд, ки шумо нигарон набошед, мо духтари шуморо дар таҳти назорати худ мегирем. Тамоми муолиҷаашро сари вақт гирад, шахси бехавф барои атрофиён ва пайвандон боқӣ мемонад. Ҳамчунин метавонад, фарзанди солим ба дунё биёранд. Вақте ин суханро гуфтанд, рангу рӯи модарам дигар шуд ва ман дар назди худ мақсад гузоштам, ки тамоми гуфтаи духтуронро ичро мекунам.

Дар ин миён шавҳарам ба ман занг зад ва гуфт, ки ба хонаамон баргард, чунки модарам бемор шудааст ва касе нест, ки кори хонаро анҷом диҳад. Ман хомӯш истода нагуфтам, ки майлаш бармегардам. Ин хомӯшии ман шавҳарамро ба ташвиш овард. Дар назди худ қавл гузоштам, ки ҳамаашро мегӯям ва бемор шуданамро пурра нақл карда, гуфтам ки нисбати ман чизе, ки фикр мекунед, фикр кунед. Лекин ман вақти хунгузаронидан ба ин беморӣ гирифтор шудаам. Шавҳарам низ хомӯш шуд ва телефонро хомӯш кард. Баъди се рӯз боз занг заду гуфт, ки баъди як сол бармегардам ва тамоми хаёлам ба муолиҷа банд буду танҳо ба дастгирии равонӣ ниёз доштам. Гоҳо шавҳарам занг мезаду аз аҳволу худаму фарзандам пурсон мешуд. Баъзан боварам намеомад, ки ӯ дубора зиндагӣ кардан мехоҳад ва худам низ ҷуръат намекардам дар ин мавзӯъ суҳбат кунам. Волидонаш ба модарам занг зада гуфтанд, ки духтари шумо гирифтори бемории хатарнок шудаасту мо намехоҳем писари мо бо духтари шумо зиндагӣ кунад, биёеду чизу чораашро баред. Онҳо чизе нагуфтанду бо ман маслиҳат карданд, вале дар ҷавоб гуфтам, ки шавҳарам дар ин бора чизе нагуфтааст, баъди баргаштанаш маълум мешавад.

Баъди як сол шавҳарам ба наздам баргашт ва мо якҷо аз муоинаи духтур гузаштем. Онҳо тавсия доданд, ки бедудилагӣ зиндагиатонро давом диҳеду ҳатто фарзанди солимро ба дунё оварда метавонед. Танҳо муолиҷаро канда накунед, то ки худу атрофиёнро аз беморшавӣ эҳтиёт намоед.

Марҷонаи хуҷандӣ,
модари як фарзанд

«ПАЙВАНДИ НАСЛҲО»

оғози намоиши асарҳои рассмо Нуралӣ Солеҳов



Санаи 4 апрели соли равон дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон намоиши асарҳои узви Иттифоқи рассомони Тоҷикистон Нуралӣ Солеҳов баргузор шуд.

Намоиш «Пайванди наслҳо» ном дошта, рассом дар он 60 асари худро ба маърази тамошо гузоштааст.

Нуралӣ Рачабович Солиев 12 майи соли 1958 дар шаҳри Панҷакент таваллуд шуда, хатмкардаи Колеҷи рассмоии ба номи Мирзораҳмат Олимов мебошад.











ШАКАРХАНД

Тарси мард

Марде зан мегираду баъде се моҳ занаш писар таваллуд мекунад. Мард ба бозор рафта дафтару қалам ва лавозимоти мактабӣ харида ба хона меорад. Занаш ҳайрон шуда мепурсад:

-Китобу дафтарро барои чӣ харидӣ?

Мард мегӯяд:

-Барои писарамон.

Зан:

-Охир писарамон нав серӯза аст.

Мард мегӯяд:

-Аз дасти тифле ки роҳи нуҳ-моҳаро дар се моҳ тай намуд, ҳар кор омаданаш мумкин. Пагоҳ аз ҷояш хеста ба мактаб мерафтагист.

Бовар кун

Шавҳар аз сафари хидматӣ ба хонааш омада, бо занаш салом мекунаду рост ҷониби ҳаммом меравад. Он ҷо мардеро дида, ҳайрон мешавад:

-Шумо дар ин ҷо чӣ кор мекунед?

Мард мегӯяд:

-Ман устои тачҳизоти сантехникӣ.

Шавҳар ба хонаи дигар дарамада, он ҷо марди дигарро дида боз мепурсад:

-Ту кистӣ?

Мард мегӯяд:

-Ако, ман устои барқ, баркро таъмир карда истодаам.

Шавҳар ба ғазаб омада, ба хонаи хоб медарояду он ҷо боз як марди дигарро дида мепурсад:

-Ту дар ин ҷо чӣ кор мекунӣ?

Мард мегӯяд:

-Ако ман мусофирбарро интизор ҳастам.

Шавҳар ба ғазаб омада:

-Чӣ хел мусофимрбар, ин ҷо ошёнаи сеюм аст.

Мард дар ҷавоб:

-Акаҷон, ба он ду нафар бовар кардед, илтимос ба ман ҳам бовар кунед!

Ҷавони беҳунар

Ҷавону духтаре ба хобгоҳ мераванд, ки танҳо як ҳуҷраи холӣ асту тамом. Ҳар ду маслиҳат мекунанд, ки дар як хона зиндагӣ карда, шабҳо байнашон болишт гузошта хоб мераванд. Ҳамин тавр 3 сол аз байн мегузарад. Рӯзи ҳар ду ба театр мераванд, вале ҳамагӣ як билет дастрас мекунанд. Писар ба духтар мегӯяд:

Ту бо чипта даро, ман аз болои девор парида медароям.

Духтар дар ҷавоб мегӯяд:

-Рӯят сафед, о дар давоми 3 сол аз болои як болишт гузашта натавонистиву аз болои девор парида метавонӣ - мӣ?

Маслиҳати бибӣ

Зане ба дугонааш дарди дил мекунад:

-Модаркалонам ба ман гуфта буданд, ки ҳеҷ гоҳ лучи модарзод бо шавҳарат хоб накун. Рӯзи сеюм аст, ки дар сарам рӯймол баста хоб меравам.

Дугонааш мегӯяд:

-Шавҳарат чизе нагуфт?

Зан дар ҷавоб:

-Шавҳарам гуфт, ки дар оилаатон ягон кас девона набуд?

Шукрона


Марде хари худро гум карда, се рӯз гирди шаҳр мекофт ва ҳар замон шукр мегуфт. Мардумро аҷиб намуду аз ӯ пурсиданд:

-Чаро шумо хар гум карда, боз шукр мегӯед?

Мард дар ҷавоб:


-Шукр, ки дар хар савор набудам, вагарна ман ҳам се рӯз мешуд, ки гум будам.

Таҳияи Н.РАҶАБОВА



ПУРСЕД, ҶАВОБ МЕДИҲАНД!

БА ДИРЕКТОРИ АГЕНТИИ ҲИФЗИ ИҶТИМОӢ ВА НАФАҚАИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶТ САФАРАЛӢ НАҶМИДДИНОВ


САФАРАЛӢ НАҶМИДДИНОВ

-Ман як сол пеш аз кори давлатӣ ба нафақа баромадам.Азбаски нафақаам ночиз буд, (ҳамагӣ 430 сомонӣ) маҷбур шудам, шартномавӣ дар ҷои дигар кор кунам. Аз музди меҳнати шартномавиам ҳар моҳ ба фонди нафақа низ пул мегузаронанд. Бигӯед,ки оё ин маблағҳо дар оянда ба нафақапулии ман илова мешавад ва ман онро кай гирифта метавонам?

Саттор ҶОБИРЗОДА,
сокини Душанбе

БА САРДОРИ РАЁСАТИ СОХТМОН, АЗНАВСОЗӢ ВА ТАЪМИРИ АСОСИЮ ҶОРИИ РОҲҲОЮ КУПРУКҲОИ ҲУДУДИ Ш. ДУШАНБЕ САМАНДАР БОБОЕВ

-Сокинони пойтахт ҳоло шоҳиди сохтмони эстакадаҳо (роҳи чандошёна) бо мақсади тамба нашудани нақлиёт мебошанд. Дар минтақаи 82 чунин эстакада қариб ба охир расидааст ва ҳоло сохтмони чунин иншоот дар маҳалли Қарияи боло рафта истодааст. Бигӯед,ки минбаъд чунин эстакадаҳо боз дар кадом минтақаҳои Душанбе сохта мешаванд ва оё бучаи пойтахт ба чунин сохтмонҳо мерасад?

Саодат РОЗИҚЗОДА,
рӯзноманигор



Хонандагон саволҳои худро метавонанд ба унвони ҳафтаномаи “Тоҷикистон” ба суроғаи: 734018, ш. Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, ошёнаи 11 ё бо почтаи электронии tojikiston@pressa.tj, телефон: 238-54-51

Навбатдори шумора: О.НОЗИР